**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

УКД: 339.146.4:338.465 *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БОБОХОНОВА ШАҲРБОНУ ХОЛНАЗАРОВНА**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич

КӮЛОБ-2023

# МУНДАРИҶА

Саҳ.

**МУҚАДДИМА........................................................................................ 3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚ....................................................................................... 13**

1.1. Замина ва хусусиятҳои ташаккули бозори фурӯши барқ.............. 13

1.2. Асосҳои консептуалии амалкунии бозори фурӯши барқ................... 27

1.3. Таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозори фурӯши барқ.......................... 44

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН......................... 61**

2.1. Таҳлили вазъи муосири соҳаи электроэнергетика ва таъсири он ба бозори фурӯши барқ........................................................................... 61

2.2. Таҳқиқ ва арзёбии муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ........................................................................... 75

2.3. Имконияти ҳамгирои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои минтақавии фурӯши барқ....................................................................... 98

**БОБИ 3. ДУРНАМОИ РУШДИ БОЗОРИ МИЛЛИИ ФУРӮШИ БАРҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН............................................ 114**

3.1. Рушди бозори миллии фурӯши барқ дар робита бо манбаъҳои хурди тавлиди барқ........................................................................... 114

3.2. Имконияти татбиқи инноватсияҳо дар бозори миллии фурӯши барқ........................................................................................... 129

3.3. Амсилаи рушди бозори миллии фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавӣ.......................................................... 143

**ХУЛОСА................................................................................................ 156**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ....................................................................... 162**

**ЗАМИМАҲО.......................................................................................... 183**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъминот бо нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти стратегии иқтисодиёт буда, мубрамии рушди он қотеона тасдиқ шудааст. Бозори фурӯши барқ, ки таъминот ба нерӯи барқро амалӣ мекунад, самти муҳими иқтисодиёт буда, вазъ ва мушкилоти он ҳам ба рушди умумӣ ва ҳам ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ таъсири назаррас мерасонад. Бинобар ин, бозори фурӯши барқ ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бозори фурӯши барқ дар таъмини барномаҳои мухталифи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, пойдорӣ ва устувории иқтисодиёти миллӣ, ки аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеоянд ва ба ҳалли мушкилоти истиқлолияти энергетикии мамлакат вобаста мебошанд, саҳми муҳим дорад. Ҳамчунин, рушди бозори фурӯши барқ заминаи асосии амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат мебошад.

Дарвоқеъ, имрӯз ҳаёти муътадили ҷамъиятро бе нерӯи барқ тасаввур кардан мумкин нест. Вале рушди худи бозори фурӯши барқ аз кори бомуваффақияти субъектҳои он, ки барои бо нерӯи барқ таъмин намудани соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва аҳолии мамлакат хизмат мекунанд, вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар таъмини ҳадафҳои стратегии мамлакат аҳамият ва мубрамии хоса дорад.

Аҳамияти баланди иҷтимоию иқтисодии таъминот бо нерӯи барқ масъулияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва мақомоти давлатиро, ки масъалаҳои фаъолияти соҳаи мазкурро танзим мекунанд, афзун мекунад. Зиёда аз ин, хусусиятҳои худи нерӯи барқ ҳамчун мол ба равандҳои ташкил ва рушди бозори фурӯши барқ асари худро мегузоранд. Паёмади таъсири хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун моли махсус ин аст, ки дар бозори фурӯши барқ татбиқ намудани муносибатҳои рақибона мушкил аст. Дар аксари мамлакатҳо ин бозор дар доираи инҳисори давлат қарор дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар дигар мамлакатҳои пасошуравӣ, нерӯи барқ ба соҳаи амали қоидаҳои инҳисори табиӣ мансуб аст. Молҳое, ки субъектҳои инҳисори табиӣ истеҳсол мекунанд, дар аксар мавридҳо ивазшаванда нестанд ва ин ҳолат ба сатҳи нархҳои онҳо таъсир мерасонад. Аксар вақт субъектҳои бозори инҳисорӣ нархи нерӯи барқро бе назардошти майлу хоҳиши истеъмолкунандагон муқаррар мекунанд. Дар чунин маврид давлат масъулияти танзими нархҳоро дар ин бозор ба уҳдаи худ мегирад. Зеро нархҳои инҳисорӣ ба равандҳои рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёт таъсири номатлуб расонида метавонанд.

Гузашта аз ин, имрӯз дар бозори ҷаҳонии нерӯи барқ дигаргуниҳои ҷиддӣ рух медиҳанд. Комёбиҳои илму техника дар соҳаи электроэнергетика ба иштирокчиёни бозори мазкур дар равандҳои истеҳсол, интиқол ва истеъмоли нерӯи барқ имконияти васеъ фароҳам оварда, рақобати шадидро ба маҳсулоти соҳаҳои дигари комплекси сӯзишворӣ ва энергетика ба миён меоранд. Давлатҳо муносибати худро ба танзими бозори фурӯши барқ дигар мекунанд, таркиби манбаъҳои тавлиди нерӯи барқ васеъ мешавад, давлатҳо сиёсати худро дар соҳаи электроэнергетика бозбинӣ мекунанд.

Ҳамаи гуфтаҳо мубрамии таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқро муайян карда, вазифаи муҳими таҳияи муқаррароти назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалиро оид ба мукаммалсозии бозори мазкур ба миён мегузоранд. Дар доираи диссертатсияи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ин вазифа иҷро карда шуда, барои мукаммалсозии бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои миллии соҳаи электроэнергетика тавсияҳои дахлдор таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

**Дараҷаи коркарди илмии масъалаи мавриди омӯзиш.** Диссертатсия ба асарҳои олимон оид ба назария ва методологияи ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии амалкунии субъектҳо дар бозори мазкур асос меёбад. Дар амалияи ҷаҳонӣ оид ба ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ таҷрибаи назаррас мавҷуд аст. Ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар асарҳои илмии муҳаққиқони

хориҷӣ Д.В. Агафонов, А.В. Андриенко, В.Я. Афанасев, Д.В. Баландин, Л.С. Беляев, И.А. Беров, М.В. Василева, Е.Ю. Винокуров, Э.П. Волков, Е.Д. Волкова, И.А. Герасимов, Л.Д. Гителман, И. Дайнер, И.В. Князева, И.А. Косорлуков, И.Н. Макаров, Б.К. Максимов, О.И. Маликова, Л.Г. Матвеева, С.В. Матияшук, А.Н. Мельник, П.М. Муталиева, Г. Рахматулина, А.Ю. Савелева, А.В. Трачук, П.Л. Ҷоскоу ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои ташаккул ва рушди бозорҳои алоҳида дар асарҳои олимони ватанӣ – И. Аминов, Д.С. Амонова, Н.Ф. Нидоев, А. Рауфӣ, Р.К. Раҷабов, Қ.Қ. Толибов, М.Қ. Файзулло, Ҳ.Н. Фақеров, Ф.Р. Шаропов ва дигарон ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Дар асарҳои А.Х. Авезов, Х.М. Ахмедов, А.Д. Аҳророва, М.Р. Абдуназарова, Б.Х. Асоев, Т. Валамат-заде, Х.Р. Исайнов, С.Ҷ. Комилов, Н.С. Назарова, Х.А. Одинаев, Г.Н. Петров, Р.Н. Рауфов, Т.Р. Ризоқулов, Ш.Р. Собирова, Ш.Х. Холиқов, Н.Х. Хоналиев, Д.Х. Хоҷаев, Ҷ.Ҳ. Ҷураева паҳлуҳои гуногуни рушди электроэнергетикаи миллӣ баррасӣ шудаанд. Аз саҳми арзандаи муҳаққиқони мазкур дар омӯзиш ва рушди электроэнергетика ёдовар шуда, бояд қайд кард, ки дар илми ватанӣ таҳқиқи муфассали масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ анҷом дода нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқоти иловагӣ оид ба ҷиҳатҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392) алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот коркарди ҷанбаҳои назариявӣ ва методӣ, таҳияи пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ доир ба мукаммалгардонии бозори фурӯши барқ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шуданд, ки ҳалли онҳо сохтори таҳқиқотро муайян кардааст:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва асосҳои консептуалии ташаккули бозори фурӯши барқ, муайян кардани хусусиятҳои амалкунии он дар замони муосир;

- дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва бо назардошти хусусиятҳои миллии соҳаи электроэнергетика асоснок кардани зарурати ислоҳот дар бозори фурӯши барқ;

- арзёбӣ намудани вазъи муосири иқтисодии соҳаи таъминот бо нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири муайян намудани заминаҳои рушди бозори фурӯши барқ дар мамлакат;

- омӯзиши муҳити тиҷоратии фаъолият дар бозори фурӯши барқ ва муайян кардани имконияти ҳамгирошавии низомҳои электроэнергетикии миллӣ ва минтақавӣ;

- муайян кардани омилҳо ва самтҳои рушди бозори фурӯши барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ;

- омӯзиши имконият ва таҳия намудани тавсияҳои амалӣ барои татбиқи инноватсияҳо дар бозори фурӯши барқ;

- таҳия намудани амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот корхонаҳои дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда интихоб шудаанд.

**Предмети таҳқиқот** назария, методология ва амалияи ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки дар раванди ташаккули бозори фурӯши барқ мушкилиҳои муайян дучор меоянд, зеро бозори

мазкур аз бозорҳои молҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунад. Хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол, шароити технологии истеҳсол ва истеъмоли он, хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ба ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ таъсир мерасонанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот татбиқи мушаххаси назарияи дарки илмии предмети таҳқиқот мебошад. Диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқон оид ба назария ва методологияи ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ асос меёбад.

**Сарчашмаҳои маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот ба қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик», Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳо, асарҳои илмӣ ва интишороти даврии ба бозори фурӯши барқ алоқаманд такя менамояд. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар давраи солҳои 2016-2023 гузаронида шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳияи асосҳои назариявӣ, тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба мукаммалгардонии бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, ин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд:

1. Заминаҳои таърихӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташаккули бозори фурӯши барқ таҳқиқ шуда, дар ин асос хусусиятҳои амалкунӣ ва рушди он муайян карда шудаанд. Ақидаи муаллиф ҷиҳати зарурати аз сохтори субъектҳои инҳисори табиӣ ҷудо кардани намудҳои алоҳидаи фаъолият дар бозори фурӯши барқ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти рақибонаи иштирокчиёни нави бозор баён карда шудааст.

2. Таҷрибаи хориҷии фаъолияти субъектҳо дар бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, истифодаи ҷиҳатҳои мусбати он барои барқарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, таҷрибаи хориҷӣ ҷиҳати маҳдудшавии танзими давлатии бевоситаи бозори фурӯши барқ ва корбурди усулҳои бозории танзими

ғайримустақими тарифҳои неруи барқ барои истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мақбул аст.

3. Дар асоси арзёбӣ намудани вазъи муосири иқтисодӣ ва техникии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ шароит ва заминаҳои рушди бозори мазкур муайян карда шудаанд. Ба андешаи муаллиф, бо ворид шудани субъектҳои нав ба бозори фурӯши барқ ва ҷорӣ намудани унсурҳои бозор ва рақобат дар фаъолияти онҳо зарурати таҳия ва рушди санадҳои дахлдор ҷиҳати ба расмият даровардани муносибатҳои тиҷоратии онҳо ба миён меояд. Вобаста ба ин пешниҳодҳои муаллиф таҳия карда шудаанд.

4. Муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, барои ворид ва ҳамгиро шудани онҳо ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии электроэнергетикӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд. Муаллиф тасдиқ менамояд, ки бо роҳандозӣ намудани ислоҳот дар сиёсати муқаррар намудани тарифҳои барқ, пӯшонидани қарздориҳои корхонаҳои давлатӣ, таҷдиди сохтори фаъолияти бозори яклухти неруи барқ ва амалӣ намудани тадбирҳо ба хотири ҳавасмандсозии рақобат дар дохили бозори яклухт, метавон ба фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таъсири созгор расонид.

5. Омилҳо ва шароити рушди бозори фурӯши барқ дар заминаи истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Ба андешаи муаллиф, барои рушди фаъолияти субъектҳои истифодабарандаи манбаъҳои хурди тавлид дар бозори фурӯши барқ мавҷудияти бозоре зарур аст, ки аз инҳисор озод бошад, шароите лозим аст, ки дар мавриди он соҳибкорони хусусӣ ба бозор бе монеа ворид шаванд, шароити пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқии марказонидашуда бояд сода ва шаффоф бошад. Бинобар ин, барои рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди барқ аз ҷониби давлат пешниҳод кардани имтиёзҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ зарур аст.

6. Тавсияҳои амалӣ барои татбиқи инноватсияҳо ва дастовардҳои илмию техникии муосир дар бозори фурӯши барқ таҳия ва пешниҳод карда шуданд. Муаллиф ба хотири роҳандозӣ кардани сиёсати рушди инноватсионии бозори

фурӯши барқ дар асоси электроэнергетикаи тақсимшуда бо назардошти манфиатҳои ҳамаи истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагони нерӯи барқ тавсияҳои муносиб таҳия кардааст, аз ҷумла: таъмини маблағгузории таҳқиқоти илмӣ оид ба бунёди маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ мураккаб, ҳавасманд кардани сохтани озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмию таҳқиқотӣ, ки дар онҳо ҳамкории истеҳсолкунандагон ва муассисаҳои илмӣ, санҷиши коркардҳои илмию таҳқиқотӣ таъмин гардад; ҳавасманд кардани воридоти таҷҳизоти инноватсионӣ; ба ҷо овардани рушди мутаносиби тамоми самтҳои инноватсионӣ дар бахши электроэнергетикаи миллӣ аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳо бо имкони истифодаи технологияҳои гуногун.

7. Амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия карда шудааст. Дар амсилаи таҳиянамудаи муаллиф сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо вобаста ба такмили муносибатҳои инҳисорӣ ва рушди рақобат дар бозори миллии фурӯши барқ муқаррар карда шудаанд. Бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ таъмини роҳандозӣ намудани ислоҳот ба хотири ташаккули бозори фурӯши барқ дар асоси барномаи махсуси давлатӣ зарур аст. Ин барнома, ки бо назардошти хусусиятҳои мамлакат таҳия карда мешавад, бояд самтҳои ислоҳот, амсилаи рушди бозори фурӯши барқ, принсипҳои таъсиси мақомоти танзимкунанда ва таҳияи стандартҳои дахлдорро муайян кунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқарраротӣ назариявии дар диссертатсия таҳиягардидаро метавон ҳамчун саҳми назаррас дар раванди ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ эътироф кард. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар самти ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ имконият фароҳам меоранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои аз ҷамъбасти диссертатсия пешниҳодгардида метавонанд аз ҷониби мақомоти дар соҳаи танзими бозори фурӯши барқ ваколатдор, соҳибмулкон ва роҳбарони корхонаҳои фурӯши барқ барои амалисозӣ дар фаъолияти худ ба кор бурда шаванд. Татбиқи амалии

муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти корхонаҳои фурӯши барқ баланд бардошта шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои кор, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Таҳқиқи илмии заминаҳои таърихӣ дар равандҳои ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ, муайян кардани асосҳои консептуалӣ ва хусусиятҳои амалкунии бозори фурӯши барқ дар шароити муосир.

2. Пешниҳод кардани ҷиҳатҳои мақбули таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозори фурӯши барқ барои истифода дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Арзёбии вазъи муосири фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва дар ин асос муайян кардани заминаҳои рушди бозори мазкур.

4. Дар асоси таҳлили муҳити тиҷоратии корхонаҳои низоми электроэнергетикии миллӣ таҳия кардани тавсия ва пешниҳодҳо барои ҳамгиро шудани бозорҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии фурӯши барқ.

5. Муайян кардани омилҳо ва шароити рушди бозори миллии фурӯши барқ бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ.

6. Таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати татбиқ намудани инноватсияҳо дар фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ.

7. Таҳияи амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавӣ.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои 3 – Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ, 15 – Роҳҳои таҳқиқ ва истифодаи самараноки потенсиали субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва хизмати маишӣ, 18 - Сармоягузорӣ ба рушди савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ

ва истифодаи самаранокии он, 19 – Ташкили савдои яклухт ва чакана дар шароити муосир, 26 - Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ, шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ иҷро карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ бо назардошти хусусиятҳои соҳаи электроэнергетикаи миллӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ барои ташаккул ва рушди фаъолияти корхонаҳои фурӯши барқ истифода шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ – «Масъалаҳои таъмини рушди устувор ва мутаносиб дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: тамоюл ва дурнамо» (Душанбе, 2019), «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Душанбе, 2022), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосири проблемаҳои мубрам» («Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем», Москва, 2022) ва ҷумҳуриявӣ – «Нақш ва аҳамияти сармоягузориҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ» (Кӯлоб, 2016), «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (Кӯлоб, 2019), «Танзими давлатии зиддибӯҳронии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар» (Душанбе, 2022), «Энергияи сабз ва ҳифзи экосистемаҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Кӯлоб, 2023) ва дигарҳо ба баҳои мусбат сазовор гардидаанд. Тавсияҳои алоҳидаи дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва мақомоти танзимкунандаи соҳаи электроэнергетика ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълими бакалавр ва магистрҳо ҳангоми омӯзиши

фанҳои «Иқтисодиёти электроэнергетика», «Фаъолияти тиҷоратӣ», «Идоракунии лоиҳаҳо» истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 22 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 8,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 7,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт бо 154 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 185 саҳифа дарҷ гардида, 14 расм ва 16 ҷадвалро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚ

## 1.1. Замина ва хусусиятҳои ташаккули бозори фурӯши барқ

Дар солҳои охир дар адабиёти илмӣ оид ба иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои бозорӣ асарҳои зиёде ба нашр расидаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои ташаккул ва рушди намудҳои гуногуни бозор, хусусиятҳои амалкунии онҳо ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Вале асарҳое, ки дар онҳо бевосита мафҳуми бозори фурӯши барқ ба таври муфассал баррасӣ шуда бошад, кам мебошанд. Вобаста ба ин, метавон тасдиқ кард, ки мафҳуми бозори фурӯши барқ то ҳанӯз дар адабиёт ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст, ҷиҳатҳои баҳсталаб дар тафсири он зиёд мебошанд.

Ба хотири дуруст сарфаҳм рафтан ба мафҳуми бозори фурӯши барқ зарур аст, ки дар аввал ба мафҳумҳои умумии худи бозор каме таваҷҷуҳ намоем. Бинобар ин, мо пеш аз ҳама таърифи мафҳуми бозорро дар асарҳои классикони соҳаи иқтисодиёт таҳқиқ мекунем.

Тавре К.Р. Макконнелл ва С.Л. Брю тафсир кардаанд, «бозор – ин ниҳод, ё механизме мебошад, ки харидорон ва фурӯшандагони молҳо ва хизматрасониҳои алоҳидаро бо ҳам меорад. Худи бозорҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд» [74, с. 45].

А. Маршалл – иқтисоддони англис, дар китоби худ «Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ» таърифи овардаи иқтисоддони француз А. Курно (Cournot A. Recherches sur les principes mathematiques de la theorie des richesses)-ро иқтибос оварда, қайд мекунад, ки «бозор – ин на ягон хел майдони муайяне аст, ки дар он ашё хариду фурӯш мешаванд, балки умуман ҳамагуна маконе мебошад, ки дар он аҳдҳои байниҳамдигарии харидорон ва фурӯшандагон ба андозае озоданд, ки нархҳои ҳамон як молҳо тамоюл ба осон ва зуд баробар шуданро доранд» [78, с. 6]. Ба андешаи мо, дар таърифи мазкур маҳаки асосии ташаккули бозор озодии мубодила ва муқаррар намудани нарх мебошад.

Иқтисоддони дигари англис У.С. Ҷевонс ба сифати маҳаки асосии ташаккули бозор зичии алоқамандиҳои байни фурӯшандагон ва харидоронро пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ «бозор ҳамагуна гурӯҳҳои одамонро ифода менамояд, ки бо ҳамдигар муносибатҳои тиҷоратӣ барпо намуда, оид ба ҳамагуна мол аҳдҳо мебанданд» [153, с. 18].

Ба ақидаи намояндаи мактаби иқтисодии австриягӣ, муҳаққиқи америкоӣ Л. Мизес бозор низоми ҷамъиятии тақсимоти меҳнат дар шароити моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот мебошад: «Бозор на макон, на ашё, на моҳияти дастаҷамъӣ мебошад. Бозор – ин раванде мебошад, ки бо амалҳои якҷояи маҷмуи фардҳои дар шароити тақсимоти меҳнат ҳамкорикунанда ба ҳаракат дароварда мешавад. Қувваҳое, ки доимо тағйир меёбанд ва вазъи бозорро муайян мекунанд, арзёбиҳои субъективии ин фардҳо ва амалҳои онҳо, ки бо ҳамин арзёбиҳои субъективӣ идора карда мешаванд, мебошанд. Вазъи бозор дар ҳар лаҳзаи вақт бо сохтори нархҳо, яъне бо маҷмуи коэффисиентҳои мубодилавие ифода карда мешавад, ки дар натиҷаи амалҳои якҷояи шахсони барои харидан ва фурӯхтан ҷаҳдкунанда муқаррар карда мешаванд» [85, с. 243].

Иқтисодшиноси канадагӣ Р. Липси бозорро чун «қитъае, ки дар он харидорон ва фурӯшандагон гуфтушунидҳоро оид ба мубодилаи моли аниқ муайяншуда мегузаронанд», шарҳ додааст [145, с. 69]. Ба ақидаи С.Ҷ. Мосс – иқтисодшиноси англис, «раванди мубодила муқаррар ва интишор кардани нархҳо, огоҳонии мизоҷони имконӣ дар бораи ба фурӯш омода будани молҳо ва хизматрасониҳои пешкашшавана, огоҳонидани таъминкунандагон оид ба талабот ба моли онҳо, кашонидани молҳо ва сарватҳои барои ба мизоҷон пешкаш намудани хизматрасониҳо заруриро дар бар мегирад» [148, с. 2].

Муҳаққиқи америкоӣ Ҷ. Ҳоҷсон таъкид мекунад, ки «мафҳуми бозорро ҳамчун макон ё мавзеъ, ки он ҷо аҳдҳо ба амал меоянд, нametавон дуруст ҳисобид». Бинобар ин, ӯ бозорро чун дастаи ниҳодҳои иҷтимоӣ, ки дар доираи онҳо мунтазам шумораи зиёди аҳдҳои намуди махсус ба амал меоянд, шарҳ дода, қайд менамояд, ки «ниҳодҳои мазкур барои амалӣ шудани ин аҳдҳо мусоидат менамоянд ва сохтори онҳоро муайян мекунанд» [128, с. 255]. Тибқи таърифи

мазкури бозор мубодила қарордодҳои аҳдномавӣ ва ивазшавии ҳуқуқҳои моликиро дар бар мегирад, худи бозор қисман аз механизмҳое иборат аст, ки сохтор, ташкил ва қонунӣ будани ин намудҳои фаъолиятро муайян менамоянд.

Дар бозор ҳар як иштирокчӣ (субъект) ҳадафи худро пайгирӣ намуда, вазифаҳои ба зиммаи худ гузошташударо барои ноил гардидан ба ин ҳадаф иҷро мекунад. Дар ин маврид манфиатҳои ҳамаи дигар иштирокчиён бояд ба инобат гирифта шаванд, чунки амалисозии вазифаҳо ва ноилгардии ҳадафҳои ҳар як иштирокчии бозор бе баҳисобгирии ҳадафҳои иштирокчиёни дигар ғайриимкон аст. Ба ин хотир, бозор бояд аз ҷониби давлат танзим карда шавад.

Ба андешаи мо, бозор – ин низоми танзимшавандаи муносибатҳои иштирокчиён мебошад, ки ба қоидаҳои махсус асос ёфта, ҳадафҳои муқарраршударо таъмин менамоянд. Ҳоло дар таркиби бозор ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои асосӣ ва дорои нуфузи баланд бозори фурӯши барқ мебошад.

Аз нигоҳи таърифи мафҳуми бозор, ки классикони илми иқтисодӣ пешниҳод намудаанд, бозори фурӯши барқ сохтори муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони барқ ва истеъмолкунандагони онро ифода менамояд, ки дар он раванди хариду фурӯши моли асосии бозори мазкур – нерӯи барқ амалӣ мешавад. Яъне, бозори фурӯши барқ маконе мебошад, ки дар он харид ва фурӯши барқ, тақсимот ва интиқоли он, таъмини фаъолияти босамари шабакаҳои барқӣ ва нигоҳдории аломатҳои меъёрии таъмини нерӯи барқ ба амал меоянд.

Дар ҷадвали 1.1 тарзҳои тафсири бозори фурӯши барқ вобаста аз хусусиятҳои он, ки дар адабиёт пешниҳод шудаанд, ба низом дароварда шудаанд.

Ҳамин тавр, бозори фурӯши барқ маҷмуи амалиёте мебошад, ки бо харид ва фурӯши барқ, интиқол ва тақсимоти он, дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани аломатҳои сифатии нерӯи барқ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи барқи ба истеъмолкунандагон фурӯхташуда алоқаманд мебошанд. Бо барқ таъмин намудани соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва аҳолӣ шарти зарурии ҳастии ҷамъияти имрӯза мебошад.

**Ҷадвали 1.1. – Тарзҳои тафсири бозори фурӯши барқ вобаста аз хусусиятҳои он аз ҷониби муҳаққиқон**

| Муаллиф | Тарзи тафсир |
|---|---|
| В.Я. Афанасьев, В.В. Кузьмин [14, с. 62] | Шароит барои нархгузории озоди ба ҳамкории байниҳамдигарии мустақими таҳвилгар ва харидор асосёфта таъмин намегардад. Бо вуҷуди аз оғоз хосияти рақибона доштани соҳибкорӣ дар бозори мазкур – чун натиҷаи хосияти инҳисории амалҳои таҳвилгарони нерӯи барқ ва хизматрасониҳо дар шароити танзимкунии давлатӣ, - дар он нархҳои инҳисории баланд ташаккул меёбанд. |
| И.А. Беров [21, с. 55] | Хусусиятҳои молии нерӯи барқ хусусиятҳои бозори электроэнергетикаро ба миён меоранд. Бозори электроэнергетика бо зарфияти бузург, селаҳои бузурги молиявӣ ва набудани маҳсулоти инноватсионӣ тавсиф дода мешавад, ки ин ба соҳа суботи сохторӣ дода, дар якҷоягии тамоми хосиятҳо ба ҷолибияти тиҷорат дар соҳаи мазкур мусоидат мекунад. |
| М.В. Васильева [24, с. 48] | Бозори фурӯши барқ ба намуди бозорҳои дорои рақобати нокомил мансуб буда, як қатор хусусиятҳо дорад, ки онро аз бозорҳои молҳои дигар ва аз ҳамин гуна бозорҳои мамлакатҳои дигар фарқ мекунонанд. |
| В.Ю. Голубев [38, с. 91] | Қонуниятҳои объективӣ ва тамоюлоти умумиҷаҳонии амалисозии сиёсати иқтисодии соҳаи электроэнергетика дар таҷдиди сохтор, хусусигардонии субъектҳои хоҷагидорӣ ва озодсозии бозорҳои фурӯши барқ зоҳир меёбад. Ин равандҳо мушкилоти ҳалли масъалаи асосии идоракунии давлатии соҳаро, ки дар зарурати таъмини ҳамзамони сатҳи баланди самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ва татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, бартараф намекунанд, балки боз ҳам душвор мегардонанд. |
| Дж.Х. Джураева [45, с. 33] | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори таъмини нерӯи барқ ба аҳолӣ инҳисори давлатӣ мебошад, ки дар тахти идораи ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор дорад. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки инҳисори табиӣ дар энергетика, ки объектҳои моликияти давлатӣ мебошанд, барои сармоягузоронӣ стратегӣ ҷолиб нестанд. Инҳисори табиӣ дар электроэнергетика шаффофии пурраи фаъолияти худро таъмин, муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва муносибатҳои бозории асилро бунёд карда наметавонад. |
| И.В. Князева [57, с. 32] | Соҳаҳое, ки ба инҳисори табиӣ мансубанд, бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо механизмҳои рақобат амал намекунанд ва ё рушд накардаанд. Тавозуни манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дар раванди рақобати истеҳсолкунандагони мухталиф барои хуқуқи таъмини талаботи истеъмолкунандагон наметавонад танҳо бо механизмҳои бозор муқаррар шавад. Бинобар ин, дахолати давлат зарур аст. |
| Б.К. Максимов, В.В. Молодюк [77, с. 9] | Ягона намуди бозор мебошад, ки дар он ноустувории низоми энергетикӣ метавонад ба таври фоҷиавӣ тез, камтар аз як сония вусъат ёбад ва садҳо иштирокчиён, як мол, як инфрасохтори бозорро фаро гирад. |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муосири бо барқ таъмин намудани соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва аҳолии мамлакат фаъолият менамояд, ки бо омӯзиши таърихи он заминаҳои ташаккул ва хусусиятҳои амалкунии бозори фурӯши барқ муайян мегарданд.

Таърихи соҳаи электроэнергетика нисбатан нав аст. Имрӯз тасаввур кардан мушкил аст, ки ҳамагӣ 200 сол пеш дар олам одамон аз нерӯи барқ огаҳ набуданд. Ба корбурди оммавии нерӯи барқ ҳамчун маҳсулоти умдаи дар тамоми соҳаҳо истифодашаванда ихтироъҳои олимони физик ва амалҳои соҳибкорон дар аввали асри XIX боис шудаанд. Соли 1831 физики англис Майкл Фарадей муҳаррики тавлидкунандаи барқро, ки бо буғ кор мекард, ихтироъ намуд [132, с. 114].

Ҷолибияти тиҷоратии нерӯи барқро аввалин шуда соҳибкорони америкоӣ арзёбӣ намуда ва ба он таваҷҷуҳ намудаанд. Дар аввали солҳои 1880 якчанд нафар молиячиёни америкоӣ, ки аз ҳангомаи атрофи фурӯзонаки барқӣ илҳом гирифта буданд, оид ба сохтмони аввалин нерӯгоҳи тавлидкунандаи барқи бо ҷараёни доимӣ асосёфта тасмим гирифтанд. Онҳо бо ширкати Edison Electric Light (муассисон Томас Алва Эдисон – ихтироъкори аввалин фурӯзонаки барқӣ, аввалин нерӯгоҳи барқ ва дигар асбобҳо ва Ҷон Пирпонт Морган – соҳибкор, бонкир, молиячӣ) шартнома баста, соли 1882 дар маҳалҳои Пёрл-стрит ва Манхэттени шаҳри Ню-Йорк нерӯгоҳи барқии иқтидораш 90кВт-ро ба кор даровcareданд, ки ба истеъмолкунандагон дар миқёси 2,5 километри мураббаъ нерӯи барқ медод. Ҳамин тавр, аввалин бозори фурӯши барқ арзи ҳастӣ намуд, ки «ба 85 нафар харидорони дорои 400 адад фурӯзонак хизматрасонӣ мекард» [132, с. 118].

Қайд бояд кард, ки аввалин бозори фурӯши барқ дар шароити рақобат ташаккул ёфтааст. Дар оғози арзи ҳастӣ намудани худ низомҳои таъмини нерӯи барқи истифодаи умум бо вуҷуди беназирӣ ва умумияти нерӯи барқ ҳамчун мол рақибони зиёд доштанд. Ба ғайр аз таҳвилкунандагони хизматрасониҳои бо газ равшаникунӣ, инчунин дигар молҳо ва хизматрасониҳои дар он замон ба мизоҷон пешкашшаванда, ки дар раванди бунёди онҳо намудҳои дигари нерӯ истифода мешуданд, онҳо инчунин бояд бо нерӯгоҳҳои барқии алоҳида рақобат

мекарданд. Сармоягузорон бештар маблағҳои худро ба нерӯгоҳҳои барқии алоҳида, ки барои бо нерӯи барқ таъмин намудани корхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва манзили сарватмандон таъин шуда буданд, сафарбар мекарданд.

Дар солҳои 90-уми асри XIX гурӯҳҳои олимон ва ихтироъкорон муҳаррикҳо ва дастгоҳҳои табдилдиҳанда (трансформатор)-ҳое сохтанд, ки ҷараёни барқи тағйирёбандаро ҳосил намуда, онро интиқол ва табдил медоданд. Ин комёбиҳои илмӣ-техникӣ асоси таҳияи низоми сифатан нави таъминоти барқи истифодаи умум дар намуди низоми умумии технологии нерӯи барқӣ гардиданд, ки дар он муҳаррик (генератор)-и ҷараёни тағйирёбанда дар нерӯгоҳи марказӣ барқро ҳосил менамуд, ки он сипас ба ҷараёни барқии шиддати баланд табдил дода шуда, ба зеристгоҳҳои маҳаллӣ дода мешуд ва дар он ҷо барои мутобиқ шудан ба эҳтиёҷоти мардум табдил дода мешуд. Акнун «истеъмолкунандагони мухталиф ба истифодаи нерӯи барқ (ки дар бозор харида мешуд) барои ҳадафҳои гуногуни равшанидиҳӣ, таъмини кори муҳаррикҳои барқӣ, гармкунӣ, дигар эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ва маишӣ шуруъ карданд» [11, с. 16].

Хусусияти муҳими фарққунандаи рушди бозори фурӯши барқ ин аст, ки аз оғози ташаккули худ дар охири асри XIX то имрӯз дар он воситаҳои танзимкунии давлатӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Бар асари омилҳои зиёд, бо вуҷуди аз ибтидо хосияти рақибона доштан, ин соҳаи соҳибкорӣ то охири асри XX ҳамчун соҳаи фаъолияти соҳибкории ба қавле «барои ҷамъият муҳим» ва инҳисорӣ баррасӣ мешуд. Дар ин соҳаи фаъолият дахолати танзимкунандаи мақомоти давлатӣ алайҳи механизми рақобати озод муфид ва босамар эътироф мешуд. Дар натиҷаи ин, раванди ҳамкории рақибонаи таҳвилкунандагон ва харидорони нерӯи барқ таҳриф шуда, тавассути дахолати мақомоти давлатии танзимкунанда бо иштироки бевоситаи субъектҳои инҳисор, ки ҳуқуқи таҳвил ва фурӯши барқро дар минтақаи фаъолияти худ ба даст овардаанд, танзим карда мешавад. Ҳамин тавр, рушди муносибатҳо дар бозори фурӯши барқ намунаи возеҳи таърихи «сиёсати иқтисодии ба маҳдудкунии рақобат нигаронидашуда» [85, с. 263] мебошад. Ҳадафи чунин тадбирҳои маҳдудкунандаи рақобат, бешак

ба гурӯҳҳои муайяни субъектҳои бозор пешкаш намудани афзалият тавассути ҳимояи онҳо аз амалҳои рақибони дигар мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо чунин танзимкунӣ барои ташаккули нархҳои инҳисорӣ шароит фароҳам меоварад. Дар ҳолатҳои дигар ин рух намедиҳад ва дар натиҷа «вазъе ба миён меояд, ки аксари сармоядорон, соҳибкорон, фермерҳо ва коргарон ба соҳаҳои саноат, ки он ҷо онҳо нафъи бештар оварда метавонистанд, роҳ дода намешаванд» [85, с. 263].

Танзими давлатии нарх (тариф)-ҳои нерӯи барқ ба ҳукумати мамлакатҳо имкон медиҳад, ки ба ин васила ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонанд. Сиёсати нарх дар соҳаи нерӯи барқ аз ҷониби ҳукумат ба сифати таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, механизми рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти минтақаҳо ба кор бурда мешавад.

Дар бозори фурӯши барқ муносибатҳои бозорӣ танҳо дар доираҳое амал мекунанд, ки худи давлат онҳоро муқаррар кардааст. Давлат қоидаҳои амалкунӣ ва рушди бозор, тартиби бастан ва иҷрои шартномаҳоро муқаррар мекунад, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва умуман ҷамъиятро дар самти фурӯш ва истеъмоли нерӯи барқ ҳимоя мекунад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳо бо барқ таъмин намудан (электроэнергетика) соҳаи появии иқтисодиёт аст. Фаъолияти эътимоднок ва босамари электроэнергетика дар мамлакат, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо барқ асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили ҷудонопазири таъмини шароити мутамаддини зиндагии аҳолӣ мебошад. Фаъолияти корхонаҳои дигар соҳаҳои появии иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ) ва инфрасохтори он, инчунин соҳаҳои иҷтимоӣ-маишӣ аз таъмини нерӯи барқ вобастагии муҳим дорад.

Тавре муҳаққиқ А.Қ. Ҳусайнов қайд мекунад, дар таърихи пайдошавӣ ва рушди электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон се марҳилаи асосӣ ҷудо карда мешавад [131, с. 48]:

1) аз оғози солҳои 30-юм то охири солҳои 50-уми асри XX, - замони ғалабаи пурраи сотсиализм дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС);

2) аз оғози солҳои 60-ум то солҳои 90-уми асри XX, - айёми комёбиҳои назарраси таърихӣ дар рушди электроэнергетика;

3) аз оғози солҳои 90-уми асри XX то имрӯз, ки бо рукуди ИҶШС ва ба пойдоршавии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Аз ин бармеояд, ки заминаи пайдошавӣ ва рушди бозори фурӯши барқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз асарҳои илмии ба таҳқиқи соҳаи электроэнергетикаи даврони Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманд метавон таҳқиқ намуд. Муҳаққиқон асоси марҳилабандии таърихи электроэнергетикаро тарзи танзими давлатии таъминот бо нерӯи барқ меҳисобанд. Аз ҷумла муаллифон А.И. Гришенко ва П.С. Зиноватний низ таърихи таъминоти нерӯи барқро ба се марҳила ҷудо мекунанд, ки заминаи пайдошавӣ ва рушди соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи дуюми ҷудонамудаи онҳо (тамоми давраи мавҷудияти ИҶШС – солҳои 1917-1991) рост меоянд [41, с. 10]. Маҳз дар ҳамин давра соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт эътироф гардидааст.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ фаъолияти соҳибкориро давлат инҳисор карда буд. Бинобар ин, бозори фурӯши барқ аслан дар мамлакат вуҷуд надошт. Электриконӣ дар ИҶШС ва Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби мақомот ва корхонаҳои давлатӣ дар асоси нақшаҳои дирректививӣ ва шароити набудани ягон хел рақобат анҷом дода мешуд. Ҷолиби диққат аст, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ягон хел қонунгузории бо электроэнергетика алоқаманд қабул нашуда буд. Тамоми соҳа, ки то оғози солҳои 1990 ба сатҳи назаррас рушд карда буд, қатъиян тавассути санадҳои маъмурӣ – қарорҳои Шурои вазирон ва фармонҳои вазорати энергетикаи он замон танзим карда мешуд.

Асоси бунёди низомҳои электроэнергетикии мамлакат дар замони Иттиҳоди Шуравӣ нақшаи давлатии электрификатсия (ГОЭЛРО) буд, ки дар он марказонидани таъминоти нерӯи барқ бо роҳи сохтмони нерӯгоҳҳои барқии бузург ва шабакаҳои барқӣ бо минбаъд муттаҳид намудани онҳо дар низоми ягонаи энергетикии ИҶШС дар назар дошта шуда буд. Барои ҳалли тамоми масъалаҳои электротехникӣ ва омодасозии мутахассисони соҳа дар моҳи

октябри соли 1921 Институти давлатии таҷрибавии электротехникӣ таъсис дода шуд, ки минбаъд ба Институти умумишуравии электротехникӣ (Всесоюзный электротехнический институт - ВЭИ) табдил ёфт [37, с. 54].

Дар раванди ташаккули бозори фурӯши барқ ҳамаи мамлакатҳои пасошуравӣ бо мушкилоти муайян дучор гардиданд, чунки ин бозор аз дигар намудҳои бозор ба куллӣ тафовут дорад. Хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол, шароити технологии истеҳсол ва истеъмоли он, иқтисодиёти мамлакати алоҳида асари хуро ба амсилаи бозори фурӯши барқ мегузоранд [75, с. 48].

Рақобат дар бозори ягон хел мол – ин муборизаи истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон) барои ба даст овардани ҳиссаи пардохттавони бозор, муборизаи истеъмолкунандагон (харидорон) – барои дастрас кардани тариқаи беҳтарини пешниҳоди мол мебошад.

Иқтисоддонҳо амсилаи бозори комилро, ки барои истифода дар бозори фурӯши барқ низ тавсия медиҳанд, ба таври басанда таҳқиқ намудаанд. Вале ин амсила бо моли абстрактӣ сарукор дорад. Дар амалия бошад, бозори комил дучор намеояд, вале онро метавон чун амсилаи идеалӣ барои дарки механизмҳои умумии бозорӣ истифода бурд. Дар бозорҳои воқеӣ намудҳои гуногуни маҳдудиятҳо ҷой доранд, ки ба ташаккули нархҳо дар асоси қоидаҳои бозори комил монеа мешаванд. Дар чунин шароит зарурат барои таҳия намудани усулҳо, қоидаҳо ва тарзҳои махсусе ба миён меояд, ки ба иштирокчиён барои бо қоидаҳои бозор фаъолият кардан имкон диҳанд. Бинобар ин, ҳангоми ташаккули бозори фурӯши барқ таҳия намудани тарзҳои хосаи савдо зарур аст, ки хусусиятҳои истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқро ба ҳисоб гиранд. Таҷрибаи дар мамлакатҳои мухталиф роҳандозишудаи озодсозӣ (либерализатсия)-и бозорҳои фурӯши барқ оид ба самаранокии татбиқи муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи фурӯши барқ посухи якхела пешниҳод карда наметавонад, «чунки мисолҳои бобарор ва ҳам бебарори ингуна татбиққунӣ ҷой доранд» [46, с. 5].

Тавре маълум аст, дар оғози солҳои 1980, дар шароити электриконии саросарии тамоми  соҳаҳои фаъолият ва муҳити зисти инсон, дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ тамоюли нави баландшавии назарраси нархи ҳомили нерӯ ва тарифҳо дар

соҳаи таъмини нерӯи барқ мушоҳида мешуданд. Тамоюли нав дар тағйирёбии нархҳои нерӯи барқ вокуниши манфии истеъмолкунандагон ва мақомоти давлатии танзимкунадаро ба миён овард. Акнун мақомоти давлатии барои танзими раванди таъминот бо нерӯи барқ ваколатдор дар раванди ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти мазкур масъалаҳои самаранокии таъмини нерӯи барқ ва танзимкунии давлатӣ дар ин соҳаи муҳимтарини иқтисодиётро аз ҷиҳати интиқодӣ арзёбӣ мекарданд.

Арзёбии интиқодии самаранокии бозори фурӯши барқ, ки дар шароити низоми барои он замон маъмул ва анъанавии танзими давлатӣ амал мекард, инчунин ангезаҳо барои баланд бардоштани самаранокии бозори мазкур ба он оварданд, ки бо гузашти қариб 100 сол аз аҳдҳои бозории босубот оид ба хариду фурӯши барқ тасаввурот оид ба мақбул будани истифодаи шароити рақобати бозории озод дар соҳаи электроэнергетика ташаккул меёбад. Тибқи тасаввуроти мазкур рақобати озод барои беҳгардонии раванди таъмини истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар соҳаи мазкур мусоидат мекунад. Зимнан бояд қайд кард, ки «то он замон дар аксари соҳаҳои фаъолияти инсонӣ аллакай муносибатҳои рақибона ба ҳукми анъана даромада, дар амалия босамарии худро собит менамуданд» [12, с. 22].

Асоси назариявии ғояҳо ва равишҳои ташаккули шароити рақобати озод дар бозори фурӯши барқ хулосаҳои таҳиянамудаи илми назарияи иқтисодӣ мебошанд, ки тибқи онҳо иқтисодиёти бозории озод ва рақибона ҳамчун низоми муносибатҳои одамон, ки дар рафти таҳаввули тӯлонӣ бунёд шудааст ва дар оянда низ рушд мекунад, ба натиҷаҳои нисбатан афзалиятнок меоварад.

Бозори фурӯши барқ бо ҳаҷми бузурги худ, ҷараёнҳои пуриқтидори сарватҳои молиявӣ ва набудани маҳсулоти инноватсионӣ тавсиф дода мешавад, ки ба соҳаи мазкур хосияти устувории сохторӣ медиҳанд ва бар асари ин сатҳи ҷолибияти соҳибкорӣ дар он баланд аст. Маҳсулоти дар бозори фурӯши барқ пешниҳодшаванда ягона буда, ҳамчун мол ҳамеша харидори худро дорад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мол – объекти ҳуқуқҳои гражданӣ (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки барои фурӯш, мубодила ё навъи

дигари ба муомилот баровардани он пешбинӣ шудааст [71]. Нерӯи барқ чун ҳама гуна моли дигар ягонагии арзиши истеъмолӣ ва арзишро ифода менамояд. Арзиши истеъмолии мол аз нафънокии он, иқтидори қонеъ намудани ин ё он эҳтиёҷ муайян мегардад. Арзиши истеъмолии мол ҳамеша хосияти ҷамъиятӣ дорад. Арзиш ё арзиши иқтисодии мол аз масрафҳои истеҳсол ва нафънокии он муайян мегардад. Фурӯши мол дар бозор нафънокии онро тасдиқ мекунад, бинобар ин, хосияти ба ҷамъият зарур будани масрафҳои истеҳсоли он эътироф мегардад. Ифодаи пулии арзиши мол нархи он аст.

Тибқи муқаррароти банди 21, моддаи 2 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нерӯи барқ бо мақсадҳои андозбандӣ (аз ҷумла, андозбандӣ бо андоз аз арзишги иловашуда) ҳамчун мол эътироф карда мешавад [59].

Нерӯи барқ маҳсулоти дорои дараҷаи баланди стандартӣ буда, аз рӯйи ҷараён, басомад, шиддат ва дигар нишондиҳандаҳо қатъиян назоратшаванда мебошад. Кӯшишҳои иқтисоддонҳо барои татбиқи рақобат дар бозори фурӯши барқ ба он асос меёбад, ки ҳамаи нерӯгоҳҳо нерӯи барқи сифати ягонаро истеҳсол мекунанд. Ҳисобида мешавад, ки ин барои ташкили бозори рақибонаи нерӯи барқ басанда аст. Вале дар асл ин тавар нест.

Бозори фурӯши барқ қодир нест, ки худро ба таври босамар танзим кунад. Агар ин бозор ҳавола ба худ дода шавад, пас дар ниҳоят фаъолияти худро ба танзим медарорад, вале раванди худтанзимкунӣ ва ба эътидол даровардани фаъолияти худ бо норасоиҳои дарозмуҳлати нерӯи барқ ва баландшавии бошиддати нархи он ҳамрадиф мегардад. Албатта, ҳеҷ гоҳ давлат чунин ҳолатро раво намедонад, чунки суръати рушди соҳаи электроэнергетика ҳамчун такондиҳандаи рушди саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат бояд ҳамеша аз суръати рушди соҳаҳои дигар пеш бошад. Дар чунин шароит давлат вазифаи таъмини бозпас гирифтани воситаҳои ба рушди соҳаи электроэнергетика сафарбаршударо бо роҳи муқаррар намудани тарифҳои нисбатан баланд ба нерӯи барқ иҷро менамояд.

Бо вуҷуди он ки барқ ҳамчун ҳомили нерӯ дар бозор ҷойгузини худро надорад, нархи он, ки аз ҷониби давлат танзим карда мешавад, барои

истеъмолкунандагони асосӣ мақбул аст. Агар нархи барқ аз арзиши қобили қабул баланд шавад, пас як ҳиссаи истеъмолкунандагон онро истифода мебаранд, вале ҳаққи онро пардохт намекунанд. Ҳиссаи дигари истеъмолкунандагон, масалан, корхонаҳо ва аҳолӣ тадбирҳои оқилонаро роҳандозӣ намуда, ба таъминоти худии барқ тавассути тавлиди он бо истифода аз манбаъҳои дигар мегузаранд.

Нерӯи барқе, ки истеъмолкунанда аз шабакаи умумӣ мегирад, моли мавриди ниёзи аввалиндараҷа аст ва танҳо дар баъзе ҳолатҳо онро метавон бо моли дигар иваз кард (масалан, бо гузариш ба дастгоҳи дизелии тавлиди барқ ё низоми гармкунӣ бо ангиштсанг). Вобаста ба ин истеъмолкунандагон ба қатъшавиҳои муваққатии барқ бештар ҳассосият доранд, на ин ки ба нархи он. Талафот аз танаффусҳо дар таъмини нерӯи барқ барои истеъмолкунанда садҳо маротиба аз нархи он зиёд мебошад. Бинобар ин, «истеъмолкунанда ҳамеша барои бо нархи баланд харидани нерӯи барқ омода аст» [77, с. 12].

Дар аксари ҳолатҳо ғайриимкон будани ивази барқ бо дигар намуди сӯзишворӣ вобастагии истеъмоли барқро аз нархи он коҳиш медиҳад, ки ин барои истеҳсолкунандагон шароити инҳисорӣ ва фишор ба истеъмолкунандагонро муҳайё месозад. Дар ин маврид «истеъмолкунанда ба барқ чун ба моли ягона вобаста шуда, аз он даст кашида наметавонад ва бо ҳар нархи муқарраркардаи таҳвилкунанда созиш мекунад» [75, с. 6].

Азбаски истеъмолкунанда барқро бо дигар намуди нерӯ иваз карда наметавонад, барои таҳвилкунандагон имконият пайдо мешавад, ки нархро мувофиқи табъ ва ба нафъи худ муқаррар кунанд. Ҳамин тавр, таҳвилкунандагони барқ рақобатро намепазиранд. Истеҳсолкунандагон метавонанд миқдори камтари барқро истеҳсол карда, ҳамзамон нархи онро бардоранд, то ки маблағи фурӯши зиёдтар ба даст оранд, истеъмолкунандагон бошанд, маҷбур мешаванд, ки нерӯи барқро бо миқдори камтар ва нархи баландтар истифода баранд. Яъне таҳвилкунандагони нерӯи барқ харидоронро водор менамоянд, ки шароити пешниҳоднамудаи онҳоро қабул намоянд.

Аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ молҳое, ки субъектҳои инҳисори табиӣ истеҳсол мекунанд, ҷойгузини худро надоранд, «бинобар ин, талабот ба онҳо аз

тағйирёбии нархи намудҳои мазкури молҳо вобастагии назаррас надорад» [56, с. 58]. Ин ҳолат ба он меоварад, ки субъектҳои мазкур истеъмолкунандагонро водор менамоянд, ки нархи пешниҳодкардаи онҳоро қабул кунанд.

Гузарониданиислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳое, ки он ҷо субъектҳои инҳисори табиӣ фаъолият мекунанд, танҳо дар ҳолате пазируфта мешавад, ки дахолати давлат ба рақобат ба ҳадди камтарин расонида шавад, соҳаҳое, ки бояд аз ҷониби давлат танзим карда шаванд, маҳдуд карда шаванд. Зарур аст, ки аз сохтори субъектҳои инҳисори табиӣ намудҳои алоҳидаи фаъолият баровarда шаванд ва ба иштирокчиёне, ки акнун ба бозори фурӯши барқ ворид мешаванд, шароит барои фаъолияти рақибона пешниҳод карда шавад. Ҷудо кардани намудҳои фаъолияти рақибона ва аз байн бардоштани танзими давлатии нархи онҳо бояд «бо бартарафсозии монеаҳои воридшавӣ ба бозор, ки барои рушди рақобати воқеӣ дар бозор кафолат медиҳанд, амалӣ карда шавад, то ки ивази инҳисори танзимшаванда ба инҳисори танзимнашаванда рух надиҳад» [57, с. 33].

Нерӯгоҳҳо – истеҳсолкунандагони барқ аз сабаби тафовути хосиятҳои иқтисодӣ барои ивазкунии ҳамдигарӣ қодир нестанд. Мусаллам аст, ки ҳама гуна бозор танҳо он гаҳе фаъолияти босамар мекунад, ки агар дар он шумораи зиёди молистеҳсолкунандагони дорои хосиятҳои иқтисодии якхела мавҷуд бошанд ва моли дорои хосиятҳои истеъмолии якхела истеҳсол кунанд. Риоя шудани шарти мазкур имкон медиҳад, ки ҳангоми зарурат як таҳвилкунанда бо таҳвилкунандаи дигар бе талафот барои бозор иваз карда шавад. Вале нерӯгоҳҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ аз сабаби тафовути хосиятҳои иқтисодии худ ҳамдигарро иваз карда наметавонанд. Эҳтиёҷи истеъмолкунандагон ба нерӯи барқ беист тағйир меёбад ва низоми реҷаи кори нерӯгоҳҳоро дар низоми энергетикӣ муайян мекунад. Дар давоми шабонарӯз нобаробарии назарраси истеъмоли барқ рух медиҳад. Нобаробарии истеъмоли барқ дар рӯзҳои ҳафта ва фаслҳои сол низ мушоҳида мешавад. Ин далелҳо низ ба вазъи бозори фурӯши барқ таъсир мерасонанд.

Ба бозор ворид шудани истеҳсолкунандагони нави нерӯи барқ бо раванди тӯлонӣ ва сармояталабии сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ алоқаманд аст. Нархи

нерӯи барқ дар нерӯгоҳи навсохташуда ҳамеша нисбат ба нарх дар нерӯгоҳҳои амалкунанда баландтар аст, чунки дар ин маврид зарурати тавассути нархи нерӯи барқи фурӯхташаванда бозпас гирифтани сармояи ба сохтмони нерӯгоҳ сафарбаршуда ба миён меояд. Дар бозор ҳамеша ҳамоне бурд мекунад, ки «воситаҳоро ба сохтмони нав сафарбар накарда, иқтидорҳои аллакай мавҷудбударо ҳарҷӣ бештар истифода мебарад» [77, с. 8].

Бояд қайд кард, ки корхонаҳое, ки ба фурӯши барқ машғуланд, моли худро ба истеъмолкунанда бо пешпардохт ё паспардохт пешниҳод мекунанд ва замони истеъмоли он бо муҳлатҳои пардохт рост намеояд. Вобаста ба ин дар раванди ташаккули нарх дар бозори фурӯши барқ бояд сатҳи пардохттавонии аҳолӣ ва таҳдиди хавфи пардохт нашудани маблағҳои назаррас ба ҳисоб гирифта шаванд.

Хусусияти муҳими бозори фурӯши барқ ин аст, ки он бо тинати худ бештар технологӣ аст, на молиявӣ. Дар ҳар лаҳзаи вақт, ки нерӯгоҳҳо барқ истеҳсол мекунанд ва истеъмолкунандагон онро истифода мебаранд, ҳаҷмҳои истеҳсол ва истеъмоли барқ бояд баробар бошанд. Оид ба номутаносибии пешниҳод ва талабот қиматҳои басомад ва шиддат дар нуқтаҳои гиреҳии низоми электроэнергетикӣ шаҳодат медиҳанд. Вақте ки онҳо аз қиматҳои меъёрӣ пастанд, талабот аз пешниҳод зиёд аст ва баръакс, – ҳангоми баланд будани қиматҳои мазкур талабот паст мешавад.

Дар ҳамагуна дигар бозори молҳо номутаносибии байни истеҳсол ва истеъмол ба косташавии устувории он намеоварад, номутаносибӣ аз ҳисоби захираҳои анбории мол ё ҷойгузинҳои он бартараф карда мешавад. Вале фаврияти раванди истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ кори мувофиқашудаи тамоми иштирокчиёни муносибатҳои бозориро тақозо менамояд, гарчанде манфиатҳои онҳо мухталифанд. Роҳбарии реҷаи истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқро танзимгари низом анҷом медиҳад. Бинобар ин, бозори фурӯши барқ бештар хосияти технологӣ дорад, на молиявӣ. Набояд роҳбарии раванди мураккаби истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ ба зиммаи танзимгари тиҷоратӣ вогузор шавад, ин равандро бояд танзимгари технологӣ идора кунад.

Бозори фурӯши барқ ягона бозорест, ки дар он ноустувории низом зуд авҷ мегирад ва метавонад дар давоми як сония садҳо иштирокчиёни истифодабарандаи ҳамон як мол, ҳамон як инфрасохтори як бозорро фаро гирад. Дар ин маврид, агар барои бартараф кардани сабабҳои рух додани садама чораҳои зарурӣ дида нашаванд, бозори фурӯши барқ метавонад вайрон шавад. Масъулияти танзимгари низом барои таъмини эътимоднокӣ ва сифати таъмини нерӯи барқ ниҳоят баланд аст ва он наметавонад ба иштирокчиёни тиҷоратии бозори фурӯши барқ вогузор карда шавад. Танзимгари низом бояд тарҳи тиҷоратии аз ҷониби маъмури низоми тиҷоратӣ (танзимгари тиҷоратӣ) таҳияшударо иҷро намояд, вале дар ин маврид вазифаи асосии танзимгари низом таъмини сифати барқ ва эътимоднокии кори низоми энергетикӣ мебошад.

Хусусиятҳои баррасишудаи нерӯи барқ ва шароити рушди соҳаи энергетика аз ҷониби давлатҳо дар мавриди ташкили бозори фурӯши барқ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар натиҷа дар аксари давлатҳои мутараққӣ дар бозори фурӯши барқ муносибатҳои бозории маҳдуд татбиқ шуда, мамлакатҳои дигар пас аз роҳандозӣ намудани ислоҳоти соҳа аз бунёди бозори мукаммали фурӯши барқ даст кашида, дар шароити танзими давлатии таъмини нерӯи барқ қарор гирифтаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҳамин гуна давлатҳо мебошад.

## 1.2. Асосҳои консептуалии амалкунии бозори фурӯши барқ

Асосҳои консептуалӣ, ё ба қавли дигар – асосҳои назариявии фаъолият дар ин ё он намуди бозор, аз ҷумла дар бозори фурӯши барқ – ин ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва зикри мафҳумҳои асосӣ барои рушди таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи мазкур мебошад. Яъне, асоси консептуалӣ чун як бахш ё фишурдаи корҳои таҳқиқотӣ буда, имкон медиҳад, ки аз як ҷониб саъю кӯшиши таҳқиқотчӣ ба самти муайян равона гардад, аз ҷониби дигар, - методологияи зарурӣ барои анҷом додани таҳқиқот муайян карда шавад.

Корбурди равиши методологӣ дар таҳқиқи бозори фурӯши барқ унсури муҳимтаринии асосҳои консептуалии он аст. Равиши методологӣ дар ин маврид

самтҳои сохторӣ-вазифавӣ (аз рӯйи соҳаҳо ва муҳтавои муносибатҳои пайдошаванда) ва тобеият (аз рӯйи зинаҳои низоми иқтисодӣ дар соҳа)-и таҳқиқотро дар назар дорад, ки имкон медиҳад, на танҳо амалҳои байниҳамдигарии субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳқиқ карда шаванд, «инчунин самтҳои такомули муҳити институтсионалии бозор ба хотири таҳия намудани механизмҳои босамари танзими он муайян карда шаванд» [80, с. 125].

Рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо истифодаи рӯзафзуни захираҳои табиӣ алоқаманд аст, ки ба маҳвшавии онҳо оварда, имконияти истифодабарии тӯлонии онҳоро зери таҳдид мегузорад. Муносибати масъулиятнок ба паёмадҳои рушди иқтисодӣ дар консепсияи гузариш ба рушди устувор, ки ба сифати ҳадафи асосии инсоният дар асри XXI дар санадҳои появии ҳамоишҳои Созмони Милали Муттаҳид муқаррар шудааст, инъикос гардидаанд.

Аз таърифи мафҳуми бозори фурӯши барқ, ки мо дар параграфи пешин таҳия намуда будем, бармеояд, ки субъектҳои асосии он истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони барқ, инчунин миёнаравҳои байни онҳо мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи субъектҳои бозори фурӯши барқ ба корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ) - маҷмуи бо ҳам алоқаманди соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар системаҳои гидроэнергия ва гармиистеҳсолкунанда, ангишт, нафт, газистихроҷ, интиқол ва коркардкунанда, барқтаъминкунанда ва барқистифодабаранда, инчунин зерсистемаҳои минтақавӣ ва дигар объектҳои энергетикӣ, ки сарфи назар аз шакли моликият фаъолият менамоянд, мансуб мебошанд [72]. Дар ин маврид, фаъолият дар соҳаи таъмини нерӯи барқ – истеҳсол, интиқол, расонидан, тақсимот, нигоҳдорӣ, коркард, таҷдид, фурӯши барқ, захираҳо ва маҳсулоти электроэнергетикӣ мебошад. Истеъмолкунандагони барқ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки нерӯи барқро мехаранд ва бидуни аз нав фурӯхтан онро истифода мебаранд.

Моҳияти бозори фурӯши барқ дар вазифаҳои аз ҷониби он иҷрошаванда (расми 1.1) ва хусусиятҳои соҳавии истеҳсол ва фурӯши барқ зоҳир меёбад.




**Расми 1.1. - Вазифаҳои бозори фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Хусусиятҳои соҳавии бозори фурӯши барқ пеш аз ҳама аз хосиятҳои ҷисмонии худи нерӯи барқ, хосиятҳои техникии равандҳои истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли он, инчунин нақше, ки нерӯи барқ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мебозад, вобаста мебошанд.

Нерӯи барқ ҳамчун мол дорои хусусиятҳое мебошад, ки ба ташкили бозори фурӯши барқ таъсири худро мерасонанд (расми 1.2):




**Расми 1.2. – Хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

- доимияти равандҳои истеҳсол, интиқол ва истеъмоли нерӯи барқ (барқи истеҳсолшуда ҳамзамон ба истеъмолкунанда интиқол дода мешавад ва истеъмолкунанда онро бетаъхир истеъмол мекунад);

- нерӯи барқ моли ғайриҷисмонӣ аст ва онро наметавон дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ дошт, инчунин ғун кардани он бо андозаҳои калон ғайриимкон аст. Хусусиятҳои муфиди нерӯи барқ дар раванди истифода шакли моддӣ мегиранд, - натиҷаи истифода метавонад кори иҷрошуда ё хосияти истеъмолӣ (масалан, гармӣ, хунукӣ), амалиёти техникӣ бошад;

- хусусияти назарраси нерӯи барқ ҳамчун мол дар он ифода меёбад, ки миқдори ба истеъмолкунанда фурӯхташуда ва истеъмолшудаи он тибқи маълумоти ҳисобкунаки махсус ва истеъмоли ҳақиқии он ченшаванда аст (бо кВт-соат), бинобар ин, миқдори талафоти нерӯи барқи ба истеъмолкунанда

таҳвилшударо бо муқоиса намудани нишондоди ҳисобкунакҳо дар нуқтаҳои аввал ва охири интиқол метавон аниқ чен кард;

- хусусияти баргарданда набудани нерӯи барқ - харидор онро наметавонад бо сабаби мувофиқат накардани аломатҳои истеъмолӣ ба таҳвилкунанда бозпас гардонад, чунки он ҳамзамон бо интиқол додан истеъмол ва маҳв мешавад;

- умумияти истеъмоли нерӯи барқ дар он ифода меёбад, ки ҳама онро истеъмол мекунанд ва он дорои аломатҳои сифатии шиддат ва ҷараён аст;

- ба харидор интиқол додан ва истеъмоли нерӯи барқ танҳо бо истифода аз таҷҳизоти техникии махсус – хатҳои интиқол (сим), дастгоҳҳои қабулкунанда ва табдилдиҳанда (трансформатор), воситаҳои таъмини бехатарӣ, асбобҳои назоратӣ-ченкунанда имкон дорад;

- маҳдудияти истифодаи ваколатҳо ва ҳуқуқҳои соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ намудан – бо доштани хосиятҳои молии возеҳ (арзиш, хосиятҳои истеъмолӣ, чен шудани сифат), нерӯи барқ на ба маънои ҷисмонӣ ва на ба маънои ҳуқуқӣ мубодила намешавад (масалан, он наметавонад предмети ҳуқуқи гарав ё объекти иҷора бошад).

Омилҳои ба бозори фурӯши барқ таъсиррасон дар расми 1.3 оварда шудаанд.

Бар асари хусусиятҳо ва омилҳои зикргардида ва бо баҳисобгирии аҳамияти иҷтимоию иқтисодии нерӯи барқ раванди ташаккули бозори фурӯши барқ аз равандҳои ташаккули бозорҳои дигар тафовут дорад. Дар аксари ҳолатҳо бозорҳои дорои хусусияти рақибона дар иқтисодиёти бозорӣ бо асосҳои объективӣ дар таҳти таъсири қонунҳои истеҳсолоти молӣ пайдо мешаванд. Нақши давлат дар таъмини муҳити рақибонаи мусоид тавассути қонунгузории зиддиинҳисорӣ, дастгирии намудҳои муайяни соҳибкорӣ ва соҳаҳои муайяни фаъолият ба воситаи низоми андозбандии имтиёзнок ва кӯмаки давлатии суроғавӣ ифода меёбад. Дар бозори фурӯши барқ дар бештари мамлакатҳо бозори рақибона дар таҳти назорати давлат тавассути роҳандозӣ намудани ислоҳот дар соҳа ташаккул меёбад.

Омилҳои ба бозори фурӯши барқ таъсиррасон

- Умумияти маҳсулоти истеҳсолшаванда ҳангоми аҳамияти бузурги иқтисодии он, ки мавҷудияти алоқаҳои берунии сершуморро ба миён меорад
- Мақоми электроэнергетика, ки бо иҷрои вазифаҳои таъмини фаъолияти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд буда, мавҷудияти вобастагии байниҳамдигарии зичи робитаҳои байнисоҳавии сершуморро ба миён меорад
- Хусусиятҳои истеҳсол, интиқол ва тақсими и барқ, ки вобастагии байниҳамдигарии зичи робитаҳои дохилисоҳавии техникӣ ва иқтисодиро ба миён меорад
- Таъсири соҳаи электроэнергетика ба рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар паёмади пайвастагии нисбатан қавӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки истеъмолкунандагони нерӯи барқ ба истеҳсолкунандагони он
- Мақбулии ҷойгиронии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар наздикии маконҳои истихроҷи тавлидкунандагони нерӯи барқ, ки ба пайдо шудани минтақаҳои дорои электроэнергетикаи барзиёд ва норасо меорад
- Таъсири бузургӣ ва реҷаи истеъмоли барқ ба бузургии истеҳсоли он, ба нишондиҳандаҳои техникӣ ва молиявӣ-иқтисодии дастгоҳҳои тавлидкунандаи барқ
- Беистӣ ва муттасилии раванди истеҳсол, интиқол ва истеъмоли нерӯи барқ, ки ғайриимконии бартараф намудани маҳсулоти бесифат (нерӯи барқи аз аломатҳои меъёрӣ паст) ва зарурати кори ҳамаи унсурҳои таркибии ин равандро дар реҷаи мувозӣ ба миён меорад
- Мавҷудияти маҳдудиятҳо, ки бо сабаби ҳолати техникӣ, истифодаи сӯзишвории ғайрилоиҳавӣ, истифода дар давраи зимистон, иқтидори гузарониши хатҳои интиқоли нерӯи барқ ба миён меояд

**Расми 1.3. - Омилҳои ба бозори фурӯши барқ таъсиррасон**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт**

Унсурҳои муҳимтарини бозори фурӯши барқ ҷузъҳои низоми ягонаи электроэнергетикӣ мебошанд, ки маҷмуи фарогири объектҳо ва субъектҳои бозори мазкурро, ки бо занҷираи ягонаи равандҳои истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ҳангоми идоракунии марказонидашуда-танзимгарӣ пайваста мебошанд, ифода менамоянд.

Объектҳо ва субъектҳои бозори фурӯши барқ дар расми 1.4 нишон дода шудаанд.




**Расми 1.4. – Объектҳо ва субъектҳои бозори фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Объектҳои бозори фурӯши барқ инҳо мебошанд:

- нерӯгоҳҳои барқӣ – маҷмуи амволии биноҳо, иншоот, ки чун манбаи истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ истифода мешаванд;

- шабакаҳо ва зеристгоҳҳои барқӣ, ки барои интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ хизмат менамоянд.

Субъектҳои бозори фурӯши барқ шахсоне мебошанд, ки фаъолиятро дар соҳаи истеҳсол, харид ва фурӯши барқ, идоракунии фаврӣ-танзимкунандагии нерӯи барқ анҷом медиҳанд.

Тавре мебинем, дар бозори фурӯши барқ асосан корхона ва ташкилотҳое фаъолият менамоянд, ки вазифаҳои худро дар доираи низоми ягона иҷро мекунанд. Муаллифон дар асарҳои илмӣ ба гурӯҳҳои асосии корхонаҳои дар бозори фурӯши барқ фаъолияткунанда инҳоро мансуб медонанд: корхонаҳое, ки нерӯи баркро дар бозори яклухт таҳвил мекунанд, аз ҷумла «корхонаҳои бузурге, ки дар таркиби дороиҳои худ нерӯгоҳҳои барқии намудҳои гуногунро доранд; корхонаҳои бузурги шабакаҳои барқӣ, ки ба онҳо хатҳои интиқоли барқи баландшиддат мансуб мебошанд; корхонаҳои фурӯши барқ ва дигарҳо» [21, с. 58]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин корхонаҳо якҷоя бо корхонаҳои тақсимоти барқ низоми электроэнергетикии мамлакатро ташкил медиҳанд, ки дар корхонаи холдингии ШСХК (Ширкати саҳомии холдингии кушодаи) «Барқи Тоҷик» муттаҳид шудаанд. Низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, субъектҳои бозори фурӯши баркро дар чор минтақаи иқтисодӣ-ҷуғрофӣ – шаҳри Душанбе, Ноҳияҳои тобеи марказ, Хатлон (Ҷануб) ва Суғд (Шимол) бо ҳам пайваста мекунад.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори фурӯши барқ дар шароити инҳисори табиӣ амал менамояд ва асосан аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» танзим ва идора мешавад. Аз соли 2002 дар асоси шартномаи консессия идоракунии шабакаи таъминоти барқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба муҳлати 25 сол ба ширкати хусусии ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» («Помир Энерҷӣ»), ки берун аз шабакаҳои муттамаркази мамлакат фаъолият мекунад, вогузор шудааст.

ШСХК «Барқи Тоҷик» ширкати миллӣ буда, ҳадафи асосии он истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши барқ ва гармӣ асосан дар бозори дохилии мамлакат буда, дар фаслҳои алоҳидаи сол нерӯи барқ ба бозори берунӣ (асосан

Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Афғонистон) фурӯхта мешавад. Дар ҷадвали 1.2 сохтори истеҳсолии ШСХК «Барқи Тоҷик» оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.2. – Сохтори истеҳсолии ШСХК «Барқи Тоҷик»**

| Нерӯгоҳҳои барқии обӣ (НБО) | Марказҳои барқу гармидиҳӣ (МБГ) | Нерӯгоҳҳои барқии обии хурд (НБОХ) |
|---|---|---|
| 1. НБО Норак ба номи Г. Улҷабоев | 1. ҶСК МБГ ш. Душанбе | 1. НБОХ Сангикар |
| 2. НБО Бойғозӣ | 2. ҶСК МБГ Ёвон | 2. НБОХ Шашболоӣ |
| 3. НБО Қайроққум | 3. МБГ ш. Душанбе-2 | 3. НБОХ Фатҳобод |
| 4. НБО Сарбанд | | 4. НБОХ Питавқул-1 |
| 5. НБО Шаршар | | 5. НБОХ Питавқул-2 |
| 6. НБО Марказӣ | | 6. НБОХ Тутак |
| 7. НБО Варзоб-1 | | 7. НБОХ Хорма |
| 8. НБО Варзоб-2 | | 8. НБОХ Ширкент |
| 9. НБО Варзоб-3 | | 9. НБОХ Ҳазора-1 |
| 10. НБО Сангтӯда-1 (шарик) | | 10. НБОХ Ҳазора-2 |
| 11. НБО Сангтӯда-2 (шарик) | | 11. НБОХ Артуч |
| 12. НБО Роғун | | 12. НБОХ Панҷруд |
| | | 13. НБОХ Марзич |
| | | 14. НБОХ Диҷик |
| | | 15. НБОХ Кӯҳистон-1 |
| | | 16. НБОХ Кӯҳистон |

**Сарчашма: сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Сохтори фурӯш (интиқол ва тақсимот)-и минтақавии ШСХК «Барқи Тоҷик» дар ҷадвали 1.3 оварда шудааст.

Ҳоло субъектҳои дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши барқро, ки ҳамасола ба ҳисоби миёна 17 млрд. кВт-соатро ташкил медиҳад ва асосан (95%) дар нерӯгоҳҳои барқии обӣ (НБО) истеҳсол мешавад, анҷом медиҳанд. Нерӯи барқи дар НБО-ҳо истеҳсолшаванда хусусияти мавсимӣ дошта, аз сатҳи оби дарёҳо вобаста аст. Нишондиҳандаи пасттарини истеҳсоли нерӯи барқ дар мавсими тирамоҳ ва зимистон (моҳҳои октябр-апрел) мушоҳида мешавад, ки дар ин мавсим талабот ба нерӯи барқ ниҳоят баланд аст. Дар фасли тобистон, ки талабот ба нерӯи барқ нисбатан кам аст, баръакс, истеҳсоли он то ба ҳаҷми 6-7 млрд. кВт-соат баланд мешавад. Ҳамаи ин ба фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва натиҷаҳои молиявии онҳо таъсир мерасонад.

**Ҷадвали 1.3. – Сохтори фурӯши минтақавии ШСХК «Барқи Тоҷик»**

| Шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд |
|---|---|---|
| 1. ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» | 1. ҶСК «Шабакаҳои барқии Ҷанубӣ» | 1. Шабакаҳои барқии Суғд |
| 2. Шабакаҳои барқии марказӣ | 2. ҶСК «Шабакаҳои барқии Кӯлоб» | 2. ҶСК «Шабакаҳои барқии Истаравшан» |
| 3. ҶСК «Шабакаҳои барқии Турсунзода» | 3. ҶСК «Шабакаҳои барқии Ёвон» | 3. ҶСК «Шабакаҳои барқии Панҷакент» |
| 4. Шабакаҳои барқии Рашт | 4. ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Кӯлоб» | 4. Шабакаҳои барқии Хуҷанд |
| | 5. Шабакаҳои барқии шаҳри Бохтар | 5. Шабакаҳои барқии шаҳри Бӯстон |
| | 6. ҶСК «Шабакаҳои барқии Данғара» | 6. ҶСК «Шабакаҳои барқии Исфара» |
| | 7. Шабакаҳои барқии Норак | |

**Сарчашма: сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Соли 2018 дар сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» дигаргунии муҳим ба амал омад, ки дар натиҷа ду ширкати алоҳида ба сифати субъектҳои бозори фурӯши барқ – ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» таъсис дода шуданд. Акнун, дар заминаи вазифаҳои пештар ба ШСХК «Барқи Тоҷик» тааллуқдошта фаъолият оид ба интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ аз ҷониби субъектҳои алоҳидаи бозори мазкур ба ҷо оварда мешаванд.

Акнун, бо ҷудо шудани ширкатҳои алоҳидаи интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, ки дар бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, аломатҳои бозори яклухт ва чаканаи фурӯши барқ, ки дар амалияи ҷаҳонӣ маъмуланд, зоҳир мегарданд.

Бозорҳои савдои яклухт ва чаканаи нерӯи барқ дар мамлакатҳои алоҳида дорои сохтори хоси субъектҳо ва объектҳо, инчунин муносибати байни онҳо мебошанд. То имрӯз дар амалияи ҷаҳонӣ усулҳои комилан тафовутдоштаи танзими бозорҳои фурӯши барқ пойдор гардидаанд. Ин ҷо мо барои омӯзиш бозорҳои фурӯши барқи мамлакатҳоеро ба таҳқиқ фаро мегирем, ки то солҳои наздик бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодии шабеҳ қарор доштанд (мамлакатҳои ИДМ, ба хусус Федератсия Россия). Масалан, дар Федератсияи Россия «ба истиснои 40 истеъмолкунандае, ки ба бозори савдои яклухти нерӯи

барқ ворид шудаанд, ҳамаи дигар истеъмолкунандагон нерӯи баркро дар бозори савдои чакана харидорӣ мекунанд» [34, с. 95].

Дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харидорони яклухти нерӯи барқ асосан корхонаҳои махсусгардонидашудаи ҳисоби хоҷагӣ ё воҳидҳои сохтории дар ҳисоби хоҷагӣ қарордошта тааллуқ доранд, ки тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» нестанд, дар тавозуни худ шабакаҳои гармдиҳӣ дошта, хариди яклухти нерӯи баркро аз корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи барқ ва нерӯгоҳҳои гармӣ харида, онро ба истеъмолкунандагони мефурӯшанд.

Дар натиҷаи пайдо шудани рақобат дар бозори фурӯши барқ имконияти ба қадри назаррас беҳтар гардидани вазъи маҳз истеъмолкунандагони ниҳоии нерӯи барқ – аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ пешбинӣ мешавад, чунки дар умум маҳз онҳо бевосита натиҷаи рақобат дар бозор – тағйирёбии хароҷоти худро ҳис мекунанд. Аз он ки хароҷоти истеъмолкунандагони асосии нерӯи барқ чӣ гуна тағйир меёбанд (кам ё зиёд мешаванд), самаранокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт вобаста аст. Маҳз бо ҳамин сабаб муваффақиятҳо дар бозори фурӯши барқ дар асоси самараи дар бахши бозорҳои чаканаи он бадастомада арзёбӣ карда мешавад.

Ҷиҳати ташаккули бозори чаканаи фурӯши барқ ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон чунин амалҳоро иҷро кард:

- барҳам додани инҳисор ва рушди рақобат дар истеҳсол ва фурӯши барқ;
- ҳавасмандсозии таъмини нерӯи барқ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт;
- бунёди низоми дастгирии табақаҳои камдаромади аҳолӣ;
- бунёди механизми босамари паст кардани хароҷоти истеҳсол, интиқол ва фурӯш (тақсимот)-и нерӯи барқ ва беҳгардонии вазъи молиявии корхонаҳои соҳа;
- ташаккули бозори босамари яклухти нерӯи барқ барои таъмини эътимодноки истеъмолкунандагон ҳангоми рушди марҳила ба марҳилаи рақобат дар бозори фурӯши барқ;
- бунёди пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии ислоҳоти соҳаи электроэнергетика, ки амалкунии онро дар шароити нави иқтисодӣ танзим кунад;

- марҳила ба марҳила барҳам додани тахфифҳо ва изофанархҳо барои гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагони нерӯи барқ.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нархи 1 киловатт-соат нерӯи барқ барои аҳолӣ ва нақлиёти электрикӣ 22,66 дирам (бо ААИ), корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисаноатӣ – 55,14 дирам (бе ААИ), вале барои ҶДММ «Комбинати металлургии тоҷик» дар моҳҳои май-сентябр ҳамагӣ 9,68 дирам (бе ААИ) мебошад. Барои ҶСК «Ширкати алюминийи тоҷик» (ТАЛКО) арзиши 1 киловатт-соат нерӯи барқ дар моҳҳои май-сентябр – 7,2 дирам (бо ААИ), октябр-апрел – 11,8 дирам (бо ААИ) муқаррар шудааст. Тахфифҳо ва изофанархҳо ба нерӯи барқ барои ҷуброни иқтидори реактивӣ ва нерӯ ҳангоми ҳисобикунӣ бо истеъмолкунандагони саноатӣ, ғайрисаноатӣ, корхонаҳои кишоварзӣ ва дигар истеъмолкунандагони ба онҳо баробаркардашуда амалӣ карда мешаванд [89, с. 12].

Хусусиятҳои асосии фарққунандаи бозори фурӯши барқ – «беистии амалкунӣ ва нобаробарандоза будани тарҳи таҳвили нерӯи барқ, ки аз хосияти тағйирёбии талабот дар вақт, мавҷуд набудани имконияти ташаккули захираи ҳаҷми нерӯи барқ ба миқдори басанда дар миқёси низоми энергетикӣ, мавҷуд набудани имконияти банақшагирии аниқи ҳаҷмҳои истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ, набудани имконияти муайян кардани истеҳсолкунандаи нерӯи барқ барои ҳар як истеъмолкунандаи ниҳоӣ» [21, с. 56] бармеоянд, мебошанд.

Дар сохтори соҳаи электроэнергетика, ки ташаккули сохтори бозори фурӯши барқро муайян мекунад, субъектҳои бозор - унсурҳои бо ҳам алоқаманд амал менамоянд ва фаъолияти онҳо ба чор марҳилаи асосӣ ҷудо мегардад (расми 1.5). Пеш аз ҳама, истеҳсоли нерӯи барқ бо ёрии нерӯгоҳҳои барқӣ ба амал меояд. Дар марҳилаи минбаъда интиқоли нерӯи барқи истеҳсолшуда тавассути шабакаҳои хатҳои барқии баландшиддат дар низоми ягонаи шабакаҳои интиқол сурат мегирад. Пас аз интиқоли нерӯи барқ тақсимоти он тавассути шабакаҳои пастшиддати интиқол ва дар марҳилаи охирин фурӯши он ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ ба амал меояд.




**Расми 1.5. – Марҳилаҳои раванди фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Дар бозори фурӯши барқ маҷмуи объектҳо ва субъектҳо, ки бо ҳам тавассути занҷираи ягонаи равандҳои истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар шароити идоракунии марказонидашудаи диспетчерӣ (танзимкунанда) пайваста мебошанд, фаъолият мекунанд. Зарурати таъмини тавозуни доимӣ ва беисти истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ хусусияти асосии амалкунии низоми электроэнергетикӣ мебошад. Вобаста ба хусусиятҳои нерӯи барқ «ноил гардидан ба ҷорӣ намудани рақобат дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши барқ, инчунин корҳои таъмирӣ (таъмир, насбкунӣ, васлкунӣ, ҷӯркунии таҷҳизоти барқӣ) ва ҳамзамон нигоҳ доштани инҳисори табиӣ дар соҳаи интиқол, тақсимоти нерӯи барқ ва идоракунии фаврӣ-диспетчериро пешбинӣ менамояд» [122, с. 39].

Имрӯз бо ҷорӣ намудани унсурҳои рақобат зарурати ташкили бозори фурӯши барқ дар ин ё он амсила (шакл) ба миён меояд. Бинобар ин, амсилаҳои ташкили бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои алоҳида аз хосиятҳои нерӯи барқ ва аҳамияти он дар иқтисодиёти мамлакат вобаста мебошанд. Дар ин маврид хусусиятҳои иқтисодӣ, табиӣ ва иҷтимоии ҳар як мамлакат ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳоло дар адабиёт [20; 28; 45; 143] чор амсилаи асосии ташкили бозори фурӯши барқ баррасӣ мешавад (расми 1.6).

Дар мавриди амсилаи 1 - инҳисори табиии танзимшаванда, ки дар баъзе адабиёт [32; 106] ҳамчун амсилаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда номбар мешавад, ширкатҳои инҳисории дар бозори фурӯши барқ амалкунанда дар ҳудудҳои ҷуғрофии ба онҳо вобастакардашуда тамоми соҳаҳои истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши барқро фаро мегиранд. Ба онҳо масъулияти таъмини эътимоднок ва бести барқ ба истеъмолкунандагон дар ҳудуди худ вогузор карда

мешавад. Бан андешаи мо, дар қатори ширкатҳои инҳисорӣ метавонанд дар бозор истеҳсолкунандагони мустақили нерӯи барқ ва ширкатҳои алоҳидаи бо фурӯши барқ машғул фаъолият кунанд. Дар асоси қарордодҳои махсус ва дар тахти назорати давлат онҳо метавонанд нерӯи барқро аз ширкатҳои инҳисорӣ харид кунанд ва фурӯшанд.

**Амсилаҳои ташкили бозори фурӯши барқ**

**1. Инҳисори табиии танзимшаванда**

Тарифҳои нерӯи барқ дар сатҳи хароҷоти миёнаи ширкати инҳисорӣ муқаррар шуда, рушди зарурии низоми электроэнергетикӣ таъмин мегардад. Истеҳсолкунандагони мустақили нерӯи барқ ва ширкатҳои фурӯш низ ҳастанд, ки пайвастшавии онҳо ба шабакаҳои барқии ширкати инҳисорӣ бо бастани шартномаҳои дахлдор мақбул аст. Камбудии асосии ин амсила зарурати танзими давлатӣ мебошад, ки ба мушкилоти муайян

**2. Харидори ягона**

Дар бозори яклухт байни ҳам танҳо истеҳсолкунандагоне рақобат мекунанд, ки нерӯи барқ аз онҳо дар асоси қарордодҳои дарозмуҳлат харида мешавад. Нархҳои нерӯи барқро, ки аз истеҳсолкунандагон харида ва ба истеъмолкунандагон фурӯхта мешавад, давлат танзим мекунад. Самари рақобат дар соҳаи истеҳсоли нерӯи барқ амалӣ гардида, рушди муносиби иқтидорҳои тавлидкунандаи нерӯи барқ ва нархҳои паст барои истеъмолкунандагон таъмин карда мешавад.

**3. Рақобат дар бозори яклухт**

Якчанд истеҳсолкунандагон ва якчанд харидорони нерӯи барқ мавҷуд мебошанд. Харидорон нерӯи барқро ба таври инҳисорӣ ба истеъмолкунандагони ба ҳудуди худашон вобастакардашуда тақсим мекунанд (мефурӯшанд).

**4. Рақобат дар бозорҳои яклухт ва чакана**

Ҳам истеҳсолкунандагон ва ҳам истеъмолкунандагони нерӯи барқ байни ҳам озодона рақобат мекунанд. Ташкили бозорҳои чакана таъсиси низоми мураккаби баҳисобгирии нерӯи барқи истеъмолшавандаро талаб намуда, шумораи ширкатҳои соҳаи фурӯш, хароҷоти бариловаи онҳоро зиёд ва равандҳои тиҷорати нерӯи барқро мураккаб мекунад.

**Расми 1.6. – Амсилаҳои ташкили бозори фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Дар расми 1.7 тарҳи сохтории бозори ба таври амудӣ ҳамгирошудаи фурӯши барқ оварда шудааст (доираи инҳисор бо ранги кабуд ҷудо карда шудааст).




**Расми 1.7. - Тарҳи сохтории бозори ба таври амудӣ ҳамгирошудаи фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Нархҳо ва тарифҳои нерӯи барқи аз ҷониби ширкатҳои инҳисорӣ истеҳсолшавандаро барои истеъмолкунандагон мақомоти давлатии танзимкунанда дар сатҳи хароҷоти миёнаи ширкат бо баҳисобгирии меъёри муътадили фоида муқаррар мекунанд. Ҳангоми набудани рақобат ва «дар сурати мавҷуд набудани бозори озод, нархҳо аз талабот ва пешниҳодот ҷудо мебошанд ва ба таври дастурӣ муайян карда мешаванд» [32, с. 69].

Сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ, шабакаҳои барқӣ (хатҳои интиқоли барқ) ва рушди онҳо аз ҷониби ширкати инҳисорӣ банақшагирӣ ва бо мақомоти давлатии танзимкунандаи соҳа мувофиқа карда мешавад. Пас аз ин масрафҳои сохтмон (сармоягузорӣ) дар намуди унсури таркибии сармоягузорӣ ба таркиби нархҳо (тарифҳо) чун хароҷоти ширкат дохил карда мешаванд.

Дар таъмини амалкунии босамар ва рушди нерӯгоҳҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ нақши муҳимро мақомоти давлатии танзимкунанда мебозанд.

Мақомоти танзимкунанда дар қатори худи ширкатҳо барои таъмини эътимодноки истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ масъулият мебаранд.

Баландшавии тарифҳои нерӯи барқ дар як қатор мамлакатҳо дар охири асри XX ба интиқоди амсилаи 1, пешниҳодҳо оид ба ислоҳот дар соҳаи электроэнергетика ва ворид намудани унсури рақобат дар истеҳсол ва фурӯши барқ оварданд. Интизор мерафт, ки рақобат танзими давлатиро иваз, самаранокии истеҳсолро баланд карда, ба пастшавии нархи нерӯи барқ меорад.

Ба андешаи мо, ҳоло самти дигари баланд бардоштани самаранокии бозори фурӯши барқ дар доираи амсилаи 1 – мукаммалсозии танзими давлатӣ низ имкон дорад. Аз ҷумла, муаллиф С. Стофт [116, с. 47] қайд менамояд, ки «Дар амал низоми танзим дар Иёлоти Муттаҳида хеле қаноатбахш кор мекард ва метавонист боз ҳам беҳтар кор кунад, агар кӯшишҳои вайрон кардани танзим барои танзимкунӣ равона карда мешуданд». Амсилаи инҳисори табиии танзимшаванда дар Франсия, Япония, бештари иёлоти ИМА, баъзе музофотҳои Канада ба кор бура мешавад.

Дар мавриди амсилаи 2 - харидори ягона, соҳаҳои истеҳсоли барқ ба якчанд ширкатҳои мустақили истеҳсолкунанда (нерӯгоҳҳо) тақсим мешаванд ва ҳама барои ба харидори ягона (агентӣ) таҳвил додани нерӯи барқ бо ҳам рақобат мекунанд. Ба бозор истеҳсолкунандагони нави нерӯи барқ роҳ ёфта метавонанд. Соҳаҳои дигари бозори фурӯши барқ (интиқол, тақсимот) дар доираи як ширкати инҳисорӣ ҳамгиро мешаванд, фаъолияти ширкати инҳисорӣ – харидор чун дар амсилаи аввалӣ аз ҷониби давлат танзим карда мешавад (расми 1.8).

Ба андешаи мо, дар амсилаи мазкур истеъмолкунандагони нерӯи барқ нисбат ба истеҳсолкунанагон дар мавқеи итмтиёзнок қарор доранд. Ширкати харидори нерӯи барқ якҷоя бо истеъмолкунандагон дар бозори яклухт мавқеи асосӣ ва муайянкунандаро ишғол менамоянд.

Амсилаи харидори ягона ҳоло дар Хитой, Ҷумҳурии Корея, як қатор мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ва Ирландияи Шимолӣ истифода мешавад.




**Расми 1.8. - Тарҳи сохтории бозори фурӯши барқ бо амсилаи харидори ягона**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Амсилаи 3 - рақобат дар бозори яклухт, аз амсилаи пешин ба таври куллӣ фарқ мекунад. Ба ҷои як ширкати харидор дар бозор якчанд ширкатҳои тақсимотӣ-фурӯшанда пайдо мешаванд. Ин ширкатҳо иқтидорҳои истеҳсолии худро надоранд ва истеъмолкунандагонро дар ҳудуди ба худ вобасташуда ба таври инҳисорӣ бо нерӯи барқ таъмин мекунанд. Онҳо барои таъмини эътимодноки нерӯи барқ масъул буда, аз ҷониби мақомоти давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла вобаста ба тарифҳои нерӯи барқи ба истеъмолкунандагон таҳвилшаванда танзим карда мешаванд. Дар бозори яклухти нерӯи барқ сохторҳои ташкилии нав пайдо мешаванд, чун:

- ширкати интиқолӣ-шабакавӣ, ки дорои шабакаҳои баландшиддат буда, таҳвили нерӯи барқро аз истеҳсолкунандагон ба ширкатҳои тақсимотӣ-фурӯшанда таъмин мекунад, дастрасии ҳамаи истеҳсолкунандагон ва харидорони нерӯи барқро ба шабакаи худ пешниҳод мекунад;

- танзимгари шабакавии мустақил, ки идоракунии фаврии диспетчерии истеҳсол ва интиқоли нерӯи баркро таъмин мекунад;

- маъмури мустақили низоми савдо, ки фурӯши баркро таъмин мекунад.

Соҳаи интиқоли нерӯи барқ дар амсилаи 3 инҳисор ҳисобида мешавад, бинобар ин, ширкати тақсимотӣ-фурӯшанда аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба тарифҳои истифодаи шабакаҳо ба хотири рушд ва таъмини даромаднокии муътадили онҳо танзим карда мешавад. Ширкати тақсимотӣ-фурӯшанда барои рушди шабакаҳои баландшиддат, аз ҷумла барои таъмини тиҷорати нерӯи барқ масъул аст.

Амсилаи 4 - рақобат дар бозорҳои яклухт ва чакана, дар илова ба амсилаи 3 имконияти рақобат дар бозорҳои чаканаи нерӯи баркро таъмин мекунад. Истеъмолкунандагон акнун метавонанд аз ширкатҳои гуногуни тақсимотӣ-фурӯшанда ва фурӯшанда нерӯи баркро харидорӣ кунанд. Дар ин маврид ширкатҳои фурӯшанда субъектҳои нави бозор ҳисобида мешаванд. Онҳо шабакаҳои тақсимотии худро надоранд ва танҳо нерӯи баркро харидуфурӯш мекунанд. Ширкатҳои тақсимотӣ-фурӯшанда уҳдадор мебошанд, ки шабакаҳои худро бо пардохти муайян ба ҳамаи ширкатҳои фурӯшанда ва ҳам ба истеҳсолкунандагони ба шабака пайваст пешниҳод намоянд. Ба андешаи мо, азбаски тақсимоти нерӯи барқ чун соҳаи инҳисорӣ боқӣ мемонад, танзими давлатӣ (маҳаллӣ)-и ширкатҳои тақсимотӣ-фурӯшанда ҷиҳати муқаррар намудани пардохти муштарӣ барои истифодаи шабакаҳои тақсимотӣ ва ба он дохил намудани масрафҳои рушди шабака бояд нигоҳ дошта шавад.

### 1.3. Таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозори фурӯши барқ

Дар раванди ислоҳоти низоми электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз аввалин солҳои истиқлолияти давлатӣ маншаъ мегирад, мушкилоти зиёд оид ба бозсозии сохтори бозори фурӯши барқ ба миён омада, роҳҳои ҳалли худро талаб менамоянд. Дар натиҷаи ислоҳот сохтори бозори фурӯши барқ, ки хосияти инҳисори давлатиро дошт, ба андозае дигаргун шуда, дар он шароит барои

рушди минбаъдаи рақобат ташаккул меёбад. Вале бо доштани хусусиятҳои хоси худ низоми электроэнергетикаи мамлакат барои роҳ ёфтани аломатҳои рақобат ба бозори фурӯши барқ монеаҳо эҷод менамояд. Бинобар ин, барои роҳандозӣ намудани ислоҳоти куллӣ ва босамар дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Механизмҳои идоракунии соҳаи электроэнергетика дар шароити зудтағйирёбандаи амалкунии бозори фурӯши барқ, ки аз равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, дигаршавии иқлим ва дигар омилҳои умдаи табиию иқтисодӣ вобаста мебошанд, дигар мешаванд ва дар самти ҷалби бештари рақобат ба бозор рушд мекунанд. Бо рушди технологияҳои нав равандҳои ислоҳот ва озодсозии иқтисодиёт хосияти ҷаҳонӣ пайдо намудаанд. Ин вазъ мушкилоти таъмини тавозуни байни самаранокии иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятиро дар бозори фурӯши барқ мубрам мегардонад.

Тавре таҳқиқот нишон медиҳанд, то солҳои 1980-1990 ҳамаи равандҳои истеҳсол ва фурӯши барқ дар аксари мамлакатҳо дар шароити инҳисори табиии ба таври амудӣ ҳамгирошуда рушд мекарданд [3; 42; 107]. Ҳамгирошавии амудӣ дар асарҳои илмӣ чун шакли олии ташкили истеҳсолот шарҳ дода мешавад. Мамлакатҳое, ки самти рушди сохторҳои ба таври амудӣ ҳамгирошударо пеш гирифтаанд, ба гурӯҳи мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта мансуб буда, дар онҳо «сатҳи баландтарини ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, даромади аҳолӣ ва сифати ҳаёт, рақобатпазирии макроиқтисодӣ, рушди илмӣ-техникӣ» [49, с. 108] ба назар мерасад.

Қариб дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон равандҳои истеҳсол, интиқол ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани нерӯи барқ дар як соҳаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда фаро гирифта шуда буданд, ки фаъолияти он аз ҷониби давлат қатъиян назорат ва танзим мешуд. Бо барқ таъмин намудани истеъмолкунандагон аз ҷониби корхонаҳои бузурги инҳисории асосан ба давлат тааллуқдошта ба ҷо оварда мешуд.

Аз соли 1991 дар ҷаҳон 45 мамлакат ба ислоҳоти куллии принсипҳои ташкили бозори фурӯши барқ дар асоси муносибатҳои рақобатӣ гузаштанд. Заминаҳои асосии чунин гузариш инҳо буданд [64, с. 487]:

- ғуншавии иқтидорҳои барзиёди тавлидкунандаи барқ дар низомҳои миллии электроэнергетикӣ, ки масрафҳои нигоҳдории онҳоро истеъмолкунандагон водор буданд тавассути тарифҳои танзимшаванда пардохт кунанд;

- пайдо шудани дастгоҳҳои барқтавлидкунандаи иқтидорашон начандон калони дорои нишондиҳандаҳои баланди техникӣ-иқтисодӣ;

- густариши истифодаи гази табиӣ дар электроэнергетика, ки татбиқи технологияҳои газии самаранокиашон баландро ҳавасманд мекард.

Мамлакатҳои гуногун амсилаҳои мухталифи рақобатро бо баҳисобгирии хусусиятҳои рушди таърихӣ ва хусусиятҳои робитаҳои иқтисодӣ ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам байни мамлакатҳо истифода мебаранд, ки мо онҳоро дар параграфи пешин баррасӣ карда будем.

Бо мурури рушди технологияҳои нав равандҳои бозсозии сохтор ва озодсозии бозори фурӯши барқ хосияти умда гирифтанд. Дар шароити сохтори ба таври амудӣ ҳамгирошудаи бозори фурӯши барқ давлатҳо тарифҳои барқро ба таври қатъӣ муқаррар ва назорат мекарданд. Бо афзоиши истифодаи газ ва ангишт дар истеҳсоли нерӯи барқ, зарурати доимо навсозӣ ва ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсол, инчунин таъмини ҳамешагии талаботи дарозмуҳлат ба нерӯи барқ, ин низоми амалкунии соҳа чун камсамар арзёбӣ гардид.

Заминаҳои мазкур зарурати ислоҳоти куллиро дар тамоми бозори фурӯши барқ муайян намуданд. Вазъи мазкур ба он овард, ки дар охири асри XX аксари мамлакатҳои хориҷӣ оид ба татбиқи ислоҳоти сохтории бозори фурӯши барқ консепсияҳо таҳия намуда, қадамҳои аввалинро ҷиҳати амалисозии онҳо ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот роҳандозӣ намуданд.

Бо вуҷуди тафовутҳо дар хусусиятҳои миллии соҳаи электроэнергетика, дар аксари мамлакатҳо имконияти ҷудо намудани ҳадафҳо ва методологияи умумии ислоҳоти бозори фурӯши барқ вуҷуд дорад.

Ба сифати яке аз масъалаҳои аввалиндарача метавон зиёд шудани самаранокии амалкунии низомҳои электроэнергетикиро тавассути ҷудо намудани корхонаҳои инҳисорӣ ва аз ҳайати онҳо баровардани корхонаҳои дорои хосиятҳои рақобат (Чили, мамлакатҳои Скандинавия) ё ба иштирокчиёни нави бозор – фурӯшандагони мустақили нерӯи барқ пешниҳод намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба соҳаи мазкур (ИМА), инчунин озодсозии бозорҳои фурӯши баркро номбар кард [26, с. 92].

Имрӯз дар аксари мамлакатҳои Аврупо, Австралия, Канада, ИМА ва баъзе мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ислоҳоти бозори фурӯши барқ ба авҷи рушд расидааст. Ҳамзамон мамлакатҳои Африка ва Шарқи Наздик дар роҳандозӣ намудани ислоҳот каме қафо мондаанд. Таҷрибаи мамлакатҳои Америкаи Шимолӣ ва Аврупои Шарқӣ дар ислоҳоти бозори фурӯши барқ яке аз пешоҳангҳо дар ҷаҳон мебошад [65, с. 75].

Дар соҳаи танзими давлатӣ ҳадафҳои марбут ба рушди қонунгузории зиддиинҳисорӣ, таъмини дастрасии бе табъизи иштирокчиёни рақобаткунанда ба инфрасохтори бозори фурӯши баркро метавон ҷудо кард. Илова бар ин, таҳкими талаботи қонунгузории экологӣ навсозии босуръати иктидорҳои бозори фурӯши баркро тақозо мекард.

Ҳамин тавр, дигаргунсозиҳои сохтории бозори фурӯши барқ на танҳо дар аксари кишварҳои пешрафта, балки дар як қатор мамлакатҳои рушдкунанда низ ба як тамоюли ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Ҳадафҳои зикршуда дар давлатҳои гуногун бо роҳҳои мухталиф амалӣ карда шуданд. Акнун ба баррасии таҷрибаи хориҷӣ дар ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар мисоли баъзе кишварҳо ва гурӯҳи кишварҳои аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ хусусиятҳои якхела дошта шуруъ мекунем. Пеш аз ҳама қайд мекунем, ки ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои минтақаи Скандинавия, ки дар солҳои 1991-1999 роҳандозӣ шуда буд, ба ташаккули яке аз бозорҳои нисбатан шаффоф ва озоди фурӯши барқ овардааст [5, с. 298]. Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти худ аз омӯзиши таҷрибаи ислоҳоти мазкур оғоз мекунем.

Дар мамлакатҳои Скандинавия (Дания, Норвегия, Шветсия, Финляндия) то оғози ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар солҳои 1980-1990 инҳисори давлатӣ дар бахшҳои истеҳсол ва интиқоли барқ вуҷуд дошт, ки дар навбати худ ба мавҷудияти танзими қатъии давлатӣ вобаста ба харид ва фурӯши барқ, инчунин манъи иштироки ширкатҳои ғайридавлатӣ дар муносибатҳои мазкур боис гардид. Ҳамчун заминаи умумии ислоҳот дар мамлакатҳои Скандинавия чандир набудани сиёсати давлатии нархгузорӣ ва дар натиҷа хеле баланд шудани нархи барқро қайд кардан мумкин аст [82]. Хусусияти фарқкунандаи бозори фурӯши барқ дар ин кишварҳо муқаррар намудани сиёсати самараноки нархгузории давлатӣ дар натиҷаи ташкил ва рушди бозори ягонаи байнисарҳадии нерӯи барқ буд. Набудани рақобат ва мавҷудияти инҳисори минтақавӣ дар таъмини барқ ба тафриқаи нархи он дар минтақаҳои гуногун мусоидат кард. Хусусиятҳои бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои Скандинавия то оғози ислоҳот (солҳои 1980-1990) дар ҷадвали 1.4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.4. - Хусусиятҳои бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои Скандинавия то оғози ислоҳот (солҳои 1980-1990)**

| **Мамлакат** | **Хусусиятҳои бозори фурӯши барқ** |
|---|---|
| Дания | Объектҳои асосии соҳаи электроэнергетика ба давлат тааллуқ доранд ва давлат ҳамчунин танзими бевоситаи муносибатҳои хоҷагидориро дар соҳаи электроэнергетика ба ҷо меорад. |
| Норвегия | Ширкати давлатии Statkraft AS - бузургтарин тавлидкунандаи нерӯи барқ истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқро дар миқёси мамлакат инҳисор кардааст. Давлат тарифҳои нерӯи барқро ба муҳлати то 10 сол муқаррар мекунад, ки дар натиҷа дар онҳо ба ҳисоб гирифтани суръатҳои таваррум ва дигар омилҳои афзоиши хароҷот ғайриимкон аст. |
| Шветсия | Ширкати давлатии Vatenfall фаъолияти истеҳсол (50%) ва интиқоли нерӯи барқро муттаҳид кардааст. Истеъмолкунандагон наметавонанд, ки нерӯи барқро бевосита аз ширкати энергетикии минтақавӣ харид кунанд, ширкатҳои маҳалии фурӯшанда чун унсури ҳатмии занҷираи харид ва фурӯши барқ баромад мекунанд. Дар ин маврид арзиши интиқоли нерӯи барқ аз масофаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда вобаста аст, ки дар натиҷа дар баъзе ноҳияҳо нархҳои нерӯи барқ беасос баланд мебошанд. |
| Финляндия | Ширкати давлатии Imatran Voima Oy дар бозор муайянкаунанда мебошад, ки зиёда аз 30%-и тамоми ҳаҷми нерӯи барқро дар мамлакат истеҳсол мекунад. Хосияти ғайрисаноатӣ доштани иқтисодиёти мамлакат воридоти технологияро аз дигар мамлакатҳои минтақа ба соҳаи электроэнергетикаи мамлакат боис мешавад. Ба шарофати ин электроэнергетикаи мамлакат нусхаи комили соҳаҳои электроэнергетикаи дигар мамлакатҳои минтақаи Скандинавия мебошад. |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [5; 18; 26]

Соли 1991 аллакай тарифҳои амалкунандаи давлатӣ дигар хароҷотро пӯшонида наметавонистанд. Зарурати ҷуброни зарари субъектҳои бозори фурӯши барқ ҳукуматҳои мамлакатхои Скандинавияро водор намуд, ки сарбории андозиро ба даромади корхонаҳои калонтарини дигар соҳаҳои саноат, чун мошинасозӣ, коркарди чӯбу тахта, қоғазбарорӣ ва металлургия зиёд кунанд. Ин рақобатпазирии молҳоро ҳам дар бозорҳои хориҷӣ ва ҳам дар бозорҳои дохилии кишварҳо паст намуда, ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои саноатиро коҳиш дод, инчунин ба хуруҷи назарраси сармояи хориҷӣ мусоидат кард.

Дар асоси қабули қонунҳои соҳавӣ дар давоми солҳои 1991-1999 дар мамлакатҳои Скандинавия ва дар натиҷаи тақсимоти ширкатҳои давлатии ба таври амудӣ ҳамгирошуда ҷудошавии намудҳои фаъолияти рақобатнок ва инҳисори табиӣ ба амал омад. Илова бар ин, инфрасохтори босамар барои амалкунии бозор ба вуҷуд омада, истеъмолкунандагони хурди нерӯи барқ дастрасӣ ба бозорро пайдо карданд. Санадҳои қонунгузории Дания, Норвегия, Шветсия ва Финляндия хосияти ягона – ҷорӣ намудани низоми иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи фурӯши баркро доштанд.

Дар раванди ислоҳот мамлакатҳои Скандинавия бо бунёди танҳо бозорҳои дохилии фурӯши барқ маҳдуд нашуда, бозорҳои дохилии худро муттаҳид намуданд, ки дар натиҷа бозори умумиминтақавии фурӯши барқ таъсис ёфт: соли 1993 Норвегия ва Шветсия якумин биржаи молии байналмилалии Nord Pool-ро таъсис доданд. Ширкатҳои давлатии иҷрокунандаи вазифаҳои танзимгари низом – Statnett SF (Норвегия) ва Svenska Kraftnat (Шветсия) бо доштани 50%-и саҳмияҳо соҳибмулкони биржаи мазкур гардиданд. Сипас, соли 1998 – Финляндия ва соли 2000 – Дания ба ин биржа пайваст шуданд.

Бекор кардани танзим ва таҷдиди сохтори корхонаҳои фурӯши барқ дар меҳвари дигаргуниҳои бузурги барои ҳалли мушкилоти фурӯши барқ ғуншуда пешбинӣ шуда буд, ки дар ниҳоят боиси гузаштан ба муносибатҳои рақобатӣ дар соҳаи фурӯши барқ гардид. Ҳамин тавр, дар натиҷаи роҳандозӣ намудани

ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои Скандинавия чунин ҳадафҳо ба даст омаданд [5, с. 298]:

- самаранокии фаъолият дар бозори фурӯши барқ баланд шуд;
- сарборӣ ба буҷетҳои давлатӣ паст шуд;
- сармоягузориҳои иловагӣ ба бозори фурӯши барқ ҷалб гардиданд;
- тавозуни муносиби байни ҳаҷмҳои истеҳсол ва талабот ба нерӯи барқ ба даст омад;
- тафовутҳои минтақавии тарифҳои нерӯи барқи ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ пешниҳодшаванда муътадил карда шуданд.

Ба андешаи мо, вазифаи асосии ислоҳот дар бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои Скандинавия коҳиш додани нарх барои истеъмолкунандагони ниҳоии барқ маҳсуб меёфт, ки иҷро гардид. Ислоҳот дар самти тақсими ширкатҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда ба намудҳои инҳисори табиӣ ва рақобатноки фаъолият бо бунёди инфрасохтори босамар барои амалкунии бозор роҳандозӣ мешуд, ки дар натиҷа ин вазифа ҳам иҷро гардид. Аллакай ба ҳолати аввали соли 2003 дар мамлакатҳои Скандинавия бозорҳои кушодаи нерӯи барқ пойдор гардиданд. Таваҷҷуҳи корхонаҳои хориҷӣ ба бозори фурӯши барқи минтақа ба таври назаррас зиёд шуд: як қатор корхонаҳои барқии Франсия ва Германия дастаҳои муҳими саҳмияҳои корхонаҳои барқии минтақаи Скандинавияро харидорӣ карданд.

Дар бозори фурӯши барқи Скандинавия истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон (таҳвилкунандагон) ва истеъмолкунандагони барқ имкон пайдо карданд, ки қарордодҳои дуҷонибаи хариду фурӯши барқро ҳам дар худи биржа ва ҳам дар берун аз он банданд. Истеъмолкунандагон метавонанд фурӯшандаро интихоб карда, вобаста аз нарх бо он шартнома банданд. Наздики 70%-и ҳаҷми нерӯи барқ дар асоси шартномаҳои дуҷонибаи мустақим ва наздики 30%-и шартномаҳои фурӯши барқ дар биржа баста мешавад. Нархи нерӯи барқ дар асоси тавозуни талабот ва пешниҳоди иштирокчиёни аҳдҳо ташаккул меёбад.

Бо таъсис додани бозори умумии фурӯши барқ мамлакатҳои Скандинавия барои мубодилаи нерӯи барқ байни худ имконият пайдо намуда, бо ҳамин

эътимоднокии низомҳои энергетикии худро баланд бардоштанд, тафовути назарраси тарифҳои нерӯи баркро дар ноҳияҳои мухталиф кам карданд. Ба ҳукуматҳои мамлакатҳои минтақа муяссар гардид, ки санадҳои қонунгузориеро таҳия намуда ва амалӣ созанд, ки гузариши бемайлон ва бехавфро ба муносибатҳои рақибона таъмин намуда, ҳамчунин барои танзими муносибатҳои нави иқтисодӣ дар бозори фурӯши барқ замина омода созанд. Натиҷаҳоиислоҳоти сохтории гузаронидашуда низоми танзими давлатии бозори фурӯши баркро дар мамлакатҳои минтақа ба таври куллӣ дигаргун намуда, ҳамгироии амудиро барҳам доданд, таносубҳои рақибонаро дар бозори фурӯши барқ ҷорӣ намуданд, ки ҳамаи ин ба рушди иқтисодиётҳои миллӣ таъсири созгор расонида, ҳамчунин ба ҳамгироии муҳими муносибатҳои иқтисодии байни мамлакатҳои минтақа овард.

Ҳамин тавр, таҷрибаи мамлакатҳои Скандинавия аз имконияти ташкили бозори фурӯши барқ бе хусусигардонии корхонаҳои соҳа шаҳодат медиҳад. Корхонаҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ аз рӯйи принсипҳои бозор ба кор шуруъ карданд. Барои иҷрои уҳдадориҳои худ, ба корхонаҳои истеҳсолкунанда бо нархи арзони бозорӣ харидани нерӯи барқ муфид гардид. Дар давраи гаронии нархи нерӯи барқ ба онҳо боз ҳам муфид аст, ки истеҳсолоти худро қатъ кунанд ва дар музояда ширкат накунанд. Дар натиҷаи озодсозии бозори фурӯши барқ дар мамлакатҳои минтақа муътадил гардидани нархи интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, инчунин баланд шудани самараи кори шабакаҳои барқӣ ба амал омад.

Акнун ба таҳқиқи таҷрибаи фаъолияти бозори фурӯши барқ дар ИМА мегузарем.

Дар давоми муддати бештари рушди худ бозори фурӯши барқ дар ИМА дар таҳти ҳукмронии корхонаҳои бузурги ба таври амудӣ ҳамгирошудаи самаранокиашон паст қарор дошт. ИМА ягон вақт барномаҳои ҳамафарогири ҳатмии ислоҳоти бозори фурӯши баркро дар сатҳи федералӣ амалӣ накардаанд ва қабули қарорҳои нисбатан муҳимро дар ин самт ба иёлоти алоҳида ҳавола

намудаанд. Дар натиҷа, бештари иёлоти ИМА танҳо озодсозии маҳдудро бе бозсозии куллии бозори фурӯши барқ гузаронидаданд.

Аз солҳои 1970 шуруъ намуда, қадамҳои аввалин оид баислоҳоти сохтори анъанавии бозори фурӯши барқ роҳандозӣ шуданд. Аллакай ба ҳолати охири солҳои 1990 дар бозори фурӯши барқи ИМА хусусиятҳои бо барҳамдиҳии ҳамгироии шадид, суст шудани танзими давлатӣ ва шумораи зиёди равандҳои ба муносибатҳои бозорӣ нигаронидашуда мушоҳида мешуд. Ислоҳот асосан ба фаъолгардонии рақобат дар бозори яклухти нерӯи барқ нигаронида шуда буд. Рақобат дар байни истеҳсолкунандагони мустақил бояд барои бозори яклухт замина ташкил менамуд, то ки истеъмолкунандагони чакана ва ширкатҳои маҳаллии фурӯшандаи барқ тавонанд нерӯи барқро аз таъминкунандагони мухталиф ба таври интихобӣ харидорӣ кунанд. Натиҷаи ин бояд кам шудани арзиши яклухт ва ҳамзамон паст шудани нархҳои чаканаи нерӯи барқ мегардид. Ба ҳолати солҳои 2000-ум қариб дар аксари иёлоти ИМА сохтори бозори фурӯши барқ ё дигар шуда буд, ё дигаршавии он ба нақша гирифта шуда буд. Таҳлилгарон тасдиқ мекунанд, ки «дар солҳои охир дар ИМА суръати афзоиши рақобат дар бозори чаканаи барқ коҳиш ёфта, раванди гузариш ба бозори рақобатноки фурӯши барқ дар сатҳи миллӣ суст шудааст» [65, с. 76]. Онҳо омилҳои асосии ба чунин ҳолат боисшударо аз ҷумла чунин номбар мекунанд:

- номуваффақӣ дар кӯшиши ташкили бозори фурӯши барқ дар иёлоти Калифорния;

- натиҷаҳои гуногун дар якчанд иёлоте, ки бозори рақобатноки нерӯи барқро ташкил кардаанд;

- мушкилот дар баъзе бозорҳои яклухт, ки мувофиқи нишондодҳои банақшагирифташуда кор намекарданд;

- набудани таваҷҷуҳ аз ҷониби Конгресси ИМА барои ба сатҳи миллӣ баровардани бозори рақобатноки фурӯши барқ.

Ба фикри мо, дар байни омилҳои номбаршуда буҳрони бахши электроэнергетикаи иёлоти Калифорния ба таҳқиқи бештар ниёз дорад.

Ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар Калифорния бояд пешниҳоди эътимодноки нерӯи баркро бо нархи паст ва устувор таъмин менамуд.

Соли 1992 Конгресси ИМА Қонун дар бораи сиёсати энергетикиро қабул намуд, ки ба рушди муносибатҳои рақибона дар бозори фурӯши барқ ҳусни оғоз бахшид. Дар натиҷаи қабули қонуни мазкур 24 иёлоти ИМА, аз ҷумла Калифорния ба равандҳои ислоҳот дар бозори фурӯши барқ оғоз намуданд. Он замон ҳаҷми тақрибии истеъмоли солонаи нерӯи барқ дар Калифорния зиёда аз 250 млрд. кВт-соатро ташкил медод. Иқтидори муқарраршудаи корхонаҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқи дар иёлоти Калифорния ҷойгиршуда – наздики 55 млн. кВт буд. Калифорния воридоти нерӯи баркро аз иёлоти ҳамсояи Шимол ва Ҷанубӣ-Шарқии ИМА анҷом медод [108].

Соли 1996 аз ҷониби губернатори иёлоти Калифорния дастаи қонунҳое ба имзо расиданд, ки самтҳои асосии ислоҳотро дар бозори фурӯши барқ муайян мекарданд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи қабули қонунҳои мазкур чунин дигаргуниҳои муҳим рух доданд: се ширкати ба таври амудӣ ҳамгирошуда аксари иқтидорҳои истеҳсоли нерӯи барқи худро ба корхонаҳои ба истифодаи нерӯгоҳҳои барқӣ махсусгардонидашуда фурӯхтанд ва ба се корхонаи тақсимотӣ табдил ёфтанд. Дар натиҷа ду ташкилоти мустақил – Биржаи Энергетикии Калифорния ва Танзимгари Мустақили Низом ташкил шуданд. Шабакаҳои магистралӣ дар моликияти корхонаҳои тақсимотӣ монданд, вале ба идоракунии фаврӣ ба Танзимгари мустақили низом дода шуданд.

Муносибатҳои шартномавии истеъмолкунандагон барои хариди барқ дар бозори фурӯши барқи Калифорния бо чунин шаклҳо ба роҳ монда мешуданд:

- онҳо метавонистанд баркро аз ширкатҳои тақсимотӣ харид кунанд;
- баркро тавассути биржа аз ҷомеаҳои корхонаҳои истеҳсолкунанда харанд;
- бо истеҳсолкунандагони барқ қарордодҳои мустақим банданд.

Тибқи қонунгузорӣ корхонаҳои тақсимотӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи аз сохтори ба таври амудӣ ҳамгирошуда берушуда бояд хариду фурӯши баркро танҳо тавассути Биржаи Энергетикии Калифорния анҷом

медоданд. Азбаски қарордодҳои фючерсӣ ва қарордодҳои мустақим бо истеҳсолкунандагони нерӯи барқ мумкин набуданд, таҳвилкунандагон маҷбур мешуданд, ки нерӯи баркро дар бозори таъҷилии «як рӯз пеш» харид кунанд ва бинобар ин, неметавонистанд аз шиддатгириҳои нарх дар ҳолатҳои фавқуллода, чун ҳавои гарм ва садамаҳо худро бима кунанд (дар бозори таъҷилии «як рӯз пеш» савдо дар асоси дархостҳои истеҳсолкунандагон ва харидорон, ки дар онҳо ҳаҷмҳо ва нархҳои фурӯш ва харид барои ҳар як шабонарӯз нишон дода мешаванд, ба ҷо оварда мешавад, дархостҳо пешакӣ барои ҳар як шабонарӯз пешниҳод карда мешаванд). Дар ин маврид, нархи нерӯи барқ дар биржа дар асоси дархостҳои истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва корхонаҳои тақсимотӣ ташаккул меёбад. Пардохти ҳаққи интиқол ва тақсимот дар асоси тарифҳои танзимшавандаи бо принсипи «масрафҳо бо замми» ба ҷо оварда мешавад (усули «масрафҳо бо замми» - усули нархмуайянкуние мебошад, ки мувофиқи он нархи маҳсулот бо илова намудани изофанарх – меъёри муътадили фоида ба масрафҳои миёна ё масрафҳои умумии воҳиди маҳсулот муқаррар карда мешавад). Барои истеъмолкунандагони бозори чакана тарифҳои собит муқаррар карда мешаванд. Танзимкунии тарифҳо, қоидаҳо, назорати фаъолияти субъектҳои бозор аз ҷониби Комиссияи Энергетикии Федералӣ ва Комиссияи энергетикии минтақавии иёлоти Калифорния ба ҷо оварда мешавад.

Дар Калифорния бархилофи интизориҳои мақомот, озодсозии бозори яклухт истеҳсолкунандагонро барои тавлиди бештари нерӯи барқ тавассути паст кардани нарх ҳавасманд накард. Баръакс, корхонаҳои истеҳсолкунандаи мустақил ҳатто ба бастани агрегатҳои нерӯгоҳҳо шуруъ карда, ба ин васила нархи нерӯи баркро баланд мекарданд. Акнун, вақте ки нархи яклухт аз нархи чакана зиёд шуд, корхонаҳои шабакаи тақсимот зарар медиданд. Механизми танзими табиии бозор кор намекард: бар асари тарифҳои собити фурӯши чакана истеъмоли нерӯи барқ кам намешуд. Дар баробари ин, фурӯшандагони барқ тактикаи манипулятсияи худро васеъ карданд. Онҳо ҳатто ба ташкили маҳдудиятҳои сунъӣ дар иқтидори шабакаҳо бо додани дархостҳои беасос барои интиқоли нерӯи барқ даст мезаданд.

Дар замони авҷи бӯҳрони Калифорния мақомоти танзимкунанда ба хотири шиддат надодани вазъи дар бозори фурӯши барқ бамиёномада, ба баландшавии нархҳои яклухт вокуниш надоданд. Ба оғози соли 2001 қарздории корхонаҳои тақсимотӣ дар назди корхонаҳои истеҳсолкунандаи барқ ба ҳадди 12 миллиард доллар расид. Корхонаҳои истеҳсолкунанда дар дохил ва берун аз ҳудуди иёлоти Калифорния аз таҳвили нерӯи барқ ба харидорони пардохтнотавон дасткашӣ мекарданд. Захираҳои иқтидор аз ҳадди нишондиҳандаҳои қобили қабул ҳам паст шуда, то 1,5% расиданд. Бинобар ин, аллакай ба ҳолати миёнаҳои моҳи январи соли 2001 дар саросари иёлот ҳолатҳои хомӯшкунии нерӯи барқ зиёд шуданд [157, с. 319].

Таҳлилгарон сабабҳои асосии буҳронро дар бозори фурӯши барқи Калифорнияро чунин меҳисобанд [108]:

- нигоҳ доштани тарифҳои танзимшаванда (собит)-и чакана ҳангоми ҷорӣ намудани рақобат дар бозори яклухт;

- нарасидани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар дохили иёлот (камбуди 5-6 млн. кВт иқтидор) аз сабаби қатъиян маҳдуд кардани сохтмони объектҳои нави истеҳсоли барқ ва номуайянии дигаргуниҳои минбаъда дар қоидаҳои кори бозори фурӯши барқ дар Калифорния;

- афзоиши талабот ба нерӯи барқ бар асари рушди умумии иқтисодиёт дар иёлот, афзоиши аҳолӣ ва шароити обу ҳавои ғайриодӣ (тобистони соли 2000 ҳарорати ҳаво ба андозаи 5-7 дараҷа нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҳамин давраи солҳои пешин баланд буд, инчунин боришот кам шуд, ки ба камбуди иқтидори нерӯгоҳҳои барқии обӣ овард);

- афзоиши хароҷоти истеҳсоли нерӯи барқ бар асари афзоиши (то 6 маротиба) нархи газ, инчунин аз соли 2000 ҷорӣ намудани андози иловагӣ барои ҳифзи муҳит барои корхонаҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ.

Дар рушди бӯҳрон камбудиҳои дар ташкили бозори фурӯши барқ ҷойдошта нақши муҳим бозидаанд, аз ҷумла: чандир набудани талабот нисбат ба нарх. Бо баланд шудани нархҳои яклухти нерӯи барқ бузургии талабот тағйир намеёфт. Дар бозор механизмҳои бимакунӣ (ҳеҷикунӣ)-и хавфҳои нарх ҳангоми

қарордодҳои фючерсӣ ва форвардӣ иҷозат дода намешуданд. Дар бозорҳои фурӯши барқи дигар мамлакатҳо ва иёлоти дигари ИМА механизмҳои бимакунӣ барои коҳиш додани хавфҳои нарх ба таври фаъол истифода мешуданд.

Инчунин як қатор камбудиҳо дар ташкили бозор ҷой доштанд, ки барои сӯиистеъмол аз ҷониби иштирокчиёни бозор мусоидат мекарданд. Механизмҳои назорати фаъолияти корхонаҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ пешбинӣ нашуда буданд. Кори чоряк ҳиссаи генераторҳои барқӣ дар Калифорния дар моҳи декабри соли 2000 қатъ гардида буд. Дар ин маврид санҷиши асоснокии паст кардани сарборӣ ба нерӯгоҳҳои барқӣ ғайриимкон буд. Мавҷуд будани имтиёзҳо барои истеъмолкунандагони алоҳида ва истифодаи онҳо барои ҳар гуна ҳолатҳои ҳаннотӣ дар бозор низ ба камбудиҳои муҳим мансуб аст. Масалан, барои корхонаҳои саноати алюминий ба хотири дастгирии соҳа аз ҷониби давлат нархҳои нисбатан пасти нерӯи барқ муқаррар шуда буданд. Дар давраи баландшавии нархҳо ин корхонаҳо истеҳсолоти худро қатъ намуда, нерӯи барқи харидаи худро бо нархҳои бозорӣ дар бозори яклухт мефурӯхтанд. Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дар иёлоти Калифорния ба ширкати ягонаи истеҳсолкунандаи алюминий – ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ҳамин гуна имтиёз дода шудааст.

Ба хотири раҳоӣ ёфтан аз бухрони электроэнергетикӣ аз ҷониби роҳбарияти иёлоти Калифорния ва Комиссияи Энергетикии Федералӣ як қатор тадбирҳо пешниҳод гардиданд, чун:

- баланд бардоштани тарифҳои чакана барои аҳолӣ (9%) ва корхонаҳои тиҷоратӣ (7-15%); ҷорӣ намудани нархҳои яклухт ба андозаи 15 сент барои 1 кВт-соат;

- маҳдудиятҳо барои сохтмони нерӯгоҳҳои нав коҳиш дода шуданд;

- губернатори иёлот ва Комиссияи Энергетикии Федералӣ оид ба дигар кардани ҳайати Шурои Нозирони Биржаи Энергетикии Калифорния ва Танзимгари Низом, бо ба ҳайати онҳо ворид намудани аъзои иштирокчии бозор набуда қарор қабул намуданд;

- вобаста ба имконият гузаронидани санҷишҳои корхонаҳои истеҳсолкунанда ҷиҳати асоснокии қатъ намудани кори онҳо барои таъмир ва кам кардани истеҳсоли нерӯи барқ;

- Комиссияи Энергетикии Федералӣ қарори корхонаҳои тақсимкунандаи нерӯи барқро ҷиҳати харид танҳо тавассути биржа бекор кард ва бастани қарордодҳои дуҷонибаи дарозмуҳлатро тавсия дод;

- барои бартараф намудани буҳрон дар иёлоти Калифорния фонди махсус ба андозаи 400 миллион доллар барои хариди давлатии нерӯи барқ тавассути Департаменти Захираҳои Об дар бозори яклухт ва бо нархи харид ба ширкатҳои тақсимотӣ фурӯхтани он таъсис дода шуд;

- бо роҳбарияти иёлот барои бастани қарордодҳои дарозмуҳлат бо 39 таъминкунанда ба муҳлати аз 6 моҳ то 10 сол созишнома ба имзо расонида шуд, ки нархи миёнаи ин қарордодҳо 6,9 сент барои як кВт-соат нерӯи барқро ташкил медод. Ҳукумати иёлот барои пӯшонидани қарзҳои корхонаҳои тақсимотӣ вомбаргҳо баровард. Дар муҳлатҳои муқарраршуда ин корхонаҳои тақсимотӣ бояд бо давлат аз рӯйи уҳдадориҳои худ ҳисобӣ мекарданд. Дар мавриди иҷро накардани ин шартҳо Ҳукумати иёлот метавонист саҳмияҳои корхонаҳоро бо нархҳои имтиёзнок харид кунад.

Аз натиҷаи таҳлили буҳрони бозори фурӯши барқ дар иёлоти Калифорния барои корбурд дар раванди ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосаҳо бароварда мешаванд:

- ба иқтисодиёти миллӣ бозори рушдкардаи фурӯши барқ лозим аст;

- набудани алоқаи мустақили байни буҳрон ва озодсозӣ (либерализатсия)-и иқтисодиёт;

- ҳангоми ташаккули бозор канораҷӯӣ намудан аз тазодҳои дохилӣ ва рӯ овардан ба қонунҳои иқтисодӣ;

- ҳангоми роҳандозӣ намудани ислоҳот дар бозори миллии фурӯши барқ чунин муқаррарот бояд ба инобат гирифта шавад: бозор бояд ягона бошад – ҳар қадаре ки ҳиссаҳои бештари бозор бо қоидаҳои худ ва дар асоси низоми худии муносибатҳои байниҳамдигарии «истеҳсолкунанда-истеъмолкунанда» амал

мекунанд, - имконияти ҳаргуна ҳаннотӣ (найрангҳо) барои иштирокчиёни бозор бештар аст;

- нархҳои чакана наметавонанд берун аз робита бо нархҳои яклухт ташаккул ёбанд (нархҳои чакана метавонанд вобаста аз нархи яклухт ва пардохти ҳаққи интиқол, тақсимот ва фурӯши барқ муайян шаванд);

- бояд бархурди манфиатҳо ҳангоми ташаккули ҳайати иштирокчиёни бозор ихтисор карда шавад (инро метавон тавассути ҷудо намудани намудҳои фаъолият бо роҳи дигаркунии сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҷо овард);

- бояд шаффофӣ ва суботи қоидаҳои кори бозор ва ташкили аҳдҳо дар биржа таъмин карда шавад;

- ҳангоми роҳандозӣ намудани озодсозии бозор дигар кардани хосият ва баланд бардоштани самаранокии танзими давлатӣ лозим аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки амалкунии босамари бозор ҳам дар ҳолати хусусигардонӣ, ки тимсоли он Британияи Кабир [149, с. 109], Чили ва Аргентина мебошанд ва ҳам ҷудошавии ташкилӣ-иқтисодии бахшҳои истеҳсолкунанда, интиқолкунанда ва фурӯши барқ дар доираҳои шаклҳои моликияти давлатӣ ва омехта – Франсия, мамлакатҳои минтақаи Скандинавия [138, с. 145] имкон дорад.

Дар аксари мамлакатҳое, ки таҷдиди сохториро анҷом додаанд, бозори яклухти фурӯши барқ пойдор шудааст, ки таҳвилҳои мустақим, бозорҳои таъҷилӣ, мутавозӣ ва бозори захираҳоро дар бар мегирад. Ҳар кадоме аз инҳо бо тарзи ташкили таҳвили нерӯи барқ тавсиф дода мешавад. Аз нигоҳи таҳвили нерӯи барқ се намуди бозор ҷудо карда мешавад:

- бозори таъҷилӣ, ки дар он таҳвили нерӯи барқ барои истеъмоли ҷорӣ (фаврӣ) ба ҷо оварда мешавад;

- бозори фючерсӣ – таҳвил барои истеъмол дар оянда;

- бозори қарордодҳои дуҷонибаи таҳвил ҳам барои истеъмоли ҷорӣ ва ҳам барои истеъмол дар оянда.

Ҳамин тавр, дар Австралия, Британияи Кабир ва Норвегия ҳамаи се намуди аҳдҳо, дар Аргентина – бозори таъҷилӣ ва бозори қарордодҳои дуҷониба [142, с. 595], дар ИМА – асосан бозори таъҷилӣ [152, с. 319] истифода мешаванд.

Дар солҳои охир худи зарурати ҷудо кардани корхонаҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда зери шубҳа мондааст. Хавфи аз даст додани эътимоднокии бозорҳои фурӯши барқ мавҷуд аст. Натиҷаҳои номатлуби бо ҷудокунии бозори фурӯши барқ алоқаманд, аллакай дар Зеландияи Нав, Бразилия ва Қазоқистон мушоҳида шудаанд. Ҳамчун омилҳои дигари номатлуб мушкилотеро бояд қайд кард, ки бо дар шароити нав иҷро нашудани масъалаҳои дорои хосияти иҷтимоӣ марбут мебошанд: афзоши бекорӣ аз ҳисоби тамоюли камшавии шуғл дар соҳаҳо (ИМА, Британияи Кабир, Аргентина), афзоиши қарздориҳо вобаста ба пардохти нерӯи барқ аз ҷониби табақаҳои камдаромади аҳолӣ (ИМА) [134].

Дар байни омилҳои мусбат тамоюли пастшавии нархи нерӯи барқ (Австралия) [148, с. 173], баландшавии самаранокии истифодаи нерӯгоҳҳо, истифодаи сарфакоронаи сӯзишворӣ, ворид шудани сармоягузориҳо (Аргентина, ИМА, Чили) мушоҳида мешавад.

Амнияти миллӣ умуман ва аз ҷумла амнияти энергетикии мамлакат чун самти афзалиятнок дар ташаккули сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, амсилаи норвегиягӣ яке аз амсилаҳои нисбатан муваффақи ислоҳоти бозори фурӯши барқ мебошад, ки амалкунии он ба маъмурият, ки назорати бозор ва сатҳи нархҳои нерӯи барқро ба ҷо меорад, такя мекунад [138, с. 145]. Таҷрибаи Британияи Кабир назарияи мавҷудияти тамоюли рушди муносибатҳои рақибонаро аз ҳисоби пайдо шудани иштирокчиёни нави бозор инкор мекунад. Рушди рақобат дар ин мамлакат аз ҳисоби тақсими сунъии корхонаҳои давлатии истеҳсолкунандаи нерӯи барқ ба ҷо оварда мешуд.

Ҳамин тавр, усулҳои танзими мустақим барои рушди бозори фурӯши барқ ҳавасмандии басанда ба вуҷуд намеоранд. Бар асари ин, дар мамлакатҳои хориҷӣ тамоюли маҳдудшавии танзими давлатии бевоситаи бозори фурӯши барқ ба назар мерасад ва ба истифодаи усулҳои бозории танзими ғайримустақими тарифҳо диққати муҳим дода мешавад, чун:

- низомҳои нави хариду фурӯши барқ, ки ба пастшавии сарбории нархӣ ба истеъмолкунандагон меоваранд;

- ташаккули шароити фаъолияти аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид барои истеҳсолкунандагони барқ дар бозорҳои яклухт ва минтақавии нерӯи барқ;

- ташаккули қоидаҳои ягонаи нархгузорӣ ва тарифҳои бисёрзинавӣ барои истеъмолкунандагон бо низомҳои тафриқавӣ;

- ҷорӣ намудани унсурҳои нархгузории бозорӣ: биржаи нерӯи барқ, бозори фючерсии қарордодҳо оид ба нерӯи барқ, ки бо шарофати онҳо тарифҳои бозории воқеӣ муқаррар карда мешаванд;

- таъсиси низомҳои афзалиятҳои сармоягузории давлат, ки ба рушди бозори фурӯши барқ нигаронида шудаанд;

- таъмини низоми андозбандии устувор, ки риояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ҳамаи сармоягузоронро кафолат медиҳад;

- қарздиҳӣ ва дастгирии давлатии барномаҳои сармоягузории босамар, ки бо бартарии технологияҳои нав амалӣ мешаванд.

Ба андешаи мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ мақоми беҳтарро нисбат ба аксари мамлакатҳои хориҷии дур ишғол намудааст, чунки дорои як қатор заминаҳо барои ташаккули бозори босамари фурӯши барқ дар асоси маҷмуи энергетикии дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ташаккулёфта буд. Низоми тобеияти ба таври аниқ таҳиягардидаи идоракунии соҳа мавҷуд буд. Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар мамлакатҳои собиқ шуравӣ ба шароити хоҷагидории бозорӣ зарурати роҳандозӣ намудани ислоҳоти сохториро дар бозори фурӯши барқ ба миён овард. Таваррум ва пардохт накардани ҳаққи нерӯи барқ фаъолияти молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои соҳа, аз ҷумла ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро вайрон кард. Бинобар ин, барои барқарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷиҳатҳои мақбули таҷрибаи хориҷии амалкунии бозори фурӯши барқ дорои манфиат мебошад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири соҳаи электроэнергетика ва таъсири он ба бозори фурӯши барқ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2021 ҳангоми ироа намудани Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастовардҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар давраи истиқлолият ёдовар шуда, қайд намуданд, ки «... Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 нерӯгоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшидаат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмуъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ гардид» [91]. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки имрӯз дар кишвар 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истеҳсоли «энергияи сабз» дар ҷаҳон мақоми шашумро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз» аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатнокии иқтисоди кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушд барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян гардидааст, пеш аз ҳама бо таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ ба даст меояд [117].

Бояд гуфт, ки то замони ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати давлати пурқудрати Иттиҳоди Шуравӣ буд, дар мамлакат

низоми электроэнергетикии ягона амал карда, ба таври марказонидашуда идора ва назорат мешуд. Дар он замон дар сарзамини кишвар аҳолӣ ва тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бе ягон танқисӣ ва мушкилот дар тамоми фаслҳои сол бо нерӯи барқ таъмин буданд. Баъзе мушкилоти дар таъмини барқ пайдошаванда ба таври оҷилӣ бартараф карда мешуданд ва ба мавзунии кори корхонаҳо ва фаъолияти объектҳои иҷтимоӣ таъсир намерасониданд.

Пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва коҳиш ёфтани робитаҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя вазъ дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллӣ дигар шуд. Низоми ягонаи электроэнергетикӣ ва шабакаи барқии Осиёи Марказӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он пайваст буд, бо мурури вақт гусаста шуд. Соҳаи электроэнергетикаи иқтисодиёти миллӣ ба мушкилоти муҳими норасоии барқ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо дар таъмини барқ барои тамоми гурӯҳҳои истеъмолкунандагон, фаъолияти беэътимоди инфрасохтор, фарсудашавии ҷисмонии таҷҳизоти нерӯгоҳҳои истеҳсолкунанда ва интиқолдиҳандаи барқ ва дигар камбудиҳо дучор гардид.

Умуман, дар мамлакат дар соҳаи электроэнергетика душвориҳо ва камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасиданд. Сабаби асосии норасоии нерӯи барқ ва ҷорӣ намудани маҳдудият дар истеъмоли он (бахусус дар давраи зимистон) норасоии захираҳои обии обанбори Норак, сатҳи пасти тарифҳои барқ, ба миён омадани талафоти барқ азбоиси сатҳи балани фарсудагии таҷҳизоти истеҳсол ва интиқоли барқ, истифодаи нокифояи дигар технологияҳои истеҳсоли барқ, чун дастгоҳҳои бо ангишт ва газ коркунанда, сатҳи баланди фарогирии барқ дар равандҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, истеъмоли аз меъёр зиёди барқ аз ҷониби аҳолӣ, арзиши аслии баланди таҳвили сӯзишворӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ ва гармӣ дар нерӯгоҳҳои бо ангишт коркунанда, мушкилот дар содироти нерӯи барқи барзиёд дар фасли тобистон ба ҳисоб мераванд.

Норасоии нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин азбоиси маҳдудияти имконияти молиявии дохилии мамлакат барои рушди соҳаи электроэнергетика, сатҳи баланди сармояфарогирии равандҳои навсозӣ ва сохтмони НБО-ҳои бузург, иткишоф ва истихроҷи ангишт, гази табиӣ, нефт,

истеҳсоли намудҳои дигари сӯзишворӣ, сохтмони хатҳои интиқоли барқ, аз ҷумла барои ба содирот баровардани барқ ба миён меояд.

Барои бартараф намудани камбудиҳо ва барқарор намудани иқтидори электроэнергетикӣ ба мамлакат пеш аз ҳама сармоягузориҳо лозим буданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла ба соҳаи электроэнергетика ислоҳоти муҳими иқтисодӣ ва сиёсиро дар мамлакат роҳандозӣ намуд. Барномаҳо ва стратегияҳои рушди соҳаи электроэнергетика, ки дар доираи ҳадафҳои ислоҳот таҳия ва қабул карда мешуданд, тадбирҳо оид ба баланд бардоштани устувории молиявии корхонаҳои соҳа, паст кардани сатҳи талафоти ҷисмонӣ ва тиҷоратии онҳо, назорати масрафҳо ва таъмини низоми ба шароити бозор мувофиқи тарифҳои нерӯи барқ, пардохти пурра ва саривақтии арзиши барқи истеъмолшавандаро чун афзалиятҳои муҳими рушди электроэнергетика дар бар мегирифтанд. Ҳамзамон ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи электроэнергетика бояд бо талошҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ташкилӣ дар субъектҳои иқтисодии соҳа тавассути роҳандозӣ намудани ислоҳоти идоракунии корпоративӣ ва амалисозии низоми идоракунии муосир дар корхонаҳои электроэнергетикӣ дастгирӣ меёфт.

Ҳоло дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1,4 млрд. доллари ИМА амалӣ шуда истодааст, аз ҷумла аз ҳисоби қарзҳо ба маблағи 895,5 млн. доллари ИМА, грантҳо – 493,0 млн. доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 35,3 млн. доллари ИМА. Ҳамчунин боз 2 лоиҳаи дигар – марҳилаи якум ва дуюми лоиҳаи «Таҷдиди НБО Қайроққум» ва «Бо барқ таминкунии деҳоти Ромит» дар марҳилаи аввали татбиқ, ҷалби сармоя ва равандҳои тендерӣ қарор доранд. Арзиши умумии лоиҳаҳои мазкур ба маблағи 206,1 млн. доллари ИМА арзёбӣ мешавад, ки аз онҳо 43,1 млн. доллари ИМА маблағҳои грантӣ ва 163,0 млн. доллари ИМА қарзҳо мебошанд.

Ба хотири ба даст овардани ҳадафҳои стратегии мамлакат, пеш аз ҳама таъмини истиқлолияти энергетикӣ дар солҳои 2021-2022 иҷрои як қатор

лоиҳаҳои сармоягузории муҳим дар соҳаи электроэнергетика идома дорад, аз ҷумла лоиҳаи «Барқарорсозии НБО Норак», «Барқарорсозии НБО Сарбанд», «Таҷдиди НБО Қайроққум».

Дар марҳилаи аввалии лоиҳаи «Барқарорсозии НБО Норак» иваз кардани 3 гидроагрегати истеҳсолӣ, иваз ва таъмири таҷҳизоти асосии нерӯгоҳ, насб кардани 6 автотрансформатори якфазаи 500/220/10кВт ва иҷрои корҳо оид ба бехатарии сарбанд дар назар аст. Дар доираи лоиҳа дар соли 2021 маблағи 34,2 млн. доллари ИМА ба ҷои 33,1 млн. доллари банақшагирифташуда азхуд карда шуд, ки ин 104%-ро ташкил додааст. Аз оғози татбиқи лоиҳа (2 июни соли 2017) 99,8 млн. доллари ИМА азхуд карда шудааст.

Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд ҷиҳати маблағгузории марҳилаи дуюми лоиҳаи «Барқарорсозии НБО Норак» 50 млн. доллари ИМА ҷудо кардааст. Созишномаи дахлдор байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд 3 декабри соли 2020 ба имзо расида, 11 марти соли 2021 аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Бояд қайд кард, ки барои анҷом додани марҳилаи дуюми лоиҳа наздики 205 млн. доллари ИМА лозим аст. То ҳол аз ҳисоби сарфаи маблағҳо дар доираи марҳилаи якуми лоиҳа, ки 45 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, инчунин ҷудо шудани гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ ба маблағи 50 млн. доллари ИМА, ҳамагӣ 95 млн. доллари ИМА дастрас аст, вале барои анҷом додани лоиҳа 110 млн. доллари ИМА намерасад. Ба ин хотир ШСХК «Барқи Тоҷик» ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин чораҷӯи менамоянд.

Вобаста ба иҷрои лоиҳаи «Барқарорсозии НБО Сарбанд», ки таҳкими иқтидори онро то ба 240 МВт пешбинӣ менамояд, 23 декабри соли 2013 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёгии Рушд созишномаи грантӣ ба маблағи 136 млн. доллари ИМА ба имзо расидааст. Тибқи нақша амалисозии лоиҳа 23 декабри соли 2013 оғоз гардида, то моҳи октябри соли 2022 бояд ба анҷом мерасид.

Дар доираи лоиҳаи «Таҷдиди НБО Қайроққум», ки аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Бонки Сармоягузории Аврупо маблағгузорӣ мешавад, айни замон 195,9 млн. доллари ИМА ҷудо шуда, созишномаҳои молиявии дахлдор ба имзо расидаанд. Мувофиқи нақша амалисозии лоиҳа 25 июли соли 2014 оғоз ва 31 декабри соли 2023 бояд ба анҷом расад. Дар соли 2021 ба маблағи 14,6 млн. доллари ИМА азхуд карда шудааст, ки 75%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад (аз оғози лоиҳа – 70,8 млн. доллари ИМА). Моҳи ноябри соли 2021 барои корҳои иҷрошуда ба маблағи 4,8 млн. доллари ИМА ба Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҳисобнома равон карда шудааст, ки то анҷоми сол пардохт нашудааст. Сабаби пардохт нашудани ҳисобнома саривақт иҷро нашудани уҳдадориҳои молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» дар назди Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар доираи иҷрои лоиҳаи «Кам кардани талафоти барқ дар Суғд» арзёбӣ мешавад.

Тавре таҳқиқи шароит ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, самти асосии рушди электроэнергетикаи мамлакат истифодаи энергетикаи обӣ мебошад, гарчанде имрӯз якчанд нерӯгоҳҳои бо ангишт, гази табиӣ ва дигар намудҳои сӯзишворӣ коркунанда фаъолият мекунанд.

Дар байни ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди Шуравӣ, пас аз Федератсияи Россия, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори аз ҳама баландтарин барои рушди энергетикаи обӣ мавҷуд аст. Аз рӯйи нишондиҳандаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон пас аз Хитой, Россия, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷои 8-ум ва дар Осиёи Марказӣ дар ҷои якум қарор дорад.

Ба ҳолати имрӯз наздики 95%-и нерӯи барқи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба энергетикаи обӣ (НБО-ҳо) рост меояд (3% - нерӯгоҳҳои бо сӯзишворӣ коркунанда, 2% - манбаъҳои барқароршаванда). Вале, нерӯи барқи дар НБО истеҳсолшаванда хосияти мавсимӣ дошта, аз ҷараёни оби дарёҳо вобаста мебошад. Сатҳи аз ҳама пасти истеҳсоли нерӯи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон (моҳҳои октябр-апрел) мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки талабот ба нерӯи барқ дар ин давра баландтарин аст. Дар баробари ин дар давраи тобистон таъмини нерӯи барқ аз ҳама боэътимод аст, зеро дар ин фасли сол

истеҳсоли барзиёди неруи барқ дар ҳаҷми 4-5 млрд. кВт-соат имкон дорад [112; 113].

Ш.Р. Собирова дар асоси омӯзиш ва таҳлили муфассали иқтидор ва имкониятҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, ки мамлакат дорои захираҳои энергетикии на танҳо барои худтаъминкунӣ, балки барои баровардан ба бозори минтақавӣ басанда мебошад. Ҳамчунин «бо баҳисобгирии он ки, захираҳои энергетикаи обӣ аз ҷиҳати ҳаҷм дар ҷои дуюм ва аз ҷиҳати дастрасии технологӣ дар ҷои аввал меистанд, мусаллам аст, ки маҳз энергетикаи обӣ манбаи муҳимтарини энергия дар марҳилаи навини рушди мамлакат мебошад, таҳвили неруи барқ бошад, намуди асосии мол дар бозори энергетикӣ ба ҳисоб меравад» [109, с. 53].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин захираҳои назаррас барои рушди манбаъҳои барқароршавандаи неруи барқ (нерӯгоҳҳои офтобӣ, бодӣ ва обии хурд) мавҷуд аст. Муаллиф С.А. Холмуҳаммадзода барои арзёбӣ намудани захираҳо ва иқтидори манбаъҳои барқароршавандаи энергия маълумоти гидрологии дарёҳо, неруи геотермалии офтобӣ ва бодӣ, инчунин маълумоти истгоҳҳои ҳавосанҷиро истифода бурда, иқтидори умумӣ, техникӣ ва иқтисодии онҳоро муайян кардааст. Ҳамин тавр, тибқи маълумоти пешакӣ иқтидори захираҳои манбаъҳои барқароршавандаи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арзёбӣ шудаанд: иқтидори умумӣ – 5020,6 млн. тонна сӯзишвории шартӣ, иқтидори техникӣ – 38,63 млн. тонна сӯзишвории шартӣ, иқтидори иқтисодӣ – 27,95 млн. тонна сӯзишвории шартӣ [129, с. 75].

Захираҳо барои рушди энергетикаи обӣ асосан 64 километри мукааби аз 115 километри мукааби ҷараёни умумии оби ҳавзаи баҳри Арал ташаккулёфтаро дар бар мегиранд. Бо баҳисобгирии оби Сирдарё, ки аз Ҷумҳурии Қирғизистон сар мегирад, ҳаҷми умумии оби ҷорӣ, ки метавонад барои истеҳсоли барқ истифода шавад, 80 киллометри мукаабро ташкил медиҳад. Захираҳои имконпазири умумии солонаи энергетикаи обӣ дар мамлакат наздики 527 млрд. кВт-соатро ташкил медиҳанд. Бузургии солонаи захираҳои энергетикаи обии барои истифода аз ҷиҳати техникӣ имконпазир ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мақбул 317

млрд. кВт-соат мебошад, ки то имрӯз танҳо 4-5%-и он истифода мешавад [112]. Иқтидори муқарраршудаи НБО барои дар як шабонарӯз истеҳсол намудани 5 млн. кВт-соат имкон медиҳад [4].

Бо вуҷуди иқтидори бузурги энергетикаи обӣ, арзёбии он асосан дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба ҷо оварда шудааст. Ҳоло асоснокиҳои техникӣ-иқтисодӣ, асоснокиҳои техникӣ-иқтисодии пешакӣ ё рӯнамо барои амалисозии 7 лоиҳаи НБО-и бузург - НБО Роғун, Шуроб, Нуробод-1, Нуробод-2, Санобод, Айнӣ, Фондарё (ҷадвали 2.1) ва якчанд НБОХ - Домбрачӣ (15 МВт), Себзор (11 МВт), Ҳафткул-1 (10 МВт), Ҳафткул-2 (8 МВт), Искандардарё (6 МВт), Назармерган (4,7 МВт), Ёрмазор (2,3 МВт) бо таҳлили молиявӣ ва техникии онҳо омода мебошанд [112].

**Ҷадвали 2.1. – Асоснокии техникӣ-иқтисодӣ ё рӯнамоҳои лоиҳаҳои сохтмони НБО**

| НБО | Асоснокии техникӣ-иқтисодӣ ё рӯнамо | Ташкилотҳои омодакунанда | Иқтидор, МВт |
|---|---|---|---|
| Роғун | Асоснокии техникӣ иқтисодӣ | Консорсиуми Coyne et Belliere (Франсия), Electroconsult (Италия) ва IPA (Британия Кабир) | 3600 |
| Шуроб | Асоснокии техникӣ-иқтисодӣ | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 862,5 |
| Фондарё | Асоснокии техникӣ-иқтисодии пешакӣ | EnergoFichtner (Россия-Германия) | 135 |
| Санобод | Асоснокии техникӣ-иқтисодӣ | Фонди Оғохон оид ба рушди иқтисодӣ | 200 |
| Нуробод-1 | Рӯнамо | Design Group Project Conultants PVT Ltd (Ҳиндустон), TBEA (Хитой) | 200 |
| Нуробод-2 | Рӯнамо | Design Group Project Conultants PVT Ltd (Ҳиндустон) | 160 |
| Айнӣ | Асоснокии техникӣ-иқтисодӣ | Farab Energy and Water Projects (Ҷумҳурии Исломии Эрон) | 160 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [33; 112; 113]

Таҳқиқоти мутахассисони соҳа тасдиқ мекунад, ки иқтидори энергетикаи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз талаботи тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба нерӯи барқ се маротиба зиёд аст. Ҳангоми истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда метавон ҳамаи истеъмолкунандагонро дар минтақа бо нерӯи барқи дар шароити тозаи экологӣ истеҳсолшуда таъмин намуд.

Дар назар аст, ки пас аз анҷоми сохтмони НБО Роғун арзиши солонаи истифода ва хизматрасонии техникии иншоот баробар ба 1,25%-и хароҷоти умдаи сохтмони иншоот қабул карда мешавад, ки ин ба 68,75 млн. доллари ИМА (ё 21,5 доллари ИМА/кВт-сол) баробар аст. Пас аз пур шудани обанбор НБО Роғун чун НБО-и танзимкунандаи кори тамоми нерӯгоҳҳои силсилаи дарёи Вахш хизмат мекунад, обанбори НБО Норак бошад, ҳамеша ва дар тамоми мавсимҳои сол аз об пур мешавад. Ҳамчунин пешбинӣ мешавад, ки хизматрасонии техникии нерӯгоҳҳо дар мавсими зимистон ба ҷо оварда мешавад.

Пешбинӣ мешавад, ки пас аз пурра ба кор даромадани НБО Роғун истеҳсоли нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар мавсими тобистон аз талаботи умумӣ зиёд мешавад. Вобаста ба ин, барзиёдии нерӯи барқ ба бозори хориҷӣ бо нархи 68,20 доллари ИМА/МВт-соат ба содирот бароварда мешавад. Дар ин маврид, ҳаҷми содироти нерӯи барқ ва самаранокии он аз иқтидори гузарониши хатҳои интиқоли байнисарҳадӣ ва объектҳои хоҷагии электроэнергетикии қабулкунандагони хориҷии нерӯи барқ вобаста мебошад.

Ҳангоми бо иқтидори пурра кор кардани НБО Роғун, якчанд мушкилоти дар бозори фурӯши барқ ҷойдошта ҳалли худро меёбанд, аз ҷумла: пурра бартараф намудани норасоии нерӯи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон; имконияти рушди содироти нерӯи барқ; дароз шудани муҳлати истифодаи тамоми иншооти электроэнергетикӣ дар силсилаи Вахш; танзими байнинерӯгоҳии кори нерӯгоҳҳҳои силсилаи Вахш ва дар ин асос имконияти зиёд шудани истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои поёноб.

Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур роҳандозӣ намудани ислоҳоти ташкилӣ ва сохторӣ дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳот дар бозори фурӯши барқ шаҳодат медиҳад, ки бо тақсим кардани корхонаҳои инҳисории фурӯши барқ ва дар асоси онҳо бунёд намудани корхонаҳои алоҳидаи дар шароити рақобат фаъолияткунанда, дар низоми идоракунии онҳо ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии корпоративӣ аксари мушкилоти дар бозори миллии фурӯши барқ ҷойдошта ҳалли худро меёбанд.

Яке аз иқдомҳои аввалин дар самти ислоҳоти низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани он ба шароити бозор – ин ҷудо намудани низоми электроэнергетикии минтақаи Кӯҳистони Бадахшон (Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон) аз низоми ягонаи электроэнергетикии мамлакат – ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад.

Субъектҳои мустақили бозори фурӯши барқ - ҶСК «Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1» (саҳоми назораткунанда - корхонаи давлатии Федератсияи Россия - «Росатом») ва НБО Сангтӯда-2 (соҳибмулк – ширкати Сангоби Ҷумҳурии Исломии Эрон) ҳамчун шарикони бозорӣ дар баробари ҶСК «Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» (соҳибмулк – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) барқи истеҳсолкардаи худро бевосита ба ШСХК «Барқи Тоҷик» мефурӯшанд.

Ҳоло дар таҳти идораи ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» 11 адад НБОХ бо иқтидори умумии муқарраршудаи 44,16 МВт фаъолият мекунанд, ки онҳо тамоми аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро бо нерӯи барқ таъмин менамоянд. Доираи фаъолияти ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» ҳудуди 8 ноҳияро дар бар гирифта, он ба 28756 истеъмолкунанда, аз ҷумла ба 26906 истеъмолкунандагони маишӣ, 686 муассисаҳои давлатӣ ва 1164 субъектҳои хоҷагидорӣ – истеъмолкунандагони тиҷоратӣ хизматрасонӣ мекунад [114].

Ҷиҳати нисбатан муҳим дар фаъолияти ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» масъалаи нарх (тариф)-ҳои нерӯи барқ мебошад. Барои ҳалли масъалаи мазкур низоми инноватсионии мусоидат (субсидия) роҳандозӣ шудааст, ки бо ёрии он нерӯи барқи ба истифодабарандагон пешниҳодшаванда барои аҳолӣ дастрас ва барои корхонаҳо муфид аст. Дар доираи низоми мазкур ҳаҷми аққали нерӯи барқ ба аҳолӣ бо нархи 0,25 сент барои як КВт-соат пешниҳод карда мешавад, ки ин яке аз тарифҳои пасттарин дар ҷаҳон мебошад.

Фаъолияти ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» мусоидат намуд, ки бори аввал пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ аксари сокинони шаҳри Хоруғ ва навоҳии атрофи он дар фасли зимистон 24 соат дар шабонарӯз нерӯи барқ гиранд. Нерӯи барқи  барқароршавандае, ки нерӯгоҳҳои ширкат истеҳсол мекунанд,

зарурати сӯзондани дарахтон ё ба кор андохтани генераторҳои дизелии ифлоскунандаи муҳитро иваз намуд.

Умуман, дар давоми солҳои охир дар минтақаи фаъолияти ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» ба андозаи 31080 кВт иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи барқ, аз ҷумла нерӯгоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб бо иқтидори 200 кВт бунёд гардида, 13592 кВт иқтидорҳои мавҷудбуда таҷдиду азнавсозӣ карда шуданд. Иқтидорҳои амалкунандаи истеҳсоли нерӯи барқ дар ҳудуди минтақа пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергияи барқ фаъолият мекунанд, ки ин дар шароити тағйирёбии иқлим дар сайёра масъалаи муҳим ва қобили таваҷҷуҳ аст.

Ба хотири роҳандозӣ намуданиислоҳот дар соҳаи электроэнергетика, тиҷоратикунонии соҳа, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири бозорӣ, ташаккули бозори фурӯши барқ ва муҳити рақобати байни иштирокчиён, таъмини шаффофият дар бозори фурӯши барқ ва рушди устувори соҳа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, № 431 «Нақшаи инфиродии таҷдиди сохтори идоракунии ШСХК «Барқи Тоҷик» барои солҳои 2011-2018» таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки он уҳдадории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба роҳандозӣ намудани ислоҳот мушаххас карда, вазорату идораҳои дахлдорро барои фаъолияти самаранок дар ин самт вазифадор намуд. Дар доираи иҷрои санади мазкур моҳи ноябри соли 2012 бо дастгирии Бонки Осиёгии Рушд иҷрои лоиҳаи Мусоидати техникии «Беҳтарсозии фаъолияти фаврии соҳа» оид ба таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» оғоз гардид. Санади мазкур ниятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ислоҳоти бозори фурӯши барқ муқаррар намуда, вазорат ва идораҳои дахлдорро барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои ислоҳот муваззаф намуд.

Ҳамин тавр, аз соли 2012 оғоз карда, таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ва дар пояи он таъсис додани се воҳиди тиҷоратии ба самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи электроэнергетика – истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ алоқаманд амалӣ гардид. Дар баробари ин, барои анҷом додани намудҳои мухталифи фаъолият дастурамалҳои дахлдор таҳия гардиданд, барнома ва

роҳнамоҳо ҷиҳати тақсимоти дороиҳо ва уҳдадориҳои умумии ШСХК «Барқи Тоҷик» ба сохторҳои навтаъсиси бозор, ҷудо намудани низомҳои ҳисоботи молиявӣ ва идоракунии хадамоти танзимгарӣ таҳия гардиданд.

28 апрели соли 2018 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 234 қабул гардид, ки таъсис додани ду шахси ҳуқуқии алоҳида – ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»-ро дар пояи шахсони ҳуқуқии дар ҳайати ШСХК «Барқи Тоҷик» фаъолияткунанда талаб мекард. Акнун шахсони ҳуқуқии навтаъсис бояд масъулиятро ҷиҳати фурӯши нерӯи барқ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар минтақаи хизматрасонии ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» қарор дорад) ба уҳда гиранд.

Ҳамчунин корҳо оид ба ҷорӣ намудани низомҳои баҳисобгирии нерӯи барқи истеҳсол, интиқол ва тақсимшуда идома доранд. Ҳамин тавр, дар соли 2017 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати нави нархгузориро дар бозори фурӯши барқ қабул намуд, ки ҷуброни пурраи масрафҳо ва тарифҳои ба арзиши нерӯи барқ асосёфтаро пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин методологияи таҳиясозии тарифҳо омода гардид, ки ба татбиқи сиёсати нави нархгузорӣ дар бозори фурӯши барқ мусоидат менамояд. Вале бар асари баъзе омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат, инчунин таъсири пандемияи Ковид-19 тасдиқи методологияи тарифии мазкур ба таъхир андохта шудааст.

Принсипҳои асосии танзими тарифӣ дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз риояи тавозуни манфиатҳо, дастрасии барқ, мустақилии субъектҳои дар бозори мазкур фаъолияткунанда, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» [68] ва «Дар бораи энергетика» [72] ифода ёфтаанд, ташаккул меёбанд.

Тарифҳои дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ба таъмини пурраи мустақилияти иқтисодии субъектҳои дар бозори мазкур фаъолияткунанда ва амалкунии босамари низоми таъминот бо нерӯи барқ мусоидат карда наметавонанд. Сатҳи муқарраргардидаи онҳо имкон намедиҳад, ки тамоми масрафҳои субъектҳои бозор пӯшонида шаванд. Дар низоми ҷории

танзимкунии тарифии нерӯи барқ мусоидатҳои байниҳамдигарии таҳвилҳои байни субъектҳо ҷой дорад. Дар ин маврид, мусоидати байниҳамдигарӣ чун табъизи як гурӯҳи истеъмолкунандагони барқ аз ҳисоби гурӯҳи дигар фаҳмида мешавад, ки масалан, дар шакли муқаррар намудани нарх дар сатҳи аз хароҷот пасттар барои аҳолӣ ва нархи баландтар барои дигар гурӯҳҳои истеъмолкунандагон зоҳир мешавад.

Тарифҳои мавҷудаи нерӯи барқ барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи истеъмолкунандагон тафовути назаррас дошта, хароҷоти таъмини нерӯи барқро барои ин гурӯҳҳои истеъмолкунандагон пурра инъикос намекунанд. Сиёсати тарифии амалкунанда барои сармоягузории босубот дар рушд ва навсозии инфрасохтори бозори фурӯши барқ имкон намедиҳад, ки дар оянда метавонад ба паст шудани боэътимодӣ ва сифати таъмини барқ, зиёд шудани талафоти барқ ва дар ниҳоят ба паст шудани самаранокии умумии бозори фурӯши барқ оварад.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, № 330 ва аз 1 майи соли 2020, № 259 дар пояи ШСХК «Барқи Тоҷик» мувофиқан ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» таъсис дода шуда, оиннома ва низомномаҳои шурои нозирони онҳо тасдиқ гардид. Акнун дар бозори фурӯши барқи мамлакат се шахси ҳуқуқии алоҳида вобаста ба самтҳои асосии фаъолият дар бозори фурӯши барқ фаъолият мекунанд: ШСХК «Барқи Тоҷик» - истеҳсоли нерӯи барқ, ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» - интиқоли нерӯи барқ (дар сатҳи шиддати 500/220/110 кВ) ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» - тақсимоти нерӯи барқ (сатҳи шиддати 35/10/6/0,4 кВ).

Ҳамаи амалҳо ва тадбирҳои дар раванди ислоҳоти низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозишуда ба беҳгардонии фаъолияти молиявии субъектҳои бозори фурӯши барқ ва ҷалби сармоягузориҳо ба соҳа тавассути иштироки бахши хусусӣ, аз ҷумла истифодаи механизмҳои гуногуни ҳамкорӣ ва ҷалби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ нигаронида шудаанд.

Корбурди механизмҳои гуногун оид ба ҷалби бахши хусусӣ ба хотири ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти шаффоф ва устувор дар бозори фурӯши

барқи мамлакат, муаррифӣ намудани нишондиҳандаҳои самаранокии молиявӣ ва амалиётӣ бо чунин роҳҳо ба ҷо оварда мешавад:

- пешниҳоди дастгирӣ дар самти ҷудокунии босамари корхонаҳои мавҷуда ба якчанд корхонаҳои нав, таҷдиди сохтори корхонаҳои интиқолдиҳанда ва тақсимкунандаи нерӯи барқ;

- татбиқи усулҳои дар амалияи байналмилалӣ эътирофгардидаи идоракунӣ, сиёсат ва низомҳои иттилоотӣ;

- татбиқи стратегияи босамари ҳифзи даромадҳои корхонаҳо ва паст кардани талафоти нерӯи барқ;

- беҳгардонии амалияи идоракунии захираҳои кормандон ва афзун намудани иқтидорҳо;

- таҳкими институтсионалии соҳаҳои банақшагирӣ ва ояндабинии сармоя ва сармоягузориҳо ба фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ.

Дар натиҷаи амалҳо ва тадбирҳои дар доираи ислоҳоти бозори фурӯши барқ роҳандозишуда, дар самти ҷамъоварии маблағи нерӯи барқ натиҷаҳои назарраси мусбат ноил гардиданд. Ҳамин тавр, дар ҷамъбасти 7 моҳи соли 2021 дар мамлакат ҷамъоварии маблағи нерӯи барқ 93,2% (1 млрд. 781 млн. сомонӣ), аз ҷумла аз ҳисоби аҳолӣ 101,9% (701,1 млн. сомонӣ)-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба маблағи 13% (204,9 млн. сомонӣ) зиёд аст.

Дар соли 2021 аз ҷониби иштирокчиёни асосии бозори фурӯши барқ, истеҳсолкунандагони энергияи электрикӣ – НБО, НБОХ ва МБГ, ки тобеи ШСКХ «Барқи Тоҷик» мебошанд, ба миқдори 15925,2 млн. кВт/соат энергияи электрикӣ истеҳсол шудааст, ки аз ин миқдор танҳо 5,0 млн. кВт/соат (0,03%) ба НБОХ рост меояд (расми 2.1).

Дар мамлакат бо вуҷуди доштани иқтидори захиравии бузург барои НБОХ, самти истеҳсоли нерӯи барқ аз ҳисоби манбаъҳои хурди тавлид ҳанӯз рушд накардааст.




**Расми 2.1. - Истеҳсоли нерӯи барқ дар ШСХК «Барқи Тоҷик»**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи муосири соҳаи электроэнергетика ҷиҳати ташаккули бозори фурӯши барқ собит кард, ки дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду субъекти бозорӣ - ШСХК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» чун ширкатҳои ҳамгирошуда, бе амалкунии унсурҳои бозорӣ ва рақобат фаъолият мекунанд. Пас аз таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» дар бозор ду субъекти нав - ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» пайдо шуанд, вале муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои бозор, инчунин муносибатҳои онҳо бо истеъмолкунандагони барқ то ҳол аниқ муайян нашудаанд. Низоми санадҳои амалкунанда, ки ваколат ва ухдадориҳои ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро чун ширкати ҳамгирои ба таври амудӣ фаъолияткунанда муайян мекунад, ба талаботи имрӯзаи фаъолияти субъектҳои алоҳида дар бозори фурӯши барқ мувофиқат намекунад. Бо мурури рушди субъектҳои мазкур ва ҷорӣ намудани унсурҳои бозор ва рақобат дар фаъолияти онҳо, зарурати таҳия ва рушди санадҳои дахлдор ҷиҳати ба расмият даровардани муносибатҳои тиҷоратии онҳо ба миён меояд.

## 2.2. Таҳқиқ ва арзёбии муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ

Бо вуҷуди роҳандозӣ намудани ислоҳот, имрӯз дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мураккаби ташкилӣ-сохторӣ мушоҳида мешавад. Ноил гардидан ба шаффофӣ ва самаранокӣ дар бозори фурӯши барқ, ки аз ҳадафҳои муҳими ислоҳот ба ҳисоб меравад, ҳанӯз ҳам ба даст наомадааст. Мавҷудияти мушкилоти мубрам, чун напардохтани арзиши барқ аз ҷониби истеъмолкунандагон (қарздориҳои дебиторӣ), сатҳи баланди қарздории кредиторӣ, талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ – нишонаҳои асосии тавсифи вазъи имрӯзаи бозори фурӯши барқ дар мамлакат мебошанд.

Мушкилоти асосӣ, ки имрӯз ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад, напардохтани арзиши барқ (қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ) мебошад. Маълумот оид ба қарздории дебитории ширкат дар давраи солҳои 2015-2022 дар ҷадвали 2.2 ва оид ба дебиторҳои муҳимтарини ширкат дар замимаи 1 оварда шудааст.

Қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» дар давраи таҳлилӣ ҳамасола афзоиш ёфта, ба ҳолати санаи 1 январи соли 2022 нисбат ба 1 январи соли 2015 4,5 маротиба зиёд шуда, суръати афзоиши он ҳамасола ба ҳисоби миёна 119,5% зиёд шудааст. Қарздории дебитории ширкат аз ҳисоби напардохтани ҳаққи барқи фурӯхташуда дар санаи 1 январи соли 2022 нисбат ба ҳолати 1 январи соли 2015 ба андозаи 3,8 маротиба зиёд буда, суръати афзоиши миёнаи пардохт накардани ҳаққи барқи фурӯхташуда дар давраи таҳлилӣ 121,3%-ро ташкил додааст.

Қарздории дебиторҳои муҳимтарини ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳолати 1 январи соли 2022 чунин аст: ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 459357 ҳаз. сомонӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 423519 ҳаз. сомонӣ, ширкати Пули Хумрӣ (Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) – 346901 ҳаз. сомонӣ, ширкати Ӯзбекэнерго – 59420 ҳаз. сомонӣ, ҶСК «Тоҷикхимпром» - 55236 ҳаз. сомонӣ, Ширкати Da Afganistan Breshna Sherkat (Кундуз) – 47817 ҳаз. сомонӣ.

**Ҷадвали 2.2. – Қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳаз. сомонӣ**

| Намуди қарздории дебиторӣ | 01.01.2015с. | 01.01.2016с. | 01.01.2017с. | 01.01.2018с. | 01.01.2019с. | 01.01.2020с. | 01.01.2021с. | 01.01.2022с. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои қабул (ҳаққи барқи фурӯхташуда) | 727375 | 862104 | 974402 | 1163286 | 1473102 | 1720968 | 2131542 | 2799297 |
| Ҳисобҳо барои қабул (ҳаққи гармии фурӯхташуда) | 7871 | 10626 | 11224 | 16230 | 18217 | 29017 | 43060 | 41987 |
| Ҳисобҳо барои қабул (ҳаққи корҳо ва хизматрасониҳо) | 4795 | 2423 | 3418 | 2038 | 3135 | 5398 | 4955 | 6040 |
| Дигар қарздориҳои дебиторӣ | 574 | 352 | 324 | 387 | 1305 | 196 | 15 | - |
| Захира аз рӯйи қарзҳои шубҳанок | (379616) | (464677) | (569091) | (637888) | (850303) | (932773) | (1201834) | (1613391) |
| **Ҳамагӣ қарздориҳои дебиторӣ** | **360999** | **410828** | **420277** | **544053** | **645456** | **822806** | **977738** | **1233933** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Мушкилоти муҳими дигар, ки ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад, ҷой доштани қарздориҳои кредиторӣ мебошад. Дар давраи таҳлилӣ дар таркиби қарздориҳои кредитории ширкат қарздориҳои ҳам дарозмуҳлат ва ҳам кӯтоҳмуҳлат мавҷуд мебошанд (ҷадвали 2.3).

Қарздориҳои кредитории ШСХК «Барқи Тоҷик» дар давраи солҳои 2015-2022 ҳамасола тамоюл ба афзоиш доранд. Дар ин маврид маблағи умумии онҳо дар санаи 1 январи соли 2022 нисбат ба ҳолати 1 январи соли 2015 ба андозаи 5,2 зиёд мебошад. Дар таркиби қарздориҳои кредитории ширкат вазни қиёсии бештарро қарздориҳои кӯтоҳмуҳлат ташкил медиҳанд, ки вазъи намудҳои алоҳидаи онҳо дар санаи 1 январи соли 2022 чунин аст: ҳисобҳо барои пардохти ҳаққи барқи фурӯхташуда – 5656542 ҳаз. сомонӣ (80,9%), ҳисобҳо барои пардохти таҷҳизот – 643451 ҳаз. сомонӣ (9,2%), ҳисобҳо барои пардохти корҳои сохтмонӣ – 365897 ҳаз. сомонӣ (5,2%), ҳисобҳо барои пардохти молҳо ва хизматрасониҳо – 326497 ҳаз. сомонӣ (4,7%). Қарзҳои кредитории дарозмуҳлат ба ҳолати 1 январи соли 2022 пурра пардохт шудаанд.

Маълумот дар бораи кредиторҳои муҳимтарини ШСХК «Барқи Тоҷик» дар замимаи 2 оварда шудааст.

Кредитори аз ҳама муҳими ШСХК «Барқи Тоҷик» ширкати эронии «Сангоб» (Сангтӯда-2) мебошад, ки ба он дар санаҳои 1 январи солҳои 2021 ва 2022 мувофиқан 2268523 ҳаз. сомонӣ ва 2704621 ҳаз. сомонӣ маблағи қарздории кредиторӣ рост меояд. Дигар кредиторҳои муҳими ширкат инҳо мебошанд (ба ҳолати 1 январи соли 2022): ҶСК «НБО Сангтуда-1» - 2091558 ҳаз. сомонӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 605479 ҳаз. сомонӣ, ҶСК «НБО Роғун» - 630453 ҳаз. сомонӣ, ҶСК «ТоҷикТрансГаз» - 361828 ҳаз. сомонӣ, КФ Шахтаи Фон-Яғноб – 141258 ҳаз. сомонӣ, ширкатҳои GE HYDRO FRANCE (Франсия) – 140004 ҳаз. сомонӣ ва Калпатару Пауэр Трансмишн – 17845 ҳаз. сомонӣ.

**Ҷадвали 2.3. – Таркиби қарздориҳои кредитории ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳаз. сомонӣ**

| **Намуди қарздории кредиторӣ** | **01.01.2015с.** | **01.01.2016с.** | **01.01.2017с.** | **01.01.2018с.** | **01.01.2019с.** | **01.01.2020с.** | **01.01.2021с.** | **01.01.2022с.** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои пардохти барқ | 641957 | 1056050 | 1437279 | 1856151 | 2399050 | 3098183 | 4301628 | 5656542 |
| Ҳисобҳо барои пардохти молҳо ва хизматрасониҳо | 651045 | 254908 | 175363 | 187795 | 218273 | 380061 | 792585 | 326497 |
| Ҳисобҳо барои пардохти таҷҳизот | 12377 | 94702 | 43559 | 84735 | 385287 | 244250 | 367869 | 643451 |
| Ҳисобҳо барои пардохти корҳои сохтмонӣ | 4754 | 25299 | 6228 | 6131 | 9437 | 21152 | 128912 | 365897 |
| Дигар ҳисобҳо барои пардохт | 25083 | 2883 | 3847 | 3912 | 4640 | 1878 | 2418 | 1301 |
| **Ҳамагӣ қарздориҳои кредитории кӯтоҳмуҳлат** | **1335216** | **1433842** | **1666276** | **2138724** | **3016687** | **3745524** | **5593412** | **6993688** |
| Ҳисобҳо барои пардохти барқи МБГ Душанбе-2 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | - | - | - | 905479 | 905479 | 905479 | 905479 | - |
| Ҳисобҳо барои пардохти арзиши воситаҳои асосӣ ба ТВЕА | - | - | 15408 | 6670 | - | - | - | - |
| **Ҳамагӣ қарздориҳои кредитории дарозмуҳлат** | **-** | **-** | **15408** | **912149** | **905479** | **905479** | **905479** | **-** |
| **Ҳамагӣ қарздориҳои кредиторӣ** | **1335216** | **1433842** | **1681684** | **3050873** | **3922166** | **4651003** | **6498891** | **6993688** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Қобили зикр аст, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» дар соли 2006 бо ширкати «Сароб» созишнома дар бораи бо ҳам маблағгузорӣ намудани сохтмони НБО Сангтӯда-2 ба маблағи 40 млн. доллари ИМА ба имзо расонидаанд. Мувофиқи қарордод дар доираи созишномаи мазкур ШСХК «Барқи Тоҷик» нерӯи барқро аз НБО Сангтӯда-2 бо нархи собит, ки оғоз аз соли 2015 ҳар сол ба андозаи 5% зиёд мешавад, харид мекунад. ШСХК «Барқи Тоҷик» дорандаи саҳмияҳои НБО Сангтӯда-2 нест. Дар соли 2010 ширкат саҳмияҳои ҶСК «НБО Роғун»-ро ба маблағи 23,7 млн. сомонӣ харид кардааст. Ғайр аз ин, бо созиши ҳарду ҷониб ва дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои ҶСК «НБО Роғун» дар назди ШСХК «Барқи Тоҷик» ба маблағи 7,933 млн. сомонӣ ба саҳмия табдил дода шуданд. Ҳамин тавр, ҳиссаи ШСХК «Барқи Тоҷик» дар сармояи саҳомии ҶСК «НБО Роғун» ба ҳолати 1 январи соли 2021 0,14%-ро ташкил медиҳад.

Дар ҷамъбасти соли 2021 ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» аз ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», силсилаи нерӯгоҳҳои Варзоб, нерӯгоҳҳои хурд ва дигар истеҳсолкунандагони барқ бе назардошти содирот ва талафот ба андозаи 16,807 млрд. кВт-соат нерӯи барқро қабул намуд (дар соли 2020 – 16,76 млрд. кВт-соат). Ҳаҷми умумии нерӯи барқи ҳисобшуда 12,683 млрд. кВт-соатро ташкил дод (дар соли 2020 – 11,161 млрд. кВт-соат). Маблағи ҳисобузамшудаи нерӯи барқ 3,322 млрд. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1,193 млрд. сомонӣ) ва маблағи ҷамъоваришуда 3,113 млрд. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1,152 млрд. сомонӣ)-ро ташкил додааст. Яъне дар соли 2021 нақшаи ҷамъоварии маблағи нерӯи барқ ба андозаи 93,7% (аз ҳисоби аҳолӣ – 96,5%) иҷро шудааст. Бояд қайд кард, ки маблағи ҷамъоваришудаи нерӯи барқ дар соли 2020 (бе содирот) ҳамагӣ 2,815 млрд. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1,088 млн. сомонӣ)-ро ташкил дода буд, ки дар ин маврид нақшаи ҷамъоварии маблағ ҳамагӣ 82,5% иҷро шуда буд (маблағи нерӯи барқи фурӯхташуда бе назардошти содирот - 3,414 млрд. сомонӣ).

Бояд гуфт, ки дар таҳти назорати ҷиддӣ қарор додани истифодаи барқ дар корхонаҳои бузург ва насб намудани ҳисобкунакҳои муосири электронии зеҳнӣ

дар корхонаҳои саноатӣ ва бахши аҳолӣ яке аз омилҳои баланд шудани сатҳи ҷамъоварии маблағи барқи фурӯхташуда ҳисобида мешавад.

Агар дар ҷамъбасти соли 2020 маблағи умумии қарздории дебиторӣ ба андозаи 693,7 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 430,8 млн. сомонӣ) зиёд шуда бошад, ҳамин нишондиҳанда дар ҷамъбасти соли 2021 ба маблағи 213,7 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ - 41,4 млн. сомонӣ) зиёд шудааст. Зиёдшавии маблағи қарздории дебиторӣ асосан аз ҳисоби напардохтани маблағи нерӯи барқ аз ҷониби корхонаҳои тобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (75 млн. сомонӣ), ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (69,3 млн. сомонӣ) ва корхонаву муассисаҳои буҷетӣ (20,4 млн. сомонӣ) ба миён омадааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2022 маблағи умумии қарзи нерӯи барқ бо назардошти қарзҳои солҳои пешин 3, 316 млрд. сомонӣ, аз ҷумла аҳолӣ – 1,384 млрд. сомонӣ, ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 459,4 млн. сомонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ - 206,3 млн. сомонӣ, ҶСК «НБО Роғун» - 36,2 млн. сомонӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 373,1 млн. сомонӣ, корхона ва муассисаҳои буҷетӣ - 112,4 млн. сомонӣ, КВД «Обу корези ҷумҳурӣ» - 53,5 млн. сомонӣ, КМ «Тоҷиккимиёсаноат» - 34,2 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва филиалҳои он ба 2931 муштарии дебитор ба маблағи 316,9 млн. сомонӣ даъво пешниҳод гардид, ки 81,7 млн. сомонии он иҷро гардид (руёнида шуд).

ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳамчунин аз ҳисоби напардохтани андозҳо ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарздор аст (ҷадвали 2.4). Дар санаи 1 январи соли 2022 маблағи умумии қарздории ширкат аз ҳисоби ҳамаи намудҳои андоз ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 197581 ҳаз. сомонӣ мебошад. Ба ҳолати санаи мазкур, ширкат аз ҳисоби тамоми андозҳо, ба истиснои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (вобаста ба нагирифтани фоида) аз буҷети давлатӣ қарздор аст.

**Ҷадвали 2.4. – Қарздории ШСХК «Барқи Тоҷик» аз ҳисоби андозҳо ба буҷети давлатӣ**

| Намуди андоз | 01.01.2015с. | 01.01.2016с. | 01.01.2017с. | 01.01.2018с. | 01.01.2019с. | 01.01.2020с. | 01.01.2021с. | 01.01.2022с. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Андоз аз арзиши иловашуда | 156875 | 135959 | 124280 | 40596 | 23720 | 34908 | 33373 | 165232 |
| Анози иҷтимоӣ барои пардохт | 8884 | 4816 | 5060 | 6356 | 6417 | 6648 | 8321 | 9895 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 10307 | 17716 | 11503 | 9698 | 8002 | 5267 | 13033 | 13114 |
| Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (аз фоида) | 497 | 7618 | 104 | 3244 | 2454 | 4748 | - | - |
| Андоз аз истифодабардагони сарватҳои табиӣ | - | 1923 | 2349 | 2169 | 3617 | 4014 | 4543 | 4196 |
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 4965 | 2847 | 2582 | 3249 | 3751 | 3621 | 4825 | 4987 |
| Дигар андозҳо | 450 | 381 | 421 | 362 | 324 | 394 | 2979 | 157 |
| **Ҳамагӣ андозҳо** | **181978** | **171260** | **146299** | **65674** | **48285** | **59600** | **37074** | **197581** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ – мушкилоти дигар дар фаъолияти ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад, ки имрӯз бояд бартараф карда шавад. Қобили зикр аст, ки ҳоло дар шабакаҳои тақсимоти барқи маҳаллӣ ҳисобкунии масрафи нерӯи барқ, маблағҳои ҳисобузамшуда ва пардохтшуда тавассути барномаҳои биллингӣ анҷом дода мешавад.

Дар оғози таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» муҳим буд, ки аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» сатҳи талафоти воқеии барқ аниқ муайян карда шавад. Роҳи асосии ҳисоб ва арзёбӣ кардани нерӯи барқи ҳисобшуда ва талафоти он татбиқи низоми электронии биллингӣ буд. Дар натиҷа ошкор карда шуд, ки талафоти нерӯи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ дар моҳи январи соли 2021 ба 43,52% баробар (690,5 млн.кВт-соат) аст.

Сабабҳои асосии баланд будани сатҳи талафоти барқ чунинанд: пурра ба низоми электронии ҳисобкунӣ фарогир набудани муштариён, дер сабт кардани нишондоди ҳисобкунакҳо, саривақт пешниҳод нашудани ҳисоботҳои дахлдор, интизоми меҳнати пасти нозирони барқ, ба эътибор гирифтани маълумоти берун аз пойгоҳи додаҳои низоми биллингӣ, корбурди нопурраи низоми ҳисобкунии электронӣ, чун талафот эътироф кардани ҳамагуна нишондиҳандаи истифодаи барзиёди барқ.

Бо роҳандозӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мазкур дар моҳи декабри соли 2021 сатҳи талафоти барқ ба 29,1% (436,6 млн. кВт-соат) расонида шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳалли мушкилоти ҷойдошта ният дорад то соли 2030 ислоҳоти соҳаи электроэнергетикаро, ки ба таъмини шароит барои амалкунии механизмҳои бозорӣ ва ташаккули муҳити рақобат дар бозори фурӯши барқ нигаронида шудааст, анҷом диҳад. Дар ин бора дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст.

Барои амалӣ сохтани ислоҳот ва расидан ба ҳадафҳои он дар мамлакат пояҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд, чун: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 4 ноябри соли 2000, № 143 [72], «Дар бораи инҳисороти

табиӣ» аз 5 марти соли 2007, № 235 [68], «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» аз 29 декабри соли 2010 [67], «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз 12 январи соли 2010 [69], «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» аз 19 сентябри соли 2013 [70] ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фаъолияти асосии ШСХК «Барқи Точик» якҷоя бо тамоми филиалҳо ва корхонаҳои фаръии худ истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ва гармӣ мебошад. Ширкат ҳамчунин нерӯи баркро ба мамлакатҳои ҳамсоя содирот мекунад.

Фаъолияти амалиётии ШСХК «Барқи Тоҷик» бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» танзим карда мешавад, чунки ширкат истеҳсолкунанда ва таъминкунандаи асосии нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мувофиқи қонуни мазкур тарифҳои фурӯши барқ бояд аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа ва тасдиқ карда шаванд. Истеъмолкунандагон ва мизоҷони асосии ширкат ҶСК «Ширкати алюминийи Тоҷик», ҶСК «НБО Роғун», ҶСК «Сементи Тоҷик», ҶСК «Тоҷикхимпром», ҶСК «Ширкати энергетикии Помир», ширкатҳои «Da Afghanistan Breshna Sherkat», «Узбекэнерго» ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Точик» ва дар пояи он таъсис додани субъектҳои нави бозор – ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» бояд мушкилоти ислоҳоти бозорӣ ва рушди рақобатро дар бозори фурӯши барқ ҳал мекард, вале он барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиб мусоидат накард. Муҳити тиҷоратӣ ва инфрасохтори муносиби бозорӣ дар соҳаи электроэнергетика ташаккул наёфтаанд. Бинобар ин, дар бозори фурӯши барқ истифода ва рушд додани амсилаҳои тиҷоратии гуногуни ба рушди бозории соҳа мусоидаткунанда зарур аст.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷии равандҳои ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ гувоҳӣ медиҳад, ки ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунии корпоративӣ дар низоми идоракунии субъектҳои бозори фурӯши барқ ва идоракунии самараноки

захираҳои электроэнергетикӣ кафолати рушди соҳаи мазкур дар самти муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии корпоративӣ ҳамчунин таҷзияи субъектҳои дар шароити инҳисор фаъолияткунанда метавонад ба ҳалли мушкилоти мубрами дар бозори фурӯши барқ ҷойдошта мусоидат кунад.

Дар асоси сиёсати электроэнергетикии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар паёмади таҳқиқ ва арзёбии таҷрибаи бобарори ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таҳия шудааст, инчунин тадбирҳои дар ростои амалисозии он дар солҳои охир андешидашуда метавон тасдиқ кард, ки барои рушди ислоҳоти бозори фурӯши барқ дар мамлакат як амсилаи муайян таҳия ва амалӣ шуда истодааст. Дар доираи амсилаи мазкур ва бо истифода аз усулҳои муосири дар арсаи байналмилалӣ маъмули идоракунии корпоративӣ дар субъектҳои ар шароити инҳисор фаъолияткунанда низоми идоракунии аз се бахш – истеҳсол, интиқол ва тақсимоти барқ иборатбуда амалӣ гардид.

Амсилаи имрӯз дар фаъолият ва идоракунии субъектҳои бозори фурӯши барқ татбиқшаванда бештар равона кардани диққатро ба ҷанбаҳои хоҷагидорӣ-молиявӣ талаб мекунад, чунки тавре таҳқиқоти мо тасдиқ кард, аксари омилҳои ба мушкилоти мубрами соҳа боисшуда маҳз дар низоми ба андозае фалаҷшудаи хоҷагидорӣ-молиявӣ ва идоракунии он мушоҳида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» то таҷдиди сохтори худ чун ширкати ба таври амудӣ ҳамгирошуда фаъолият мекард. Вале фаъолияти он пас аз таҷдиди сохтор якҷоя бо ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» низ дар доираи амсилаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда ба роҳ монда шудааст. ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳанӯз ҳам ширкати холдингӣ буда, тамоми саҳмияҳои он ба давлат тааллуқ доранд. Азбаски дар ширкат шурои директорон вуҷуд надорад, фаъолияти он аз ҷониби шурои нозирон, ки раиси он сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, назорат мешавад.

Вазорати энергетика ва захираҳои об ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷиҳатҳои мухталифи соҳаи электроэнергетика масъул мебошанд. Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар самти иҷозатномадиҳӣ, тасдиқи нақшаҳои сармоягузорӣ, стандартҳои техникӣ ва стандартҳои бехатарӣ масъул аст. Фаъолияти бозори фурӯши барқ дар самти нархҳо ва тарифҳои барқ аз ҷониби Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти техникӣ ва фаъолияти инфрасохтори технологӣ аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ танзим ва назорат карда мешавад. Дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои бо энергетика алоқаманд инчунин дигар вазоратҳо ва идораҳо иштирок мекунанд, чун: Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳодҳои дигари бо сохтмон ва саноат робитадор.

Танзими давлатӣ дар бозори фурӯши барқ бо роҳи таъминоти ҳуқуқӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозситонӣ, қарздиҳӣ, маблағгузорӣ, таъмини сиёсати сармоягузорӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва назорати иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар субъектҳои бозори мазкур сурат мегирад.

Ба хотири баррасӣ намудани пешниҳодҳои ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи бозори фурӯши барқ алоқаманд, баланд бардоштани самаранокӣ ва мукаммалсозии усулҳои хоҷагидорӣ дар бозори мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи машваратии байниидоравӣ оид ба энергетикаро таъсис додааст, ки бо роҳбарии вазири энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Ба ҳайати комиссияи мазкур намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, вазоратҳои дахлдор, идораҳо ва муассисаҳои илмии соҳаи энергетика, корхонаҳои энергетикӣ ва истеъмолкунандагони барқ шомил мебошанд.

Субъектҳои бозори фурӯши барқ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар асоси гуногунии шаклҳои моликият ва ташкилӣ (давлатӣ, хусусӣ, саҳомӣ, омехта, муштарак) таъсис дода ва фаъолият кунанд. Маблағгузорӣ ба фаъолияти субъектҳои бозори мазкур метавонад аз ҳисоби

манбаъҳои давлатӣ, хусусӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҷо оварда шавад. Корхонаҳои давлатӣ дар бозори фурӯши барқ фаъолияти худро бо асосҳои тиҷоратӣ чун воҳидҳои хоҷагидории мустақил ва бастани созишномаҳо бо мақоми ваколатдор (Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон) анҷом медиҳанд [72].

Акнун мувофиқи сохтори нав дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд субъектҳо (корхонаҳо) фаъолият менамоянд, ки ҳар кадоми онҳо барои иҷрои вазифаи муайян таъин гардидаанд. Бозори мазкур аз муҳити дар мамлакат пойдоргардидаи фаъолияти субъектҳо дар соҳаи электроэнергетика вобаста буда, дар асоси омезиши инфрасохтори технологӣ ва тиҷоратии дар таҳти назорат ва танзими давлатӣ қарордошта ва корхонаҳои ба истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши барқ машғул амал мекунад (расми 2.2).




**Расми 2.2. – Сохтори нави бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Фаъолияти субъектҳои асосии бозори фурӯши барқ (ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»)-

ро дар сохтори нави бозори фурӯши барқ таҳқиқ намуда, метавон тасдиқ кард, ки онҳо вазифаҳои инфрасохтори ҳам технологӣ (техникӣ) ва ҳам тиҷоратиро иҷро мекунанд.

Фаъолияти ШСХК «Барқи Тоҷик» дар соҳаи истифодаи нерӯгоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ, истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши барқ дар мамлакат ба роҳ монда шудааст. Ширкат ҳамчунин нерӯи барқро ба мамлакатҳои хориҷӣ – Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мефурӯшад.

Тарҳи инфрасохтори технологии ШСХК «Барқи Тоҷик» дар расми 2.3 тасвир шудааст.




**Расми 2.3. – Инфрасохтори технологии ШСХК «Барқи Тоҷик»**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Хадамоти марказии танзимгарӣ (диспетчерӣ) вазифаҳои таҳия ва амалӣ намудани реҷаи кори нерӯгоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ, устувории кори низоми энергетикӣ, иҷрои талаботи сифати барқ ва гармӣ, таъмини сарфакорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ҳангоми риояи реҷаҳои истеъмол, пешгирӣ намудани садамаҳо ва дигар норасоиҳои технологӣ ҳангоми истеҳсол, интиқол, тақсимот ва табдили нерӯи барқ, бартараф кардани паёмадҳои онҳоро ба ҷо меорад.

Хадамоти марказии муҳофизати релегӣ ва автоматика идоракунии дастгоҳҳои барои зуд ва ба таври худкор ошкор намудан ва ҷудо кардани унсурҳои вайроншудаи низоми электроэнергетикӣ дар ҳолатҳои садамавӣ таъиншударо ба ҷо меорад. Вазифаи асосии хадамоти гидротехникӣ таъмини эътимоднокӣ, назорат ва бехатарии иншооти гидротехникӣ ва нерӯгоҳҳо, саривақт ба ҷо овардани таъмири онҳо, гузаронидани назораи иншооти гидротехникӣ ба хотири таъмини кори беисти онҳо мебошад.

Хадамоти истифода ва таъмир роҳбарии ташкилӣ ва техникии воҳидҳои сохтории ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро ҷиҳати истифодаи шабакаҳои барқии шиддати 0,4-500 кВ, таҷҳизоти асосии технологии нерӯгоҳҳо ва назорати фаъолияти истеҳсолии онҳо, назорат ва гузаронидани таъмир ва санҷишҳои профилактикиро ба ҷо меорад.

Хадамоти метрологӣ роҳбарии техникии истифодаи воситаҳои ченкунӣ ва андозагирӣ, инчунин мукаммалсозии онҳоро дар тамоми корхонаҳои низоми электроэнергетикӣ таъмин менамояд. Вазифаи хадамоти эътимодият ва техникаи бехатарӣ таъмини истифодаи бехатари нерӯгоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ, кори боэътимоди таҷҳизот, ташкили шароити бехатари меҳнат, пешгирӣ намудани захмбардорӣ дар фаъолияти корӣ ва бемориҳои касбӣ дар воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои зертобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад.

Хадамоти марказии воситаҳои танзим ва идораи технологӣ хизматрасонии фаврӣ ва техникӣ, таъмир ва ҷӯркунии воситаҳои танзим ва идоракунии технологиро дар тамоми воҳидҳои сохторӣ ва субъектҳои бозори фурӯши барқ ба ҷо меорад. Вазифаи шуъбаи тақсим ва назорати нерӯи барқ назорати истеҳсол, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ дар тамоми воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик», вазифаи асосии шуъбаи низоми идораи худкор ташкили босамар ва боэътимоди кори дастгоҳҳои техникӣ, таъмини иттилоот ва барномасозӣ мебошад. Шуъбаи нақлиёт сиёсати техникии ягонаро ҷиҳати таъмини воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» бо нақлиёт роҳандозӣ менамояд. Шуъбаи сохтмони асосӣ равандҳои сохтмон ва таъмири биноҳо ва иншоотро ташкил ва иҷро менамояд.

Тарҳи инфрасохтори тиҷоратии ШСХК «Барқи Тоҷик» дар расми 2.4 тасвир шудааст.




**Расми 2.4. – Инфрасохтори тиҷоратии ШСХК «Барқи Тоҷик»**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Хадамоти рушд ва ояндабинӣ таҳия ва таҳлили нақшаи рушди хатҳои интиқоли барқ, омодасозии шароити техникӣ барои пайваст намудани истеъмолкунандагон ба низоми электроэнергетикиро ба ҷо меорад, бо ҷалби ташкилотҳои лоиҳакашӣ вазъи шабакаҳои барқиро арзёбӣ ва дурнамои рушди онҳоро муайян мекунад.

Вазифаи хадамоти робита бо ҷомеа барпо намудан ва рушд додани робита бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва дигар гурӯҳҳои ҷомеа ва аҳолӣ, омӯзиши афкори омма мебошад. Хадамот фаъолияти ширкатро таблиғ намуда, нашри маводи чопиро таъмин мекунад.

Шуъбаи банақшагирӣ ва иқтисодӣ аз се бахш (арзиши аслӣ ва тарифҳои барқ, бахши истеҳсолӣ, бахши дурнамо ва таҳлилӣ) иборат буда, чунин вазифаҳои асосиро иҷро мекунад:

- ташкил ва навсозии масъалаҳои иқтисодии дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохтории ШСХК «Барқи Тоҷик»;

- омода намудани нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии низоми электроэнергетикӣ;

- назорати иҷрои нишондиҳандаҳои нақша ва дурнамо ба хотири баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ҳосилнокии меҳнат дар воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик»;

- гузаронидани таҳлили иқтисодӣ ва омода намудани дархостҳо оид ба ҳалли мушкилоти иқтисодии ШСХК «Барқи Тоҷик»;

- омодасозии ҳисоботҳои ҳармоҳа, семоҳа, нимсола ва солона оид ба иҷрои нишондиҳандаҳои дурнамои ҳосилнокӣ дар корхонаҳои ШСХК «Барқи Тоҷик».

Шуъбаи ҷараёнҳои байнидавлатӣ таҳия, баимзорасонӣ ва иҷрои шартномаҳои фурӯш, харид ва интиқоли нерӯи барқро бо баҳисобгирии шароит ва талаботи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва техникии бозори яклухти нерӯи барқ барои таъмини фаъолияти босамари ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҷо меорад.

Вазифаҳои асосии шуъбаи баҳисобгирӣ ва фурӯши барқ роҳбарии методологии воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои ШСХК «Барқи Тоҷик» оид ба масъалаҳои баҳисобгирӣ ва фурӯши барқ, роҳандозӣ намудани сиёсати ягонаи фурӯш мебошанд.

Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар самти таҳия намудани пешниҳодҳо ва иҷрои тадбирҳои амалӣ барои ташаккул ва рушди ҳамкории ШСХК «Барқи Тоҷик» бо вазорат ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолият мекунад.

Шуъбаи манбаъҳои барқароршавандаи барқ корҳои ташкилӣ ва техникии воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро ҷиҳати баҳрабардорӣ аз нерӯгоҳҳои барқии дар асоси офтоб, бод ва дигар манбаъҳои барқароршаванда коркунанда ва НБОХ роҳандозӣ менамояд.

Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи «Паст кардани талафоти барқ» дар асоси супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон № 5331 аз 22 феврали соли 2006 таъсис дода шуда, омодасозӣ ва назорати иҷрои нақшаҳои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи паст кардани талафоти барқ ва мувофиқа кардани онҳоро бо ташкилотҳои молиявӣ анҷом медиҳад.

Агар бозори фурӯши барқро чун сохтори ба таври амудӣ ҳамгирошуда, ки занҷираи истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ тавассути инфрасохтори шабакавӣ ва бевосита фурӯши онро дарбаргиранда баррасӣ кунем, пас маҳз корхонаҳои тақсимот (фурӯш)-и барқ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани нерӯи барқро анҷом медиҳанд ва бори гарони қарзҳо (пардохт нашудани арзиши нерӯи барқ)-ро ба дӯш доранд, иттилоотро бевосита аз мизоҷон ҷиҳати сифат ва шароити таъмини нерӯи барқ мегиранд ва бо ин барои истеъмолкунандагон пешниҳодҳоро оид ба нархҳо таҳия менамоянд.

Корхонаи фурӯши барқ – корхонае мебошад, ки нерӯи барқро дар бозори яклухт ё чакана аз корхонаҳои истеҳсолкунанда (нерӯгоҳҳо) ё интиқолдиҳанда (шабакаҳои интиқоли барқ) харида, онро дар бозори чакана ба истеъмолкунандагон (шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ) мефурӯшад. Дар ин маврид корхонаи фурӯши барқ бо корхонаи шабакаҳои барқӣ шартномаи хизматрасонӣ оид ба интиқоли барқ аз нерӯгоҳҳо то макони таҳвил ба истеъмолкунандагон мебандад. Корхонаи фурӯши барқ бояд ба ҳамаи истеъмолкунандагон дастрас намудани барқро кафолат диҳад, яъне он дар бозор чун таъминкунандаи кафолатдиҳанда мебошад. Дар ҷадвали 2.5 ҳайати корхонаҳои тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» ва намуди фаъолияти онҳо оварда шудааст.

Таъминкунандаи кафолатдиҳанда субъекти тиҷоратие мебошад, ки бо ҳар як истеъмолкунанда шартномаи фурӯши барқ мебандад. Мавҷуд будани таъминкунандаи кафолатдиҳанда ба миён омадани ҳолатҳоеро, ки масалан, ҳамаи корхонаҳои таъминкунандаи барқ бо ягон истеъмолкунандае бастани шартномаро рад мекунанд, истисно мекунад. Чун қоида, таъминкунандаи кафолатдиҳанда дар ҳудуди маҳали муайян амал мекунад, масалан, филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе - таъминкунандаи кафолатдиҳандаи барқ дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба ҳисоб меравад.

Манбаи даромади таъминкунандаи кафолатдиҳанда болонархи аз ҷониби мақомоти танзимкунанда тасдиқшудае мебошад, ки дар дохили тарифҳо пешакӣ муқаррар шудааст ва барои пӯшонидани хароҷоти зарурии хизматрасонии истеъмолкунандагон (хизматрасонии мизоҷон ва нигоҳдории биноҳои маъмурӣ,

рушди низомҳои муосири техникӣ-иттилоотӣ, IT-низомҳо ва ғ.), инчунин хароҷоти бо қарздориҳои шубҳаноки аз ҳисоби пардохт накардани ҳаққи барқ пайдошуда имкон медиҳад.

**Ҷадвали 2.5. – Корхонаҳои ҳайати ШСХК «Барқи Тоҷик» ва намуди фаъолияти онҳо**

| Номи корхона | Соҳаи фаъолияти корхона |
|---|---|
| Филиали Норак (НБО Норак ) | Истеҳсоли барқ |
| Филиали Вахш (сислсилаи НБО-ҳои Вахш) | Истеҳсоли барқ |
| Филиали Варзоб (сислсилаи НБО-ҳои Варзоб) | Истеҳсоли барқ |
| Филиали Бойғозӣ (НБО Бойғозӣ) | Истеҳсоли барқ |
| Филиали Қайроққум (НБО Қайроққум) | Истеҳсоли барқ |
| Нерӯгоҳҳои барқии обии хурд (16 адад) | Истеҳсоли барқ |
| ҶСК «МБГ Душанбе» | Истеҳсоли барқ ва гармӣ |
| ҶСК «МБГ Душанбе-2» | Истеҳсоли барқ ва гармӣ |
| ҶСК «МБГ Ёвон» | Истеҳсоли барқ ва гармӣ |
| Филиали Душанбе (Шабакаҳои барқии марказӣ) | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| Филиали Рашт (Шабакаҳои барқии Рашт) | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| Филиали Суғд (Шабакаҳои барқии Суғд) | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| Филиали Хуҷанд (Шабакаҳои барқии Хуҷанд) | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| Филиали Бохтар (Шабакаҳои барқии шаҳри Бохтар) | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| Филиали Бӯстон (Шабакаҳои барқии шаҳри Бӯстон) | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Турсунзода» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Ҷанубӣ» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Ёвон» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Кӯлоб» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Кӯлоб» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Данғара» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Норак» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Истаравшан» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Панҷакент» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| ҶСК «Шабакаҳои барқии Исфара» | Интиқол ва тақсимоти барқ |
| КФМТМ «Тоҷикэнергоснаб» | Таъминоти моддӣ-техникӣ |
| ҶДММ «Барқ-Сервис» | Таъмири таҷҳизот |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Таъминкунандаи кафолатдиҳанда «нерӯи барқро аз шабакаҳои интиқоли барқ барои ҷуброни талафот харид мекунад, ки ҳаҷми он чун фарқи байни нерӯи барқи ба шабака дохилшаванда (шабакае, ки дар ҳудуди он таъминкунандаи кафолатдиҳанда амал мекунад) ва ҳаҷми муфиди қабулшуда, ки дар асоси нишондодҳои ҳисобкунакҳои истеъмолкунандагон ё бо тарзи ҳисобкунӣ» [62, с. 68] ташаккул меёбад. Ҳар қадаре ки дар ин ё он ҳудуд истеъмоли

баҳисобгирифтанашуда ва бешартномаи нерӯи барқ зиёд бошад, он ҷо шабакаҳои барқӣ бештар фарсуда шудаанд ва ҳолатҳои корбурди усулҳои бо ҳисобкуниҳо асосёфтаи муайян кардани ҳаҷми барқи истеъмолшуда (ҳангоми набудани ҳисобкунакҳо) зиёд мебошанд, пас он ҷо ҳаҷми талафоти барқ, ки таъминкунандаи кафолатдиҳанда бояд аз корхонаи шабакаи интиқоли барқ харид кунад, зиёд аст. Дар мавриди кам кардани ҳолатҳои баррасишуда, «талафот низ бояд кам шавад, бинобар ин, корхонаҳои шабакаҳои барқӣ ҳавасманд мебошанд, ки ҳаҷми муфиди барқи қабулшуда ҳарҷӣ бештар ба ҳаҷми нерӯи барқи ба шабака воридшуда наздик бошад. Дар ҳолати мазкур корхонаи шабакавӣ арзиши хизматрасониҳои ба таъминкунандаи кафолатдиҳанда таҳвилкардаи худро оид ба интиқоли нерӯи барқ ба ҳадди баландтарин мерасонад» [123, с. 2505].

Бо нерӯи барқ таъмин намудани шахсони воқеӣ (аҳолӣ) тавассути бастани шартнома байни шабакаҳои барқии маҳаллӣ ва таъминкунандаи кафолатдиҳанда, ки нерӯи баркро аз шабакаҳои интиқоли барқ харида, ба аҳолӣ пешниҳод мекунад, ба ҷо оварда мешавад. Дар навбати худ аҳолӣ бо шабакаи барқии маҳаллӣ шартнома оид ба истеъмоли барқ мебандад.

Дар таҳвили нерӯи барқ барои аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими давлатии ҳамафарогир то ҳол нигоҳ дошта шудааст. Ҳамин тавр, корхонаҳои фурӯши барқ, ки ҳама чун воҳиди сохторӣ ё филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» фаъолият мекунанд, дар бозори яклухт нерӯи баркро аз корхонаҳои интиқолдиҳанда (ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ») ва истеҳсолкунандаи барқ (нерӯгоҳҳо) ба мақсади фурӯхтан ба аҳолӣ бо шартномаҳои махсуси аз ҷониби мақоми давлатӣ танзимшаванда мехаранд, ки дар онҳо нархҳои танзимшаванда муқаррар карда мешаванд. Дар ин маврид арзиши хизматрасонӣ оид ба интиқоли барқ, инчунин болонархи фурӯши таъминкунандагони кафолатдиҳанда ва шабакаҳои фурӯши барқ низ аз ҷониби давлат танзим ва муқаррар карда мешавад. Агар хизматрасонӣ оид ба интиқоли барқ намуди фаъолияти инҳисорӣ бошад, пас истеҳсол ва фурӯш ба ин намуди

фаъолият мансуб нестанд, вале бо вуҷуди ин, онҳо чун соҳаҳои аз ҷониби давлат танзимшаванда боқӣ мемонанд.

Ҷиҳати бо барқ таъмин намудани корхонаҳо ва ташкилотҳо (тиҷоратӣ ва буҷетӣ) метавон нархҳои озодро қисман истифода бурд, вале ҳоло дар низоми ташаккули нархҳо ва тарифҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин амал ба назар намерасад. Дар назари аввал нерӯи барқ дар бозори яклухт мубодила мешавад, ки таҳвилкунандагони асосӣ нерӯгоҳҳо (НБО ва МБГ) мебошанд ва он ҷо ташаккули нарх шартан озод аст. Танҳо ду истеҳсолкунанда – НБО Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 ҳоло имконияти воқеии бо нархҳои озод пешниҳод кардани нерӯи барқро доранд, вале низоми тарифии аз ҷониби давлат муқарраршудаи нархи нерӯи барқ барои тамоми гурӯҳҳои истеъмолкунандагон ба ин монеа мешавад. Дар натиҷа ШСКХ «Барқи Тоҷик» нерӯи барқро аз ин ду истеҳсолкунандаи мустақил бо нархҳои шартан озод харида, ба истемолкунандагон бо нархҳои танзимшаванда мефурӯшад.

Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳисоботи молиявии муттаҳидгардидаи ШСХК «Барқи Тоҷик» нишон медиҳад, ки вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии ширкат, корхонаҳои фаръӣ ва филиалҳои онҳо нигаронкунанда мебошанд.

Гувоҳи дурустии андешаи мо аудити ҳисоботи молиявии муттаҳидгардидаи ширкат барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2020 мебошад. Аз натиҷаи санҷиши аудитории мазкур, ки аудиторони ташкилоти аудитории ҶСП «БДО Армения» гузаронидаанд, дар санаи 15 июли соли 2021 хулосаи аудитории мусбати шартӣ (бо тавзеҳот) таҳия гардидааст.

Аудиторҳо барои изҳор намудани хулосаи аудитории бо тавзеҳот низоми номукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, амалҳои ширкат (ва корхонаҳои фаръии он) оид ба эътироф кардани даромадҳо, қарздориҳои дебиторӣ ва пешпардохтҳои барои таҳвили оянда барқ гирифташударо чун асос иброз доштаанд.

Тавре аудиторҳо дар хулосаи худ зикр намудаанд [10], ШСХК «Барқи Тоҷик» якҷоя бо филиалҳо ва корхонаҳои фаръии худ дар солҳои охир нерӯи барқро аз НБО Роғун, НБО Сангтӯда-1 ва НБО Сангтӯда-2 харид кардааст. Бо

сабаби гузаштани муҳлати пардохтҳо барои нерӯи барқ ба НБО Сангтӯда-2 ва аз ин ҳисоб ба ҳолати санаи 1 январи соли 2021 ҷой доштани қарздории кредитории муҳлатгузашта ба маблағи 1,6 млрд. сомонӣ ҷарима ҳисобузам карда шудааст (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 1,1 млрд. сомонӣ). Вале ШСХК «Барқи Тоҷик» ҷаримаҳои ҳисобузамшударо эътироф накардааст ва роҳбарияти ширкат барои бекор кардани ҷаримаҳои ҳисобузамшуда муколама бурда истодааст. Ҳамин тавр, ба мо муяссар нагардид, ки эҳтимолияти бекор кардани ҷаримаҳоро арзёбӣ намоем. Дар ҳолати ба мувофиқа наомадан, дар ҷамъбасти соли ҳисоботии 2020 ва ба санаи 1 январи соли 2021 маблағи дигар қарздориҳои кредиторӣ, инчунин зарари ғуншуда ба андозаи 1,6 млрд. сомонӣ зиёд мешавад.

Мувофиқи хулосаи аудиторӣ қарзҳо ва вомҳои ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳолати 1 январи соли 2021 маблағи 16,2 млрд. сомониро ташкил медиҳанд (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 16,8 млрд. сомонӣ).

Аудиторҳо ҳамчунин дар хулосаи аудиторӣ номуайянии муҳими бо фаъолияти беисти ширкат алоқамандро қайд намудаанд. Онҳо ба он диққат додаанд, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» дар соли 2020 ба маблағи 6,59 млрд. сомонӣ зарар дидааст (дар соли 2019 – 5,67 млрд. сомонӣ) ва ба ҳолати санаи 1 январи соли 2021 ӯҳдадориҳои ширкат нисбат ба дороиҳои он ба андозаи 10,6 млрд. сомонӣ зиёд мебошанд (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 9,0 млрд. сомонӣ). Ин рӯйдодҳо ё шароит дар баробари дигар масъалаҳои ҷойдошта аз мавҷуд будани номуайянии муҳим дарак медиҳанд, ки метавонад дар тавоноии ширкат барои идома додани фаъолияти худ дар ояндаи наздик шубҳаи муҳимро ба миён оранд. Идома ёфтани фаъолияти ширкат дар ояндаи наздик аз дастгирии молиявии саҳом ва ҷонибҳои дигари бо он алоқаманд, инчунин аз ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ вобаста мебошад.

Дар давраи солҳои 2019 ва 2020 ШСХК «Барқи Тоҷик» воситаҳои асосиро харид карда ва сохтааст, ки аз ҳисоби қарзҳо ва грантҳо ба маблағи мувофиқан 9,77 млрд. сомонӣ ва 9,8 млрд. сомонӣ маблағгузорӣ шудаанд. Пардохтҳо вобаста ба харид ва сохтмони воситаҳои асосии мазкур бевосита ба ҳисобҳои таъминкунандагон ва паймонкорон гузаронида шудаанд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2021 воситаҳои асосӣ ва сохтмони нотамоми ШСХК «Барқи Тоҷик» суғурта нашудаанд. Ширкат дороиҳои худ, аз ҷумла воситаҳои асосиро истифода ва назорат мекунад, вале азбаски саҳоми ягонаи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, вай наметавонад худ мустақилона воситаҳои асосиро бе иҷозати Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соқит кунад.

Воситаҳои асосии ба таври ройгон (аз ҳисоби грантҳо) гирифташудаи ширкат асосан аз таҷҳизоти азими электроэнергетикӣ ва дастгоҳҳои интиқоли барқ иборат мебошанд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истеъмолкунандагони барқ – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳти назорати он дода шудаанд. Ба ҳолати 1 январи соли 2021 маблағи грантҳо 1,416 млрд. сомониро ташкил додаанд (1 январи соли 2020 – 1,21 млрд. сомонӣ).

Ба ҳолати 1 январи соли 2021 ба ҳайати воситаҳои асосии ширкат, ки ба гарав ба сифати таъмини қарзҳои гирифташуда супорида шуда буданд, бино ва иншоот, мошина ва таҷҳизот ва дигар воситаҳои асосӣ, сохтмони нотамом ва таҷҳизоти насбшавандаи филиали ширкат – НБО Бойғозӣ дохил мешаванд. Дар ин маврид арзиши тавозунии воситаҳои асосии НБО Бойғозӣ 6,753 млрд. сомониро ташкил додаанд (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 6,528 млрд. сомонӣ).

ШСХК «Барқи Тоҷик» дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоб дорад, ки ба он воситаҳои пулӣ барои пардохти ҳаққи нерӯи барқ аз ташкилотҳои буҷетӣ ворид мешаванд. Маблағҳои мазкур барои пӯшонидани қарзҳои аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтаи ширкат ва уҳдадориҳо аз рӯйи андозҳои ба буҷет супоридашаванда истифода мешаванд. Дар солҳои 2019 ва 2020 ширкат тавассути суратҳисоби худ дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи мувофиқан 1,44 млрд. сомонӣ ва 1,5 млрд. сомонӣ қарзҳоро ҳисобӣ кардааст. Ҳамчунин дар солҳои 2019 ва 2020 ҳисобикуниҳои байниҳамдигарии қарздории дебитории ширкат ва уҳдадориҳои андозӣ ба маблағи умумии мувофиқан 17,21 млн. сомонӣ ва 10,31 млн. сомонӣ ба ҷо оварда шудааст.

Дар ҷадвали 2.6 таркиби қарзҳои дарозмуҳлати ШСХК «Барқи Тоҷик» оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.6. – Таркиби қарзҳои дарозмуҳлати ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳаз. сомонӣ**

| Қарздиҳанда | 01.01.2018с. | 01.01.2019с. | 01.01.2020с. | 01.01.2021с. | 01.01.2022с. |
|---|---|---|---|---|---|
| Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7884798 | 9087433 | 9316522 | 10973291 | 8536752 |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 1618287 | 1909494 | 2179620 | 1286132 | 1932140 |
| Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 67749 | 72249 | 332622 | 550248 | 767223 |
| Тахфифи аз рӯйи қарзҳои гирифташуда | (190732) | (272736) | (2403373) | (2556108) | (1187725) |
| Ҳиссаи истеҳлокнашудаи ҳаққи комиссия | (9537) | (10825) | (16708) | - | (21174) |
| **Ҳамагӣ** | **9370565** | **10785615** | **9408683** | **10253563** | **10027216** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ШСХК «Барқи Тоҷик»**

Дар соли 2020 сармояи саҳомии ШСХК «Барқи Тоҷик» ба андозаи 5,088 млрд. сомонӣ зиёд шуд: 4,99 млрд. сомонӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 571 аз 28 октябри соли 2020 оид ба пӯшонидани қарздории ширкат ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи шартномаҳои қарзҳои дуюмдараҷа аз маблағҳои грантӣ ба ҳолати 1 апрели соли 2020 ташаккул ёфтааст ва 98,53 млн. сомонӣ - бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 679 аз 31 декабри соли 2020 дар натиҷаи ҳисобикунии байниҳамдигарии ширкат барои ҳаққи барқ дар назди НБО Сангтӯда-1 ва ухдадориҳои андозии НБО Сангтӯда-1 дар нази буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон [63].

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла соҳаи электроэнергетикаи он ба таъсири хавфҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ фарогир аст. Таҷрибаи амалкунии бозори фурӯши барқ нишон медиҳад, ки мушкилоти молиявии воқеӣ ва имконпазир дар қатори афзоиши сатҳи хавфҳои имконпазири ба муҳити сармоягузорӣ ва тиҷоратии дар мамлакат хосбуда метавонанд ба вазъи иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла ба муҳити сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ дар бозори мазкур таъсири манфӣ расонанд.

Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун солҳои пеш зуд-зуд тағйир меёбад. Ҳоло ҳам эҳтимолияти ба таври гуногун тафсир намудани муқаррароти қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи

андозбандӣ, гумрук, танзими асъор, инчунин дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва андозӣ, ки субъектҳои бозори фурӯши барқ бо онҳо дучор мешаванд, мавҷуд аст. Самти ояндаи рушди бозори фурӯши барқ дар мамлакат бештар аз тадбирҳои давлатии сиёсати иқтисодӣ, андозбандӣ ва пулию қарзӣ, инчунин дигаршавиҳои пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар муҳити тиҷоратӣ вобаста мебошад.

Ислоҳоти имконпазири сиёсати муқаррар намудани тарифҳои барқ, пӯшонидани қарздориҳои корхонаҳои давлатӣ, таҷдиди сохтори фаъолияти бозори яклухти нерӯи барқ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳо ба хотири ҳавасмандсозии рақобат дар дохили бозори яклухт, метавонанд ба фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таъсири муҳим расонанд.

## 2.3. Имконияти ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои минтақавии фурӯши барқ

Имрӯз бунёди бозорҳои минтақавӣ ва зерминтақавии фурӯши барқ дар аксар минтақаҳои ҷаҳон масъалаи мубрам буда, ҳукуматҳои мамлакатҳо барои ҳамгирошавии низомҳои электроэнергетикии худ талош мекунанд. Ҳоло дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои минтақавии электроэнергетикӣ амал мекунанд, чун: дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ – Шурои электроэнергетикии ИДМ: дар Аврупо – Бозори Ягонаи Аврупоии электроэнергетика (бо иқтидори муқарраршудаи 1000 ГВт); дар Америкаи Шимолӣ – бозори PJM, ки фурӯши барқро ба зиёда аз 65 млн. истеъмолкунанда дар ИМА ба роҳ мондааст; дар Америкаи Марказӣ – SIEPAC (Central American Electrical Interconnection System), ки низомҳои электроэнергетикии тамоми минтақаро муттаҳид мекунад; дар Америкаи Ҷанубӣ – Garabi, ки низомҳои электроэнергетикии Аргентина ва Бразилияро муттаҳид мекунад; дар Шарқи Наздик – GCC (Gulf Cooperation Council – Шурои ҳамкории халиҷ), ки низомҳои электроэнергетикии мамлакатҳои Халиҷи Форс - Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Баҳрайн, Қатар, Қувайт ва Омонро муттаҳид мекунад ва дигарҳо.

Барои пурратар тавсиф додани масъалаи муҳокимашаванда интишороти олимон аз мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия чун Б.Ҳ. Асоев [7], Б.И. Баетов [17], Ф.Ҷ. Бобоев [22], Е.Ю. Винокуров [25], Е.Д. Волкова [31], Ҳ.Р. Исайнов [50; 51; 52; 53], В.М. Касимова [54], Б.Н. Мубаракшин [86], Л.М. Муталиева [87], Х.А. Одинаев [90], Г.Н. Петров [93; 94], С.В. Подковальников [99], Г. Рахматулина [102] ва дигарон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Афзалияти асосии ҳамгирошавии низомҳо ва бозорҳои минтақавии фурӯши барқ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки маҳз сатҳи рушди соҳаҳои энергетикӣ ва рушди технологии онҳо иқтидори рушди саноатии мамлакатҳои алоҳидаи минтақаҳоро муайян мекунанд, «сифати ҳамкории мутақобилаи фаромарзӣ дар бахши энергетикӣ амнияти энергетикӣ, таъмини беисти нерӯи барқ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва соҳаҳои саноатро муайян мекунад, ва муҳимтар аз ҳама, ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика робитаи бузургтарини ҳамгироии мамлакатҳоро муайян намуда, рушди иқтисодиро ҳавасманд мекунад ва барои навсозии саноат, рақамикунонӣ ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии энергетикии иқтисодиёти мамлакатҳои иттиҳод замина фароҳам меорад» [84, с. 221]. Дар ин маврид сатҳи рушди иқтисодии мамлакатҳои алоҳидаи минтақа омили муайянкунанда нест, баръакс, «рушди бозорҳои умумии фурӯши барқ ҳамчун воситаи пурқуввати рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ баррасӣ мешавад» [25, с. 54].

Ба ақидаи С.В. Подковалников, ҳамгироии бозорҳои фурӯши барқ чунин самара медиҳад [99, с. 82]:

- кам кардани талабот ба насби иқтидорҳои истеҳсолкунандаи барқ аз ҳисоби вақтҳои гуногуни сарбориҳои баландтарин (ҳам ҳаррӯза ва ҳам солона) дар мамлакатҳо ва минтақаҳои гуногун;

- кам кардани хароҷоти сӯзишворӣ бо роҳи беҳгардонии боркунии таҷҳизоти барқӣ дар доираи тамоми низоми электроэнергетикии ҳамгирошуда;

- баланд бардоштани эътимоднокии низомҳои электроэнергетикии ҳамгирошуда аз ҳисоби беҳтар намудани шароити ивазкуниҳои ҳамдигарӣ;

- густариши имконияти ба тавозунҳои электроэнергетикии мамлакатҳои гуногун ҷалб намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия;

- васеъ гардонидани бозорҳои фурӯши барқ ва таҳкими тиҷорати нерӯи барқ дар байни мамлакатҳо ва гирифтани даромад аз фурӯши он;

- имконияти сохтмони нерӯгоҳҳои барқии нисбатан пуриқтидор ва дорои агрегатҳои бузургтар, ки сарфи назар аз тамоюли имрӯз вусъатёфтаи истеҳсоли барқ дар нерӯгоҳҳои хурд, чун пешин аҳамияти худро нигоҳ медоранд;

- самараи экологӣ, иҷтимоӣ ва ғ.

Вазъият вобаста ба ҳамгироии бозорҳои фурӯши барқ дар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз бисёр ҷиҳат тафовут дорад. Бар хилофи дигар минтақаҳое, ки барои барпо намудани бозорҳои ҳамгирои фурӯши барқ саъй мекунанд, дар Иттиҳоди Шуравӣ низоми ягонаи дар асоси муносибатҳои маъмурӣ амалкунанда аллакай вуҷуд дошт. Имрӯз мамлакатҳои ИДМ аз Иттиҳоди Шуравӣ ҳам стандартҳои ягонаи техникӣ ва ҳам иқтидорҳои фаромарзии интиқоли нерӯи барқро ба мерос гирифтаанд. Акнун, дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки тамоми мамлакатҳои он (ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон) аъзои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ буданд, имконияти барқарор намудани бозори умумӣ (минтақавӣ)-и фурӯши барқ, ки мутобиқ ба шароити нави иқтисодӣ бошад, баррасӣ мешавад.

Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон низоми муттаҳидаи минтақавии электроэнергетикӣ амал мекард, ки бо низоми электроэнергетикии ягонаи Иттиҳоди Шуравӣ пайваст буда, ҳамзамон дар тамоми фаслҳои сол талаботи аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодии тамоми ҷумҳуриҳои минтақаро бо барқ таъмин мекард. Мутахассисони он замон ҳангоми бунёд намудани низоми муттаҳидаи электроэнергетикии Осиёи Марказӣ манфиатҳои ҷумҳуриҳои алоҳидаи минтақаро ба инобат нагирифта, ба ҷиҳати даромаднокии нерӯгоҳҳо такя менамуданд. Дар низоми электроэнергетикии амалкунанда тавозуни истеъмоли нерӯи барқ, сӯзишвории карбогидридӣ ва об барои обёрии кишоварзӣ қатъиян риоя мегардид. Дар мавсимҳое, ки обанборҳои нерӯгоҳҳои барқии обӣ пур буданд (моҳҳои май-

сентябр), ҷумҳуриҳои дар минтақаи саргаҳи об ҷойгиршуда - Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳам сарбории пурраи нерӯгоҳҳоро таъмин намуда, ҳам оби зиёдатиро аз обанборҳои НБО Норак, Қайроққум ва Токтогул ба мамлакатҳои дар поёноб ҷойгиршуда – Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркменистон сар медоданд, ки ин соҳаи кишоварзии мамлакатҳои поёнобро бо об таъмин мекард. Дар мавсимҳои камоб (моҳҳои октябр-апрел) ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркменистон ба ҷумҳуриҳои саргаҳи об - Тоҷикистон ва Қирғизистон нефт, гази табиӣ ва ҳам нерӯи барқи дар нерӯгоҳҳои бо сӯзишворӣ коркунандаи худ истеҳсолшударо таҳвил медоданд. Бо ҳамин дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон марказҳои барқу гармидиҳӣ ҳамеша бо сӯзишворӣ (гази табиӣ, мазут) таъмин буданд.

Бояд зикр кард, ки низоми электроэнергетикии Осиёи Марказӣ бо низоми электроэнергетикии ягонаи Иттиҳоди Шуравӣ пайваст буд, вале он чун низоми алоҳидаи минтақавӣ фаъолият мекард. Бинобар ин, дар он замон низоми мазкур чун ҳалқаи электроэнергетикии Осиёи Марказӣ низ номбар мешуд. Мутобиқи лоиҳаи низоми электроэнергетикии Осиёи Марказӣ захираҳои энергетикии тамоми минтақа метавонистанд бо дараҷаи баланди самаранокӣ истифода шаванд, 70%-и барқ аз ҳисоби нерӯгоҳҳои бо сӯзишвории карбогидридӣ коркунандаи Ӯзбекистон ва Туркменистон, 30% аз ҳисоби нерӯгоҳҳои обии Тоҷикистон ва Қирғизистон истеҳсол мешуд. Ҳамин тавр, дар минтақа низоми электроэнергетикии ҳамгирои Осиёи Марказӣ бо маркази идоракунию танзимгарии дар шаҳри Тошкент қарордошта фаъолият намуда, таъмини басанда ва боэътимоди тамоми минтақаро бо нерӯи барқ роҳандозӣ мекард.

Ба ҳолати аввали солҳои 1990 дар Иттиҳоди Шуравӣ электроэнергетика яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёт буд, ки таҳвили боэътимоди нерӯи баркро ба соҳаҳои саноат, нақлиёти барқӣ, кишоварзӣ, аҳолӣ ва ҳам содирот таъмин мекард. Дар он замон барои пӯшонидани талаботи мунтазам ва тибқи нақша афзуншавандаи иқтисодиёт бо нерӯи барқ дар Иттиҳоди Шуравӣ истеҳсоли барқ ба 1725,5ТВт-соат дар як сол (соли 1990) расида буд ва иқтидори насбшудаи нерӯгоҳҳои барқӣ 344 ГВт-ро ташкил медод. Иқтидори насбшудаи нерӯгоҳҳои

барқии низоми ягонаи электроэнерегетикии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1990 андозаи 288,6 ГВт ва истеҳсоли нерӯи барқ – 1528,7 ТВт-соатро дар сол ташкил медод. Нерӯи барқ ба Финляндия, Норвегия, Туркия, Афғонистон ва Муғулистон низ фурӯхта мешуд [29, с. 29].

Аммо бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 низоми ягонаи электроэнергетикии Иттиҳоди Шуравӣ ва низоми муттаҳидаи электроэнергетикии минтақавии Осиёи Марказӣ ботадриҷ вайрон шуданд. Дар солҳои 1990-2000 ҳар як ҷумҳурии акнун соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ ба роҳандозӣ намудани сиёсати энергетикии худӣ, ки бештар хосияти ҷудоихоҳона дошт, шуруъ намуданд. Акнун ба ҳолати соли 2003 Туркменистон аз ҳалқаи электроэнергетикии Осиёи Марказӣ баромада, соҳаи электроэнергетикаи худро бо сохтани якчанд нерӯгоҳҳои бо табиӣ коркунанда рушд дод. Зимистони мавсими солҳои 2008-2009 ниҳоят сард омад ва дар баробари Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар тамоми мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳолатҳои зиёди қатъ кардани барқ мушоҳида мешуд. Маҳз дар соли 2009 Ӯзбекистон, ки дар низоми электроэнергетикии Осиёи Марказӣ нақши калидиро дошт, ҳиссаи асосии нерӯи барқро, ки пештар ба содирот ба мамлакатҳои ҳамсоя бароварда мешуд, ба бозори дохилии худ равона кард ва ин амалро дар солҳои минбаъда низ идома дод. Дар натиҷа, тавре аксари коршиносон тасдиқ мекунанд, ин амалҳо ба сукути низоми электроэнергетикии Осиёи Марказӣ оварда расониданд. Дар ин маврид, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо дигар мамлакатҳои минтақа танҳо тавассути хатҳои интиқоли барқи аз қаламрави Ӯзбекистон гузаранда пайваст буд, пурра аз низом канда шуд. Ҳамин тавр, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои аввали пас аз бухрони электроэнергетикии соли 2009 ниҳоят душвор буданд. Аммо дар ниҳоят мамлакат бо бунёди нерӯгоҳҳои иловагии бо ангишт коркунанда (МБГ Душанбе-2) ва рушди электроэнергетикаи обӣ аз бухрон баромад.

Акнун ҳалқаи электроэнергетикии Осиёи Марказӣ расман вайрон шуда буд, вале хатҳои интиқоли барқ ва инфрасохтори он аз нигоҳи техникӣ вуҷуд доштанд. Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар шакли сеҷониба ҳамкориҳоро дар самти таҳвили барқ идома медоданд, вале на бо он

ҳаҷмҳои пешин. Бо муътадил гардидани сиёсати байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2016 тавассути хатҳои интиқол ва инфрасохтори электроэнергетикии мавҷуда байни ин ду мамлакат аллакай робитаҳои иқтисодӣ ҷиҳати додугирифти неруи барқ сурат мегирад.

Дар моҳи январи соли 2022 дар минтақа садамаи калони барқӣ рух дод, ки ҳамзамон ба низомҳои электроэнергетикии Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон таъсири манфӣ расонид, вале ба низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл накард. Сабабҳои садамаи мазкур норавшан монданд, вале ба гуфти коршиносон онҳо хосияти техникӣ доштанд. Коршиносон сабаби асосии садамаро бо фарсудашавии техникии иншооти интиқол ва танзимгарии барқ алоқаманд менамоянд. Низоми электроэнергетикии аз ҷиҳати техникӣ фарсудашуда, набудани ҳамоҳангсозии оқилонаи ҷараёнҳои байниҳамдигарии барқ дар Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон сабабҳои асосии садамаи мазкур ҳисобида мешаванд.

Тавре муаллифон Е.Д. Волкова, А.А. Захаров, С.В. Подковалников ва дигарон дар мақолаи худ бо номи «Кооператсияи электроэнергетикӣ дар фазои пасошуравӣ» қайд мекунанд, «Гарчанде тамомияти технологии низоми ягонаи энергетикӣ дар фазои пасошуравӣ нисбатан зуд барқарор шуда бошад ҳам, низоми ягонаи электроэнергетикӣ аз ҷиҳати ҳудудӣ-ташкилӣ ба қисмҳои алоҳидаи ба давлатҳои гуногун тааллуқдошта тақсим гардид ва низомҳои миллии электроэнергетикии алоҳидаро ташаккул дод. Паст шудани сатҳи ҳамгироии низомҳои электроэнергетикии нави миллӣ ба паст шудани самари якҷояи онҳо боис шуд, гарчанде ҳамкории нисбатан зичтари мамлакатҳои собиқ шуравӣ метавонист самари возеҳи ҳамгироиро барои тамоми иштирокчиён таъмин намояд» [29, с. 27].

Бо вуҷуди самари возеҳи ҳамгироӣ дар раванди таъсиси низомҳои электроэнергетикии байнидавлатӣ мушкилоти муайяне дучор мешаванд, чун сатҳи аввалии пасти рушди низом, ки аз ҷумла барои минтақаи Осиёи Марказӣ хос аст, арзиши баланди низоми электроэнергетикии байнидавлатӣ, паст шудани сатҳи амнияти энергетикии мамлакатҳои содироткунандаи барқ дар минтақа,

вазъи сиёсии шиддатноки байни мамлакатҳои алоҳида (масалан, муносибати тезутунди Ҷумҳурии Қирғизистон бо дигар давлатҳои минтақа дар солҳои охир). Аммо, ин монеаҳо бо талошҳои байниҳамдигарии роҳбарияти мамлакатҳои минтақа ботадриҷ бартараф карда мешаванд.

Дар баробари ин, дар мавриди ноилгардӣ ба амнияти энергетикӣ мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти ҳамсони байниҳамдигарӣ дучор мешаванд, чун маҳалҳои кӯҳистон ва биёбон, ки метавонанд дастрасӣ ба захираҳои энергетикии минтақаро душвор кунанд, иқтидорҳои нокифоя ва инфрасохтори фарсудашуда, ки барои истеҳсол ва иститфодаи самараноки нерӯи барқ маҳдудият пеш меоранд. Мушкилоти умумии мамлакатҳои минтақа, таърихи ҳамкориҳои онҳо дар соҳаи энергетика ва хосиятҳои ба ҳамдигар монанди эҳтиёҷоти энергетикӣ заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақавиро дар бозори минтақавии фурӯши барқ бунёд менамоянд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ захираҳои бузурги энергетикии карбогидрид (нефт, гази табиӣ, ангишт) ва барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, бодӣ) мутамарказ буда, вале дар ҳудудҳои мамлакатҳои алоҳида нобаробар тақсим шудаанд (ҷадвали 2.7). Ҳамзамон ба Қазоқистон - 61,92%-и захираҳои карбогирид ва 61,51%-и захираҳои барқароршаванда рост меоянд. Ба дигар ҷумҳуриҳои минтақа захираҳои карбогидрид ва захираҳои барқароршавандаи энергия мувофиқан чунин рост меоянд: Ӯзбекистон –3,74% ва 6,7%, Тоҷикистон – 4,6% ва 18,91%, Туркманистон – 28,4% ва 5,69%, Қирғизистон – 1,34% ва 7,19%.

Тавре аз ҷадвал ба назар мерасад, дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Туркменистон захираҳои сӯзшвории карбогидрид, дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон захираҳои обӣ зиёданд. Гарчанде Тоҷикистон ва Қирғизистон миқдори ками захираҳои карбогидрид дошта бошанд ҳам (мувофиқан 4,6% ва 1,34%-и захираҳои минтақавӣ), конҳои онҳо дар маҳалҳои дурдасти дорои иқлими мураккаб ҷойгир мебошанд, аз ин ҷиҳат самаранокӣ ва рақобатпазирии онҳо нисбатан кам аст. Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар мавсими хунуки сол аз ҷиҳати захираҳои обии энергетикӣ танқисӣ мекашанд ва аз ин сабаб ҳоло бухрони амиқи энергетикиро аз сар мегузаронанд.

**Ҷадвали 2.7. – Захираҳои энергетикии мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ**

| Захира | Қазоқистон | | Ӯзбекистон | | Тоҷикистон | | Туркманистон | | Қирғизистон | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳаҷм | % | ҳаҷм | % | ҳаҷм | % | ҳаҷм | % | ҳаҷм | % | Ҳаҷм (%) |
| Нефт, млн. баррел | 30000 | 96,10 | 600 | 1,92 | 12 | 0,04 | 600 | 1,92 | 5 | 0,02 | 31217 |
| Гази табиӣ, млрд. $м^3$ | 2700 | 11,53 | 1200 | 5,13 | 5,66 | 0,02 | 19500 | 83,29 | 6 | 0,03 | 23412 |
| Ангишт, млрд. тонн | 25,6 | 78,12 | 1,37 | 4,18 | 4,5 | 13,73 | - | - | 1,3 | 3,97 | 32,77 |
| **Ҳамагӣ захираҳои карбогидрид** | **-** | **61,92** | **-** | **3,74** | **-** | **4,60** | **-** | **28,40** | **-** | **1,34** | **100%** |
| Обии энергетикӣ, ТВт-соат/сол | 199 | 19,87 | 88,5 | 8,84 | 527 | 52,62 | 24 | 2,4 | 163 | 16,27 | 1002 |
| Офтоб, ГВт | 3760 | 68,74 | 593 | 10,84 | 195 | 3,56 | 655 | 11,97 | 267 | 4,89 | 5470 |
| Бод, ГВт | 354 | 95,91 | 1,6 | 0,43 | 2 | 0,54 | 10 | 2,71 | 1,5 | 0,41 | 369 |
| **Ҳамагӣ захираҳои барқароршаванда, %** | **-** | **61,51** | **-** | **6,70** | **-** | **18,91** | **-** | **5,69** | **-** | **7,19** | **100%** |
| **Ҳамагӣ захираҳои энергетикӣ, %** | **-** | **61,71** | **-** | **5,22** | **-** | **11,76** | **-** | **17,05** | **-** | **4,26** | **100%** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [98]

Бо назардошти маълумоти баррасишуда ва аз нигоҳи тақсимоти захираҳои обии электроэнергетикӣ мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд:

1) мамлакатҳои дорои захираи нокифояи обӣ – Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркменистон, ки ба истифодаи ҷараёнҳои дарёҳо барои обёрии заминҳои кишоварзӣ манфиат доранд. Мамлакатҳои гурӯҳи мазкур ният доранд, ки дар баробари истифодаи нерӯгоҳҳои бо нефт, гази табиӣ ва ангишт коркунанда бозори фурӯши барқи худро аз ҳисоби сохтани нерӯгоҳҳои атомӣ ва манбаъҳои барқароршавандаи офтобӣ ва бодӣ рушд диҳанд;

2) мамлакатҳои дорои захираҳои обии энергетикии муҳим – Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки бештар ба истифодаи ҷараёни дарёҳо барои истеҳсоли нерӯи барқ ҳавасманд мебошанд [133].

Акнун, пас аз вайрон шудани низоми муттаҳидаи электроэнергетикии Осиёи Марказӣ мамлакатҳои поёноб гази табиӣ ва нерӯи баркро ба мамлакатҳои ҳамсоя бо нархи бозорӣ фурӯхта, фурӯши баркро бо мафқуфгузории пардохт қатъ карданд. Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон бо мушкилоти норасоии барқ дар фаслҳои сармо гирифтор шуданд.

Шароити бамиёномада Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистонро водор намуд, ки масъалаҳои амнияти энергетикии худро бо истифодаи ҳамешагии нерӯгоҳҳои обӣ дар тамоми сол ва сохтмони иншооти нави обии барқӣ ҳал кунанд. Ҳамин тавр, масъалаи барқарор намудани сохтмони НБО Роғун, сохтмони НБО Даштиҷум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва НБО Камбарата-1, Камбарата 2 дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба миён омад. Оғози бунёди НБО-ҳои мазкур он замон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон боиси нигарониҳо шуданд, чунки тавре роҳбарияти онвақтаи давлати ҳамсоя фикр дошт, танзими иловагии ҷараёни дарёҳои Вахш (Тоҷикистон) ва Нарин (Қирғизистон), берун аз обанборҳои мавҷуда метавонад ба давлатҳои саргаҳ – Тоҷикистон ва Қирғизистон имкони иловагии назорати резиши оби дарёҳоро пешкаш намояд. Ҳамин тавр, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳарчи бештар гусастани робитаҳои энергетикӣ ва афзун шудани зиддиятҳои вобаста бо истифодаи об бо даъвоҳои ҳамдигарии мамлакатҳо мушоҳида мешуд. Оид ба ҳалли

масъалаҳои идоракунии оби дарёҳои фаромарзии ҳавзаи Арал бо роҳи таъсиси мақомоти ҳамоҳангсоз кӯшишҳо карда мешуданд, масалан, таъсиси Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсози хоҷагии об (соли 1992). Вале фаъолияти комиссияи мазкур то ҳанӯз бо далели ихтилофи назарҳо миёни мамлакатҳо дар мавриди истифодаи обанборҳои дорои аҳамияти байнидавлатӣ муассир нест.

Моҳи июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалӣ таҳти сарпарастии СММ «Об барои ҳаёт - 2005-2015» баргузор гардид. Дар он ҳудуди 1500 сиёсатмадор ва коршиносон аз 100 мамлакати ҷаҳон ширкат доштанд. Декларатсияи оби Душанбе кабул шуд, аммо мушкилот ва ихтилоф дар соҳаи истифодаи об ва барқ ҳалношуда монданд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ мушкилоти асосии ҳалнашаванда муттасил ба мувофиқа наомадани тарафҳо ҷиҳати реҷаи истифодаи обҳои фаромарзӣ барои истеҳсоли барқ ва обёрӣ мебошад.

Бо вуҷуди мураккабӣ ва гуногунҷанбавии мушкилоти истифодаи захираҳои обии энергетикии дарёҳои фаромарзӣ, дар сурати таъмини муносибати ҳамаҷониба ба он ҳанӯз ҳам ҳалли дурусти онҳо мумкин аст. Масъалаҳои истифодаи оқилонаи об ҳалли худро талаб менамоянд, чун: ба ҷои обёрии саросарӣ истифодаи обёрии қатравӣ, дар саноат ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи истифодаи об, кам кардани фасод дар сохтмони иншооти барқии обӣ. Дар ин маврид таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба қабули қарорҳои водоркунанда дар сатҳи байнидавлатӣ, аз ҷумла бо истифода аз иқтидори ташкилотҳои байналмилалие, ки ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аъзои онҳо мебошанд (масалан, Созмони Ҳамкории Шанхай), равона карда шавад.

Ҳамин тавр, дараҷаи гуногуни таъмини мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо захираҳои нерӯи барқ (сӯзишвории гидрокарбонатӣ ва захираҳои обӣ), ҳамчунин ҳамдигарро пурра кардани низомҳои электроэнергетикии миллӣ ва ҷойгиршавии якҷояи ҳудудӣ ҳамкориҳо ва ҳамгироиро дар соҳаи истеҳсол, тақсимот (фурӯш) ва истеъмоли захираҳои барқии мазкур бо ҳам ва бо мамлакатҳои минтақаҳои дигар пешбинӣ менамояд.

Барои амалӣ намудани ин гуна ҳамгироӣ баррасӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳои илмӣ-методӣ ва ташкилӣ зарур аст. Чуноне Е.Д. Волкова таъкид

мекунад, «пеш аз ҳама бояд нишон дод, ки самари имконпазири низом ба чӣ андоза баланд буда метавонад ва мувофиқан самаранокии иштирок дар ҳамгироии электроэнергетикӣ ва бозори умумии нерӯи барқ барои ҳамаи иштирокчиён – мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳисоб карда мешавад» [30, с. 98]. Бинобар ин, масъалаи муайян кардани самари имконпазири бозори минтақавии фурӯши барқ, ки тавонад дар мавриди ҳамгироии нисбатан зичи бозорҳои миллии фурӯши барқ айни замон ва дар оянда ба даст оварда шавад, ҳалли авалиндараҷаро талаб мекунад. Масъалаи мазкур маҷмуи якчанд зермасъалаҳоро дар бар мегирад, чун:

- таҳлили вазъи муосир ва дурнамои рушди бозорҳои миллии фурӯши барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ;
- таҳлили мубоилаи ҷараёнҳои обӣ дар байни мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ;
- ҷамъбасткунӣ ва банизомдарории арзёбиҳои самари низом, ки дар рафти ҳамкории имрӯзаи бозорҳои фурӯши барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити Иттиҳоди Шуравӣ ҷой дошт;
- ҷамъбасткунӣ ва таҳлили самари низом, ки дар рафти ҳамкории имрӯзаи бозорҳои миллии фурӯши барқи мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ карда мешуд;
- арзёбии самари имконпазир, ки айни замон ва дар дурнамои то соли 2030 ҳангоми ҳамгироии бозорҳои миллии фурӯши барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба даст омада метавонад.

Мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ заминаҳои заруриро барои таҳкими ҳамгироӣ дар бозори фурӯши барқ ва минбаъд ташаккул додани бозори умумии фурӯши барқ доранд, ки ин метавонад омили муҳими рушди устувори иқтисодиёти ин мамлакатҳо гардад. Ҳамин тавр, ба ақидаи Г. Рахматулина – мудири шуъбаи таҳқиқоти иқтисодии Институти таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон «ҳадафи асосии таҳкими робитаҳои ҳамгироёнаи давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд ташаккули фазои иқтисодии ягона гардад, ки унсури муҳими он бозори умумии нерӯи барқи онҳо мебошад. Бунёди он нигоҳдорӣ ва рушди робитаҳои хоҷагии барои ҳамаи давлатҳои минтақа манфиатнокро дар соҳаи

энергетика, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо захираҳои сӯзишворию энергетикии арзон ва васеъ намудани таҳвили барқ ба мамлакатҳои сеюм пешбинӣ менамояд» [102, с. 9].

Тибқи маълумоти СММ, бо сабаби ба мувофиқа нарасидани қарорҳо дар соҳаи ҳамоҳангсозии мушкилоти бо об алоқаманд мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳамасола наздики 1,75 млрд. доллари ИМА талаф менамоянд. Истифодаи оқилона ва мутақобилан судманди захираҳои обию энергетикии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла рушди робитаҳои инфрасохторӣ дар сурати мавҷуд будани стратегияи мувофиқашудаи обию энергетикӣ имконпазир аст. Илова бар ин, «бояд механизми нави иқтисодии истифодаи якҷояи захираҳои обию энергетикӣ таҳия карда шавад. Умуман, дар масъалаи истифодаи якҷояи сарватҳои мазкур на эълон кардани мустақилият, балки таъмини амният, ки маҳз дар натиҷаи вобастагии байниҳамдигарии мамлакатҳо ба даст меояд, муҳимтар аст» [92, с. 60].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти танзими байнидавлатии чунин мушкилот таҷрибаи бой дорад: дар ин замина зиёда аз 50 созишномаи байнидавлатӣ мавҷуд аст. Масалан, ИМА ба Канада ҳаққи танзими ҷараёни дарёи Колумбия тавассути силсилаи обанбори Канадаро пардохт мекунад. Дар робита ба Осиёи Марказӣ низ метавон ҳисобкуниҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро барои муайян кардани арзиши ин гуна танзимкунӣ таҳия ва дар созишномаҳои байниҳукуматӣ зикр намуд. Мусаллам аст, ки дар чунин созишномаҳо бояд уҳдадорӣ оид ба хариди барқи дар НБО истеҳсолшуда, тартиби муайян кардани нарх ва дигар шартҳо пешбинӣ карда шаванд. Ҳамчунин барои таҳвили об барои обёрӣ дар фасли тобистон ба мамлакатҳои ниёздошта низ кафолатҳо муқаррар карда шаванд.

Дар ин маврид Федератсияи Россия низ метавонад дар ҳалли ин мушкилот иштирок кунад. Гузашта аз ин, барои Федератсияи Россия дар ин ҷо на танҳо манфиати иқтисодӣ мавҷуд аст. Барои он ҳам ҷанбаҳои экологӣ ва ҳам иҷтимоӣ муҳиманд. Вайрон шудани мувозинати экологӣ дар Осиёи Марказӣ бо сабаби хушк шудани баҳри Арал боиси зуҳуроти номатлуби иқлимӣ дар худи Россия мегардад. Илова бар ин, Россия ба субот дар минтақа манфиатдор аст, ба ягон ихтилоф, аз ҷумла дар заминаи захираҳои обию энергетикӣ зарурат надорад. Дар заминаи

таҳримҳои зидди Россия маҳсулоти кишоварзии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама Ҷумҳурии Тоҷикистон,  метавонанд дар Россия бозорҳои иловагӣ пайдо кунанд, гарчанде ин ба бозори дохилии мамлакат таъсири манфӣ ҳам мерасонад. Зикр бояд кард, ки дар натиҷаи зиёд шудани содироти сабзавот ва мева аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия (вобаста ба таҳримҳои зидди Россия) дар мавсими солҳои 2021-2022, 2022-2023 дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд шудани нархи маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи бесобиқа ба назар мерасад. Бар ивази таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия метавонад, масалан, камбуди барқро дар фасли зимистон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн намуда, онро тавассути низомҳои электроэнергетикии ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон таҳвил кунад.

Агентии ИМА оид ба Рушди Байналмилалӣ (USAID) низ ба имконияти ташкили бозори минтақавии нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Вобаста ба ин, USAID ба мамлакатҳои минтақа ёрии техникӣ расонида, барои рушди иқтидори электроэнергетикии онҳо лоиҳаи бозори минтақавии энергетикии Осиёи Марказӣ (CAREM)-ро роҳандозӣ намудааст. USAID дар доираи лоиҳаи CAREM бо ҳукуматҳои панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ, сарпарастон ва дигар шарикон оид ба омодасозии санадҳои техникӣ ва ниҳодҳои зарурӣ барои таъмини амалкунии бозори боэътимод ва устувори минтақавии нерӯи барқ ҳамкории зич дорад.

Амалишавии лоиҳаи CAREM имкон медиҳад, ки арзиши нерӯи барқ барои истеъмолкунандагон паст ва эътимоднокии таъмини барқ баланд бардошта шавад, ки ин ба рушди иқтисодии умумии минтақа ва ҳам мамлакатҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд. Бозори мазкур ба вусъатёбии аҳдҳои тиҷоратӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои электроэнергетикии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам мамлакатҳои наздики Осиёи Ҷанубӣ (Афғонистон ва Покистон) мусоидат мекунад. CAREM инчунин ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар гузариш ба иқтисоди сабз ва ба иқлим тобовар кӯмак намуда, ҳамзамон ба афзоиши тиҷорати барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои барқароршаванда, муқаррар

намудани арзиши одилонаи нерӯи барқ, муносибгардонии истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа мусоидат мекунад.

То имрӯз дар доираи лоиҳаи CAREM якчанд арзёбиҳои пешакӣ ва таҳқиқот барои таҳлили нафъҳои иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ аз амалкунии бозори минтақавии фурӯши барқ анҷом дода шудаанд. Натиҷаҳои арзёбиҳо ва таҳқиқоти мазкур барои мувофиқасозӣ ба шарикон ва ҳукуматҳои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод шудаанд.

Лоиҳаҳои бузурге, ки дар соҳаи энергетикаи обӣ тарҳрезӣ ва амалӣ мешаванд, масъалаи таъсиси бозори минтақавии фурӯши барқро дар Осиёи Марказӣ мубрам менамоянд. Дурнамо нишон медиҳад, ки дарояндаи наздик мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дорои нерӯи барқи барзиёд мешаванд ва метавонанд онро ба дигар мамлакатҳои ҳамсоя - Афғонистон ва Покистон фурӯшанд. Вале дар ин маврид ба онҳо хавфи пайдо шудани бархурди манфиатҳо ҷиҳати мубориза барои истеъмолкунанда таҳдид менамояд. Бинобар ин, ба хотири роҳ ндодан ба чунин бархурди манфиатҳо ва ба миён наомадани ҳолатҳои низоъ дар бозори минтақавии фурӯши барқ дар Осиёи Марказӣ зарур аст, ки дар минтақа лоиҳае ҳамсони биржаи скандинавиягии «Nord Pool» роҳандозӣ карда шавад. Фаъолияти биржаи мазкур метавонад ба фурӯши муфиди нерӯи барқи барзиёди дар мамлакатҳои алоҳидаи минтақа истеҳсолшуда мусоидат кунад.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон имрӯз ба таҳвили нерӯи барқ аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ниёз дорад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар минтақа бо рушди баланди иқтисодӣ фарқ мекунад, дар мамлакат шумораи зиёди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва саноатӣ амалӣ мешаванд. Иқтидорҳои нави саноатӣ ба нерӯи барқи иловагӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, ба хотири роҳ надодан ба нарасидани барқ, онро метавонад танҳо аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон харид кунад. Дар навбати худ, мубодилаи захираҳои энергетикӣ дар байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон имкон медиҳад, ки масъалаи нарасидани барқро дар мавсими сармо барои худ бартараф кунанд.

Хотиррасон мекунем, ки раванди таҳияи амсилаи нави электроэнергетикӣ вобаста ба барқарор кардани ҳалқаи барқии минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз соли 1991 оғоз гардида, худи амсила соли 1997 ба пуррагӣ ташакул ёфтааст. Он замон мувофиқи лоиҳа ба ҳайати он Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркменистон ва Қазоқистони Ҷанубӣ (қисми шимолии Қазоқистон ба шабакаҳои барқии Россия пайваст аст) дохил мешуданд. Вале дар он замон ҳукуматҳои мамлакатҳои минтақа ҷиҳати истифодаи низоми мазкур ба хулосаи ягона омада натавониста буданд ва тавре пештар қайд карда будем, дар соли 2003 Туркменистон ва дар соли 2009 Ӯзбекистон аз низоми минтақавии электроэнергетикӣ хориҷ шуда буданд. Ҷумҳурии Қазоқистон низ сиёсати таъмини алоҳидаи худро бо барқ пеш гирифт. Дар навбати худ ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ба амалисозии лоиҳаи CASA-1000 шуруъ намуданд.

Ба ақидаи мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ, «таҳлили нави амсиласозии низоми энергетикии Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки минтақа метавонад хароҷоти истифодабариро то ба 6,4 млрд. доллари ИМА дар мудати 10 соли минбаъда кам кунад. Ин метавонад дар ҳолате амалӣ шавад, ки танзимгарони низомҳои электроэнергетикии мамлакатҳои минтақа инфрасохтори ҳамгирои шабакаҳои интиқоли барқро босамар истифода баранд. Ҳоло масъалаи чӣ гуна ташкил намудани ҳамгироии низомҳои миллии электроэнергетикӣ ва гирифтани нафъи беҳтарин аз истифодаи ҳамоҳангсозишудаи онҳо баррасӣ мешаванд» [119].

Гарчанде шабакаҳои интиқоли барқ дар Осиёи Марказӣ аллакай бо ҳам пайваст мебошанд, мубодилаи нерӯи барқ дар байни мамлакатҳои минтақа то имрӯз амалӣ мешуд, вале он маҳдуд ва аз иқтидори мавҷудаи гузарониши шабакаҳо ба андозаи назаррас пасттар аст. Сабабҳои асосии ин ҳолат сатҳи пасти идоракунӣ ва мутобиқсозии шабакаи минтақавӣ, мавҷуд набудани ҳамоҳангсозии истеҳсоли барқ, тақсимоти сарфакоронаи сарборӣ ва банақшагирии он мебошанд. Омилҳои мазкур ба рушди бозори минтақавии фурӯши барқ ва таҳияи лоиҳаҳои нав оид ба бунёди иқтидорҳои азими истеҳсолкунандаи барқ дар минтақа мусоидат мекунанд.

Мавқеи стратегии минтақа ҳамчунин имкон медиҳад, ки он меҳвари тиҷорати нерӯи барқ дар байни Осиёи Шарқӣ ва Аврупо бошад. Ин махсусан бо ба ҳисоб

гирифтани мавҷудияти сарҳадҳои умумӣ бо мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ, ки талаботи онҳо ба нерӯи барқ зиёд аст, чун Афғонистон ва Покистон, ниҳоят масъалаи мубрам аст. Пешравӣ дар таҳияи лоиҳаи минтақавии CASA-1000 имконияттро барои тиҷорати нерӯи барқ дар байни минтақаҳо афзун менамояд. Хатҳои байнишабакавии интиқоли барқ барои таҳкими минбаъдаи бозори фурӯши барқ бо баромад аз ҳудудҳои минтақаҳо ба бозорҳои Хитой, Аврупо ва Шарқи Наздик замина муҳайё месозанд.

Бо ёрии амсилаи низоми минтақавии электроэнергетикӣ, ки бонки Ҷаҳонӣ барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо пайваст намудани ҷумҳуриҳои Афғонистон ва Покистон таҳия намудааст, нафъҳои иқтисодӣ аз густариши бозори фурӯши барқ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ карда шудаанд. Мувофиқи натиҷаҳои арзёбӣ дар давраи солҳои 2020-2030 нафъҳои иқтисодӣ (6,4 млрд. доллари ИМА) метавонанд аз ҳисоби беҳгардонии истифодаи иқтидори энергетикаи обӣ ва карбогидридӣ дар минтақа, банақшагирии якҷояи ҳаҷмҳои захираҳо, кам кардани талаботи қонеънагардида ба нерӯи барқ ва хароҷоти сӯзишворӣ тавассути гузариш аз технологияи истифодаи газ ба энергетикаи обӣ амалӣ шаванд. Бо амалӣ шудани лоиҳаи CASA-1000 нафъҳои иқтисодӣ метавонанд боз ба андозаи 2,6 млрд. доллари ИМА аз ҳисоби густариши фурӯши барқ ба Афғонистон ва Покистон зиёд шаванд.

# БОБИ 3. ДУРНАМОИ РУШДИ БОЗОРИ МИЛЛИИ ФУРӮШИ БАРҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Рушди бозори миллии фурӯши барқ дар робита бо манбаъҳои хурди тавлиди барқ

Интихоби самтҳои стратегии ислоҳоти низоми электроэнергетикӣ яке аз мушкилоти муҳимтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ҳалли муносиби он ба рушди тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсири мусбат мерасонад. Дар давоми солҳои охир дар доираҳои ҳукуматӣ ва илмӣ оид ба масъалаи пешомади соҳаи электроэнергетикаи миллӣ баҳсу мунозираҳои зиёд ба назар мерасанд, ки ин тасодуфӣ нест. Фаъолияти босамари иншооти барқӣ ва рушди босуботи бозори фурӯши барқ ҳамеша чун яке аз заминаҳо ва шароити муҳимтарини рушди умумии иқтисодиёти миллӣ ва ҳам соҳаҳои алоҳидаи он мебошад. Дар навбати худ, вазъи иқтисодиёти миллӣ ба вазъи дар бозори фурӯши барқ баамаломада таъсири баръакс мерасонад. Мушкилоти тезудундшудаи дар бозори фурӯши барқи мамлакат бамиёномада боис шуданд, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои интихоби самтҳои стратегии роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми электроэнергетикии мамлакат афзун шавад. Аммо, бо вуҷуди муҳокимаи васеи онҳо чӣ дар доираҳои илмӣ ва чӣ дар сохторҳои ҳукуматӣ вобаста ба зарурат ва ҳадафнокии таҷдиди сохтори бозори фурӯши барқ мавқеи ягона ташаккул наёфтааст. Масъалаи муайян кардани мавқеъ ва нақши мақомоти идоракунии давлатӣ дар раванди ислоҳоти бозори фурӯши барқ ва муқаррар кардани дараҷаи масъулияти онҳо ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Оид ба паёмадҳои имконпазири ислоҳоти соҳаи электроэнергетика дар минтақаҳои алоҳида низ ягонагии ақидаҳо ба назар намерасад. Бинобар ин, масъалаҳои вобаста ба таъмини аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ бо нерӯи барқ дар маҳалҳои гуногуни мамлакат, хусусан маҳалҳои кӯҳистон ҳамчун мушкилот боқӣ мемонанд.

Умуман дар бозори миллии фурӯши барқ душвориҳои зиёд мавҷуд буда, нарасидани нерӯи барқ дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба

назар мерасад. Чунин норасоии нерӯи барқ ва  ҷорӣ намудани маҳдудият барои истеъмоли он дар фаслҳои хунуки сол асосан аз камшавии сатҳи об дар обанбори НБО Норак, сатҳи пасти тарифҳои фурӯши барқ барои баъзе гурӯҳҳои истеъмолкунандагон, дараҷаи баланди талафот ҳангоми интиқол ва истеъмоли нерӯи барқ вобаста мебошад. Ҳамчунин яке аз омилҳои муҳими ба норасоии нерӯи барқ таъсиррасон ин истифода накардан аз захираҳои манбаъҳои дигар, аз ҷумла манбаъҳои хурди обии тавлиди нерӯи барқ мебошад. Маҳдудияти имконияти молиявии дохилӣ, дараҷаи баланди сармояталабии навсозӣ ва сохтмони НБО-ҳои бузург, таҳия, иткишоф ва истихроҷи гази табиӣ, ангишт, нефт, истеҳсоли намудҳои дигари нерӯ, сохтмони хатҳои нави интиқоли барқ, аз ҷумла барои содироти он дар фаслҳои гарми сол ва дигар омилҳо ба боқӣ мондани ҳолати норасоии нерӯи барқ таъсир мерасонанд.

Бешубҳа, имрӯз ва минбаъд низ манбаи бузургтарин барои рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои обӣ мебошанд. Арзиши аслии нисбатан пасти барқи бо истифодаи об истеҳсолшуда истифодаи манбаъҳои дигари тавлиди нерӯи барқро рақобатнопазир мекунад. Ҳамзамон, НБО-ҳои бузург ва истеҳсолкунандаи нерӯи барқи зиёд, ки дар дарёҳои калон сохта мешаванд ба муҳити экологии мамлакат таъсири номатлуб низ мерасонанд. Дар баробари ин, истифодаи нерӯи барқи дар НБО-ҳои бузург истеҳсолшаванда дар маҳалҳои дорои корхонаҳои бузурги саноатӣ афзалтар аст. Аммо, азбаски дарёҳои калон аз минтақаҳои кӯҳӣ ҷорӣ мешаванд, дар маҳалҳои атрофи онҳо сохтани иншооти калони саноатӣ ғайриимкон буда, интиқоли нерӯи барқ аз НБО-ҳои калон ба минтақаҳои саноатии мамлакат харҷи зиёди маблағро талаб мекунад.

Дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки ҳиссаи бештари ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, дарёҳои хурд зиёд мебошанд, ки истифодаи онҳо барои сохтмони НБО-ҳои калон ғайриимкон аст. Барои бо нерӯи барқ таъмин намудани аҳолӣ ва объектҳои иҷтимоию иқтисодии дар маҳалҳои наздики дарёҳои хурд ҷойгиршуда истифодаи НБОХ-и аз 10 то 1000 кВт-с мақбул аст, ки инро таҳлил ва арзёбии коршиносони соҳаи электроэнергетикаи ҷаҳонӣ тасдиқ намудааст. Вале дар дарёчаҳо ва шохобҳои дарёҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтани НБО-ҳо

бо иқтидори то 3000 кВт аз нигоҳи коршиносон самаранок арзёбӣ мешавад. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «энергетикаи обии хурд метавонад на танҳо бар илова ба энергетикаи обии калон бошад, инчунин мустақилона масъалаҳои таъминоти барқи ҳам истеъмолкунандагони алоҳида ва ҳам ноҳияҳо ва минтақаҳои бутунро ҳал кунад» [95, с. 180].

Энергетикаи обии хурд дар солҳои охир ҳамчун унсури муҳими низоми энергетикӣ дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон торафт рушд мекунад. Мувофиқи таъинот, реҷаи кор ва мавқеи худ дар тарҳи умумии бо нерӯи барқ таъмин кардани истеъмолкунандагон НБОХ ба намудҳои шабакавӣ ва худмухтор ҷудо мешаванд. Ҳангоми кор дар шабака, НБОХ ба ғайр аз истеҳсоли барқ инчунин вазифаи танзими шабонарӯзӣ ва ҳафтаинаро иҷро намуда, ҳангоми зарурат барои танзими басомади ҷараёни барқ низ истифода мешаванд.

Яке аз аломатҳои асосие, ки НБО бо он тасниф карда мешаванд, нишондиҳандаи иқтидори муқарраргардидаи онҳо мебошад. Аз рӯйи ин аломат НБО ба намудҳои калон, миёна, хурд, мини ва микро ҷудо мешаванд. Ҳудуди болоии иқтидори НБОХ дар мамлакатҳои гуногун тафовут дошта, аз сатҳи рушди соҳаи энергетика дар мамлакат, хусусиятҳои асоснокии лоиҳаҳои НБОХ, қонунгузорӣ, амалҳои иҷозатномадиҳӣ ва барномаҳои қабулшуда дар соҳаи электроэнергетика вобаста мебошад. Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои алоҳида дар сатҳи 1,-30 МВт қарор дорад.

Тавре дар Стратегияи рушди гидроэнергетикаи хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ чунин таснифи НБОХ аз рӯйи иқтидори муқарраршудаи онҳо мақбул аст [115]:

- НБО-и микро то 10 кВт;
- НБО-и мини аз 10 то 500 кВт;
- НБО-и хурд аз 500 кВт то 10 МВт.

Дар ноҳияҳо ва минтақаҳои кӯҳистони Ҷумхурии Тоҷикистон, дар доираи чорабиниҳои вобаста ба солҳои 2019-2021 – Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ иншооти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бунёд гардид. Кашидани хатҳои интиқоли барқ ба иншооти мазкур «бо назардошти афзоиши

мунтазами нархҳои масолеҳи сохтмонӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбат ба сохтмони НБОХ бо истифода аз иқтидори манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи дарёҳо ва рудҳои кӯҳӣ нафъовар нест. Масалан, дар мавриди нархҳои имрӯза сохтмони 1 км хатти ҳавоии интиқоли барқи 10/0,4 кВт дар кӯҳистон ба ҳисоби миёна арзиши 150 ҳазор сомониро ташкил медиҳад» [15, с. 100], ки ин маблағи ниҳоят калон аст.

Мувофиқи маълумот ва таҳқиқи гурӯҳҳои алоҳидаи коршиносон, рушди НБОХ барои бунёди зиёда аз 40 ҷойҳои кории нав ба ҳисоби ҳар як мегаватт нерӯи барқ имкон медиҳад. Вале, тавре мутахассисон иброз медоранд, «агар дар баробари рушди энергетикаи хурд, Тоҷикистон сиёсати рушди намудҳои истеҳсолоти меҳнатталаб ва сарфкунандаи сармояро пеш гирад, он гоҳ ин рақам метавонад то ба дараҷаи 80-100 ҷойҳои кории нав расад. Агар ҳар як оила дар деҳоти Тоҷикистон дар як рӯз бо нерӯи барқи иловагии то 1-2 кВт таъмин гардад, он гоҳ ин метавонад ба то 15-25% камшавии сатҳи камбизоатӣ оварад» [118, с. 26].

Афзоиши дараҷаи таъмини ғайримарказонаи нерӯи барқ барои якбора паст кардани сатҳи камбизоатӣ ниҳоят муҳим аст. Чунин афзоиш боиси хеле кам шудани хароҷоти истеъмоли ангишт, ҳезум, мазут ва дигар сузишвории маъданӣ шуда, ҳиссаи назарраси буҷетҳои оилавиро барои хариди озуқа, сару либос ва дигар ашёи лозимӣ сарфа мекунад. Беҳтар кардани таъмини нерӯи барқ барои беҳтар кардани ҳолати таъмини аҳолӣ бо оби нушокӣ, ҳолати беҳдошти санитарии аҳолӣ, коҳиши бемориҳои сироятӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ дар деҳот, вусъат додани соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдасти кӯҳистон заминаҳои зарурӣ ба миён меорад.

Дар мамлакат иқтидори аз ҷиҳати техникӣ имконпазири истифодаи захираҳои обӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ 202 млрд. кВт-соатро ташкил медиҳад, ки аз он 18 млрд. кВт-соат ба НБОХ рост меояд. Дар ҳудуди мамлакат 947 дарёҳо бо дарозии умумии 28000 км мавҷуд мебошанд. Рушди тавлиди нерӯи барқ тавассути нерӯгоҳҳои обии хурд ба ғайримарказонии низоми электроэнергетикӣ ва бозори фурӯши барқ мусоидат мекунад. Ғайримарказонии бозори фурӯши барқ имкон медиҳад, ки мушкилоти таъмини барқ ба аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва иншооти иҷтимоии маҳалҳои дурдаст ва кӯҳистон ҳалли худро ёбанд ва ҳамзамон

масъалаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба таври маҷмуӣ баррасӣ шаванд. Электроэнергетикаи дар асоси НБОХ фаъолияткунанда манбаи барқароршавандаи нерӯ буда, технологияи тавлиди барқ дар чунин нерӯгоҳҳо хуб коркард шудааст, ҳангоми истеҳсоли барқ олудашавии муҳит ба амал намеояд, истифодаи манбаи нерӯи барқ сода мебошад, дар раванди истифода партовҳо ҳосил намешаванд.

Бартариҳои НБОХ инҳо мебошанд: суст шудани таъсири тағйирёбии умумии иқлим ба муҳити атроф аз ҳисоби кам шудани партофти $CO_2$; технологияҳои босамар; майдонҳои камтарини зериобмонӣ ва сохтмон; рушди маҳалҳо ва минтақаҳо; мусоидат ба истифода ва хизматрасонии ҳавзаи дарё; бо барқ таъмин кардани маҳалҳои деҳот; муҳлати начандон калони бозгашти сармоя. Ҳангоми сохтмон ва истифодаи НБОХ ландшафти табиӣ нигоҳ дошта мешавад, фишор ба низоми экологӣ вуҷуд наорад. Афзалиятҳои НБОХ нисбат ба нерӯгоҳҳои бо сузишворӣ коркунанда ҳамчунин арзиши аслии пасти нерӯи барқ, каммасраф будани ивазкунии таҷҳизоти истеҳсолӣ, муҳлатҳои тӯлонии хизмати нерӯгоҳҳо (40-50 сол), истифодаи якҷояи захираҳои обӣ (барои тавлиди нерӯи барқ, таъмини оби нӯшокӣ, обёрӣ, ҳифзи обҳо, моҳипарварӣ) ба ҳисоб мераванд.

Миқёсҳо ва суръатҳои рушди тавлиди барқ дар нерӯгоҳҳои хурд аз мавҷудият ва дараҷаи коркарди технологияҳои мувофиқ ва дар ниҳоят – аз арзиши аслии барқи истеҳсолшаванда вобаста аст. Сарфи назар аз он ки нерӯи барқи дар нерӯгоҳҳои калон истеҳсолшаванда дар баъзе мамлакатҳо, махсусан дар мамлакатҳои рушдёфта яке аз арзонтаринҳо ба ҳисоб меравад, афзоиши энергетикаи обии калон ба назар намерасад, дар солҳои охир тамоюл ба пастшавии истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО-и калон мушоҳида мешавад, ки чунин сабабҳои воқеӣ дорад: зарурати ҷалби сармоягузориҳои зиёд ва дарозмуҳлат, масрафҳои зиёд барои чорабиниҳои ҷубронкунанда оид ба ҳифзи табиат ва дастгирии иҷтимоӣ, муҳлатҳои дарози сохтмон, ба пуррагӣ маҳв шудани иқтидори энергетикаи обии аз ҷиҳати техникӣ дастрас ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноккардашуда. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба он ки 93 ҳиссаи ҳудуди онро кӯҳистон ташкил медиҳад, арзиши аслии нерӯи барқи дар НБОХ истеҳсолшаванда нисбат ба нерӯи барқи дар НБО-и калон истеҳсолшаванда арзонтар аст.

Мутобиқи арзёбии мутахассисон, арзиши аслии аслии нерӯи барқ ҳангоми истифодаи муътадили низоми электроэнергетикӣ бо баҳисобгирии тамоми даври истеҳсол, интиқол ва тақсимот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 134,13 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки дар таркиби он 13,94 млн. доллар ба музди меҳнат, 40,35 млн. доллар – истеҳлок, 20,93 млн. доллар – сӯзишворӣ, 44,65 млн. доллар – нерӯи харидашаванда рост меояд. Дар ин маврид арзиши аслии воҳиди нерӯи барқ дар шароити миёнаи истеҳсолии тартиби 15 млрд. кВт-соат дар сол ба 0,9 сент/кВт-соат баробар аст. Агар унсурҳои воқеан ба арзиши аслии нерӯи барқ тааллуқнадошта, чун арзиши нерӯи харидашаванда ва масрафҳои сӯзишворӣ (бо назардошти якбора кам шудани истеҳсоли нерӯи барқ дар МБГ) ихтисор карда шаванд, пас арзиши аслии воқеии нерӯи барқ ба 68,5 млн. доллари ИМА ба ҳисоби воҳиди маҳсулот 0,46 сент/кВт-соатро ташкил медиҳад. Бе баҳисобгирии масрафҳои истеҳлок барои навкунии таҷҳизоти истеҳсолӣ, ки тақрибан 50%-и хароҷоти умумии истеҳлокро ташкил медиҳанд, арзиши нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 48,38 млн. доллари ИМА ё 0,32 сент/кВт-соат баробар аст [111]. Ин вазъ шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои даромаднокӣ дар бозори фурӯши барқ зиёданд. Вале имрӯз нархи нерӯи барқ дар мамлакат барои аҳолӣ тақрибан 2,6 сент ва барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ 6,0 сентро ташкил медиҳад [66].

Мушкилоти асосии сохтмони НБОХ арзиши аслии нисбатан баланди таҷҳизот ва корҳои сохтмонию васлкунӣ мебошад. Ба ҳисоби коршиносон «арзиши гидроагрегатҳои иқтидори аз 100 кВт боло вобаста аз қувваи ҷараёни об 200-400 доллари ИМА барои 1 кВт иқтидори насбшуда мебошад. Арзиши ниҳоии сохтмони НБОХ аз 100 то 400%-и арзиши таҷҳизотро вобаста аз намуди таҷҳизот ва микдори агрегатҳо дар нерӯгоҳ ташкил медиҳад» [39, с. 955].

Ба ақидаи муҳаққиқон Г.Н. Петров ва Х.М. Ахмедов, ҳисобкуниҳои самаранокии қиёсии НБОХ ва алтернативаи барои Тоҷикистон асосӣ – нерӯгоҳҳои дизелӣ, нишон медиҳанд, ки НБОХ дар мавриди ҳадди ниҳоии сармоягузории иҷозатдодашуда дар ҳаҷми 13375 доллари ИМА барои як киловатт иқтидори муқарраршуда аз ҷиҳати иқтисодӣ ба онҳо баробар мешаванд [96, с. 84].

Ба андешаи мо, аз нигоҳи маблағгузорӣ ва масрафҳо сохтмони он НБОХ самаранок ҳисобида мешавад, ки дар пояи иншооти гидротехникии аллакай мавҷудбуда сохта шаванд. Мавҷудияти инфрасохтор масрафҳоро ба қадри назаррас кам карда, раванди сохтмонро метезонад ва нафънокии онро низ баланд мекунад. Бинобар ин, қарор дар бораи ба кор андохтан ва барқарор кардани НБОХ-ҳои пештар сохташуда ва то ҳол аз фаъолият бозмонда аз ҷиҳати иқтисодӣ мақбул аст.

Дар самти истифодаи НБОХ ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот зиёданд. Яке аз муҳимтарини онҳо – истеҳсоли худии таҷҳизот ва агрегатҳо мебошад. Ҳоло таҷҳизот барои сохтмони НБОХ асосан аз Россия, Украина, ИМА, Австрия, Швейтсария, Франсия, Япония ва дигар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ оварда мешавад. Масъалаи ба роҳ мондани истеҳсоли худии таҷҳизот барои сохтмони НБОХ муҳим аст, ин арзиши ниҳоии маҳсулотро ба андозаи назаррас паст карда, нерӯи барқи дар НБОХ истеҳсолшавандаро барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ нисбатан дастрас мегардонад. Инчунин коршиносон зарурати стандартикунонии таҷҳизотро таъкид мекунанд, ки унсури иқтисодии ниҳоят муҳим ҳангоми истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ба ҳисоб меравад.

Барои истеҳсоли таҷҳизоти дар НБОХ насбшаванда дар мамлакат пойгоҳи илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ ҳам мавҷуд аст. Ҳанӯз соли 1992 бо назардошти он ки барномаи рушди манбаъҳои хурди обии нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони оммавии НБОХ-ро пешбинӣ мекунад, аз ҷониби Институти ТоҷикГИДЭП якҷоя бо институти «Гидропроект» (ш. Москва, Федратсияи Россия) ва Ассотсиатсияи «Стройнормирование» меъёрҳои минтақавию соҳавии «Муайян кардани арзиши сохтмон ва лоиҳакашии нерӯгоҳҳои барқии обии хурд барои ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон» коркард ва таҳия шуда буданд, ки дар онҳо ҳамаи хусусиятҳои хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Худи ҳамон сол якҷоя бо ВНИИОСП (Институти умумииттифоқии таҳқиқотию илмӣ, лоиҳакашию ҷустуҷӯӣ ва созандагию технологии асосҳо ва иншооти зеризаминӣ) ба номи Н.М. Герсевановаи шаҳри Москва ва Ассотсиатсияи «Стройнормирование» боз як дастаи меъёрҳои «Таҳқиқоти муҳандисии сохтмони нерӯгоҳҳои хурд дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон» таҳия карда шуд, ки барои ба таври назаррас тезонидан ва

камхарҷ гардонидани ҳамаи корҳои омодасозии бо таҳқиқоти муҳандисию геологӣ, муҳандисию геодезӣ ва муҳандисию гидрологӣ ҳангоми сохтмони НБОХ алоқаманд имкон медиҳанд. Он замон истеҳсоли худии таҷҳизот барои сохтмони НБОХ дар Заводи мошинасозии Чкаловски ҷамъияти саҳомии «Востокредмет» (ҳозира шаҳри Бӯстон, вилояти Суғд) ба роҳ монда шуда буд. Имрӯз метавон дар КВД «Коргоҳи мошинсозӣ», заводи «Тоҷикгидроагрегат» ва дигар корхонаҳои саноатии мамлакат истеҳсоли таҷҳизотро барои НБОХ ба роҳ монд.

Ҳоло дар бозори таҷҳизот барои НБОХ намунаҳои истеҳсоли мамлакатҳои хориҷии наздик ва дур пешниҳод гардидаанд. Дар мавриди азхудкунии истеҳсолоти худӣ пастшавии масрафҳои сохтмон ва насбкунии онҳо то ба 20-30% расида, дар баробари ин дастрасии онҳо барои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии маҳалҳои кӯҳистони мамлакат баланд мешавад [111].

Самти ояндадори истифодаи НБОХ-и иқтидорашон то 1000 кВт дар дарёҳои кӯҳӣ мебошад, ки он ҷо худи табиат ҷараёни обро муҳайё кардааст ва ин сарфи маблағ ва арзиши иншооти нерӯгоҳро то 2-3 маротиба кам мекунад. Дар ҷадвали 3.1 омилҳо ва бартариҳои НБОХ оварда шудаанд.

Бозори фурӯши барқ дар он шакле, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, бештар барои он корхонаҳои тақсимот ва фурӯши барқ пешбинӣ шудааст, ки нерӯи барқро тавассути шабакаҳои тақсимот ва интиқоли барқ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ мерасонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он фаъолият кардани истеҳсолкунандагони барқ - нерӯгоҳҳоро низ иҷозат медиҳад, вале нишондодҳои мушаххас вобаста ба онҳо нестанд, зеро дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ онҳо дар баробари таъминкунандагони кафолатдиҳанда, шабакаҳои фурӯши барқ ва шабакаҳои таъминкунандаи барқ ба гурӯҳи таҳвилкунандагон мансуб дониста мешаванд. НБОХ-ро асосан хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои саноатии начандон калон, инчунин аҳолии деҳот дар маҳалҳои дурдаст ва кӯҳистон истифода мебаранд.

**Ҷадвали 3.1. – Омилҳо ва бартариҳои нерӯгоҳҳои барқии обии хурд**

| Омилҳо | Бартариҳо |
|---|---|
| Иқтисодӣ | - арзиши аслии нерӯи барқи истеҳсолшаванда нисбат ба НБО-и калон 2-2,3 маротиба пасттар аст;<br>- сохтмони обанбор, сарбанд ва дигар иншооти техникӣ талаб карда намешавад, замини атроф зери об намемонад;<br>- заминҳои ҳосилхези атрофи иншооти техникӣ аз гардиши хоҷагӣ берун карда намешавад;<br>- наздик будани нерӯгоҳ ба истеъмолкунанда зарурати хатҳои интиқоли бисёрарзишро аз байн мебарад;<br>- имконияти барои сохтмон ҷалб намудани маблағҳо ва пасандозҳои аҳолӣ, соҳибкорони хурд ва миёна;<br>- мухлатҳои нисбатан кӯтоҳи оғози тавлиди нерӯи барқ. |
| Техникӣ ва технологӣ | -набудани зарурат барои истифодаи техникаи вазнин ва калонҳаҷм, сохтмони роҳҳо барои кашонидани техника, таҷҳизот ва мавод барои сохтмони сарбанд;<br>- содагии танзимкунии режимҳои истифодабарӣ;<br>- имконияти ҳангоми сохтмони нерӯгоҳҳои хурд истифода бурдани воситаҳои нақлиёти камиқтидор. |
| Экологӣ | - мавҷуд набудани мавзеъҳои зериобмонӣ ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, ҷангалҳо, наботот ва ҳайвоноти маҳал;<br>- нигоҳ доштани тавозуни экологӣ;<br>- нигоҳ доштани сифати оби барои обёрӣ ва эҳтиёҷоти коммуналӣ истифодашаванда. |
| Иҷтимоӣ | - бо нерӯи барқ таъмин кардани маҳалҳои дурдаст ва кӯҳистон;<br>- бунёди ҷойҳои кории нав ва ҷалби қувваи корӣ барои азхудкунии истеҳсолоти нав ва нисбатан самараноктар истифода бурдани истеҳсолоти амалкунанда;<br>- беҳшавии шароити иҷтимоию маишии аҳолии маҳал. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Бояд қайд кард, ки ба бозори миллии фурӯши барқ ворид шудани субъектҳое, ки нерӯи барқро бо истифодаи НБОХ истеҳсол мекунанд (субъектҳои хурд), барои НБО-ҳои калон ва дигар истеҳсолкунандагони барқ ягон мушкилоти рақибона пешниҳод намекунанд. Иқтидори воқеии амалишудаи истеҳсоли барқ талаботи аҳолӣ ва истеъмолкунандагони иҷтимоию иқтисодиро қонеъ карда наметавонанд. Инчунин аз сабабе, ки нархи нерӯи барқ дар мамлакат аз ҷониби давлат танзим мешавад, НБОХ дар ташаккули нархи рақибона низ саҳм гузошта наметавонанд. Бинобар ин, барои ташаккул ва фаъолияти субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ монеаҳои рақибона вуҷуд надоранд.

Субъектҳои бузурги бозори фурӯши барқ мақоми худро дар бозор аз даст намедиҳанд. Гарчанде онҳо як ҳиссаи истеъмолкунандагони худро аз даст диҳанд

ҳам, ин барои ба фурӯш нарафтани нерӯи барқи истеҳсолнамудаи онҳо ягон замина намегузорад, танҳо аз ин ҳисоб мушкилоти нарасидани барқ ба андозае сабуктар мешавад. Бо дар бозори фурӯши барқ пайдо шудани субъектҳои хурд, истеҳсолкунандагони бузурги нерӯи барқ ҳавасманд ва водор мешаванд, ки ҳарчи бештар технологияҳои каммасрафи истеҳсоли барқро ба кор баранд. Аз ҷониби дигар, истеҳсолкунандагони хурди нерӯи барқ «тавассути ба худ гирифтани хизматрасонии истеъмолкунандагон дар маҳалҳои аҳолинишини дурдаст ё ноҳияҳои навбунёди шаҳрҳои калон, қисман мушкилоти нарасидани нерӯи барқро ҳал мекунанд» [55, с. 147]. Истеҳсолкунандагони калони нерӯи барқ ба шаҳрҳо ва корхонаҳои саноатии бузург хизматрасонӣ карда, бо ба ҳисоб гирифтани вазъи иқтисодӣ дар мамлакат, барои рушди худ ҳавасманд мешаванд, аз ҳисоби дар шаҳрҳои калон пайдо шудани корхонаҳои саноатӣ ва иншооти иҷтимоии нав талабот ба нерӯи барқ меафзояд.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки рушди субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ ба гузариш аз технологияҳои мавҷудаи истеҳсол ва интиқоли барқ ба технологияҳои худкор ва идоракунӣ дар соҳаи электроэнергетика ва бунёди ҷойҳои кории нав дар маҳалҳои дур аз шаҳрҳо мусоидат мекунад.

Мушкилоти асосӣ барои ташаккул ва рушди фаъолияти субъектҳои хурди бозори фурӯши барқ, пеш аз ҳама масъалаи маблағгузорӣ мебошад. Тавре профессор С.Ҷ. Комилов қайд мекунад, «ба шакли модели рушди иқтисодӣ нигоҳ накарда, солҳои охир дар рушди бозори хизматҳои энергетикии мамлакат сармоягузорон бештар ба сармоягузории объектҳои бузург (НБО), ки муҳлати худхаридкунии сармояи онҳо нисбатан кӯтоҳ аст, майлу рағбат пайдо намуда истодаанд» [61, с. 15].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 795 дар мамлакат «Барномаи аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд барои солҳои 2016-2020» қабул гардид, ки барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, рушди минтақаҳои дурдаст ва баландкӯҳ, ҳавасмандсозии аҳолӣ барои зист дар ин минтақаҳо бо роҳи ташкил намудани низоми таъминот бо нерӯи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда,

ҳифзи экологияи ноҳияҳои баландкӯҳ, манъи буридани ҷангалзор ва буттазорҳо барои сӯзишворӣ, рушди сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии сайёҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардондани буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби рушди иқтисодии ин ноҳияҳо равона карда шудааст.

Дар доираи барномаи аз худ кардани манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ дар солҳои охир дар мамлакат сохтмон ва ба истифода додани НБОХ вусъат ёфт. Дар солҳои 2016-2020 аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» ва шарикони рушд дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ноҳияҳои тобеи марказ танҳо аз ҳисоби чорабиниҳои асосии дар доираи барнома иҷрошуда 9 адад НБОХ бо иқтидори 2260 кВт ба маблағи 127,9 млн. сомонӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз ҷумла чунин НБОХ ба кор дароварда шудаанд: Сипонҷ, Хатфаг дар водии бартанг, Савноб ва Техарв дар шохоби дарёи Ванҷ, Андароб дар ноҳияи Ишкошим, Помир-1 дар дарёи Ғунд, Тоҷикистон дар ноҳияи Мурғоб, Ҳазора дар дарёи Зиддеҳ ва дигарҳо.

Ҳамчунин, дар ин давра берун аз доираи чорабиниҳои барнома 9 адад НБОХ бо иқтидори 1685 кВт ва бо арзиши 31,7 млн. сомонӣ бунёд карда шуд. Ҳамзамон, дар доираи барнома, бо ҷалби шарикони рушд ва пажӯҳишгоҳҳои ватании лоиҳакашӣ асоснокии техникию иқтисодии 45 НБОХ таҳия гардида, ҳамкориҳо бо шарикони рушд ҷиҳати дарёфти манбаъҳои сармоягузорӣ оғоз гардиданд. Дар натиҷаи ба истифода додани НБОХ-ҳои мазкур, барои бо барқ таъмин намудани 2231 хоҷагӣ, 21 муассисаи таълимӣ, 15 бунгоҳи тиббӣ ва 93 иншооти гуногун шароит фароҳам омад. Вале, таҳқиқи фаъолияти якчанд НБОХ, ки мо дар минтақаҳои мухталифи мамлакат гузаронидем, самаранок набудани сохтмон ва истифодаи аксари онҳоро тасдиқ менамояд. Мо дар натиҷаи омӯзиш ошкор намудем, ки на ҳамаи НБОХ-и дар доираи барнома ва берун аз он сохташуда фаъолияти босамар мекунанд.

Ҳамин тавр, ҳоло дар мамлакат зиёда аз 285 НБОХ бо иқтидори аз 5-4300 кВт ба қайд гирифта шудаанд, ки 16 адади онҳо тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик», яъне давлатӣ мебошанд (ҷадвали 3.2).

**Ҷадвали 3.2. – Маълумот дар бораи НБОХ-и тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик»**

| НБОХ | Соли ба истифодадиҳӣ | Шумораи агрегатҳо ва иқтидори онҳо | Иқтидори муқарраршуда |
|---|---|---|---|
| Сангикар | 2011 | 2х503 кВт | 1006 кВт |
| Шашболой | 2010 | 1х183 кВт | 183 кВт |
| Фатҳобод | 2010 | 1х282 кВт | 282 кВт |
| Питавкул-1 | 1964 | 2х230 кВт | 460 кВт |
| Питавкул-2 | 2012 | 2х552 кВт | 1104 кВт |
| Тутак | 2013 | 1х586 кВт | 586 кВт |
| Хорма | 2011 | 1х180 кВт | 180 кВт |
| Ширкент | 2011 | 2х288 кВт | 576 кВт |
| Ҳазора-1 | 1999 | 1х250 кВт | 250 кВт |
| Ҳазора-2 | 2000 | 1х250 кВт | 250 кВт |
| Артуч | 2008 | 1х500 кВт | 500 кВт |
| Панҷруд | 2011 | 1х500 кВт | 500 кВт |
| Марзич | 2011 | 3х1433 кВт | 4299 кВт |
| Диҷик | 2011 | 1х260 к Вт | 260 кВт |
| Кӯҳистон-1 | 2012 | 1х500 кВт | 500 кВт |
| Кӯҳистон | 2012 | 1х500 кВт | 500 кВт |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [113]

Бо сабабҳои гуногун ҳиссаи бештари НБОХ-и бақайдгирифташуда фаъолият намекунанд. Ба ҳолати имрӯз 28 адад НБОХ фаъолияти босамар мекунанд, аз ҷумла 16 адади дар таҳти идораи ШСКХ «Барқи Тоҷик» ва 11 адади дар таҳти идораи ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» қарордошта [113; 114].

Ба андешаи мо сабабҳои асосии фаъолият накардани аксари НБОХ дар мамлакат сохтмони онҳо дар маҳалҳои ҷуғрофии номуносиб, ҷалб накардани коршиносони соҳаҳои дахлдор ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони онҳо, ба инобат нагирифтани тағйирёбии сатҳи оби дарёҳо дар фаслҳои сол (асосан паст будани сатҳи дарёҳои кӯҳӣ дар зимистон) мебошанд.

Дар аксар ҳолатҳо ҳангоми омода намудани лоиҳаи сохтмони НБОХ ҷиҳатҳои муҳим ба ҳисоб гирифта намешаванд, масалан, кӣ ва чӣ гуна минбаъд онҳоро истифода мебарад ва дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштани онҳоро назорат мекунад, хизматрасонии техникӣ ва таъмири онҳоро кӣ анҷом медиҳад, қисмҳои эҳтиётӣ аз кадом ҳисоб харида мешаванд ва дигарҳо. Ғайр аз ин, барои ба истифода

қабул кардани НБОХ-и сохташуда монеаҳо ва расмиёти ҳуққуқии зиёд пеш меоянд. Бештари НБОХ-и аз ҷониби шахсони алоҳида ва соҳибкорон сохташуда ба низоми ягонаи электроэнергетикии мамлакат пайваст нестанд, баъзеи онҳо ҳатто аз расмиёти бақайдгирӣ дар мақомоти давлатӣ нагузаштаанд. Дар паёмади ин, НБОХ баъди чанд муддати истифода аз фаъолият боз мемонанд.

Маҳз бо ҳамин сабабҳо дар соли 2021 нисбат ба соли пешин ҳаҷми истеҳсоли барқ аз ҳисоби манбаъҳои хурд дар субъектҳои истеҳсолкунандаи тобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» паст шудааст (ҷадвали 3.3).

**Ҷадвали 3.3. - Ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои ШСХК «Барқи Тоҷик», млн. кВт/соат**

| Истеҳсолкунанда | 2020 | 2021 | Тамоил (+, -) | |
|---|---|---|---|---|
| | | | млн. кВт/соат | % |
| НБО Норак | 9908,5 | 10308,9 | +400,4 | 4,04 |
| НБО Бойғозӣ | 1985,9 | 2127,3 | +141,4 | 7,12 |
| Силсилаи НБО-ҳои Вахш | 999,2 | 1135,5 | +136,3 | 13,64 |
| Силсилаи НБО-ҳои Варзоб | 57,1 | 63,6 | +6,5 | 11,38 |
| НБО Қайроққум | 635,9 | 627,4 | -8,5 | -1,34 |
| МБГ Душанбе | 293,0 | 329,7 | +36,7 | 12,52 |
| МБГ Душанбе-2 | 1363,5 | 1327,8 | -35,7 | -2,62 |
| НБОХ | 5,2 | 5,0 | -0,2 | -3,85 |
| Ҳамагӣ | 15248,3 | 15925,2 | +676,9 | +4,44 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [113]

Тибқи ҳисобкуниҳои мутахассисон, масрафҳои сохтмони НБОХ дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ – 3,5-5 сол худро мепӯшонанд. Мувофиқи дурнамо бо гузашти 3-4 сол арзиши нерӯи барқи дар манбаъҳои анъанавӣ тавлидшуда ба андозаи беш аз 2 маротиба зиёд мешавад, бинобар ин, пешомадҳои рушди НБОХ мусаллам мебошанд [39, с. 955]. Соҳаҳои истифодаи НБОХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунанд: нерӯгоҳҳои иқтидорашон 5-50 кВт метавонанд барои бо барқ таъмин намудани аҳолии деҳот, нерӯгоҳҳои дорои иқтидори нисбатан баландтар – барои таъмини корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ истифода шаванд.

Тибқи ҳисобкуниҳои коршиносон арзиши сохтмони НБО бо иқтидори то 10 МВт - 1100-1400 доллари ИМА, то 1 Мвт – 6800-8700 доллари ИМА барои тавлиди 1 кВт нерӯи барқро ташкил медиҳад. Ҳамин нишондиҳанда барои НБОХ бо иқтидори 1 Мвт – 0,5-2 миллион доллари ИМА мебошад. Фоидаи НБОХ бо иқтидори 1 Мвт 300 ҳазор доллари ИМА дар як сол, муҳлати пӯшонидани маблағгузориҳо 2-6 сол мебошад [27].

Ҳисоб кардани арзиши ниҳойии нерӯи барқи дар манбаъҳои хурд истеҳсолшаванда ниҳоят душвор аст, зеро он аз омилҳои зиёд вобаста мебошад, чун:

- макони сохтмон ва масрафҳои меҳнат барои сохтмон;
- шароити маблағгузорӣ;
- таъсиррасонӣ ба муҳити атроф ва шароити иҷтимоӣ;
- иқтидори турбина.

Бинобар ин, маблағҳои сармоягузорӣ низ вобаста аз дурдаст будани минтақаи сохтмон ва масрафҳои нақлиётии кашонидани таҷҳизот ва агрегатҳо, иқтидори турбинаҳо, мавҷудияти инфрасохтор тафовут мекунанд. Хароҷоти истифода ва хизматрасонии техникӣ низ масрафҳоро талаб мекунанд, вале онҳо чун масрафҳои нигоҳдории нерӯгоҳҳои калон зиёд нестанд. Маблағҳои мазкур бо ҳам қиёсшаванда нестанд. Маблағҳои солонаи хароҷоти истифодабарӣ 1,5% ва хароҷоти хизматрасонии техникӣ 2,5%-и арзиши маблағгузориҳои солонаро ташкил медиҳанд.

Ба итмом нарасидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими бозори фурӯши барқ дар мамлакат паёмадҳои зиёдро дар рушди низоми электроэнергетикаи миллӣ ба миён меорад. Мусаллам аст, ки бо таъсири пандемияи Ковид-19, инчунин тезутунд шудани вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои зиёди ҷаҳон (Россия, Украина, шарқи Наздик, Шарқи Дур, Афғонистон) дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла дар соҳаи электроэнергетика кам шудани маблағгузориҳо ба назар мерасанд. Маблағгузории якчанд лоиҳаҳо дар соҳаи электроэнергетика, аз ҷумла сохтмони НБОХ боз монда, муҳлатҳои тибқи барномаҳои давлатии рушди электроэнергетика пешбинишуда ба таъхир андохта шудаанд. Вале риоя нашудани муҳлатҳо ва ба

таъхир андохтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ – на танҳо омили молиявӣ, инчунин оқибати назорати сусти иҷрои барномаҳои рушди соҳаи электроэнергетика, ки хосияти тавсиявӣ доранд, мебошад. Аз як ҷониб, омилҳои иқтисодию сиёсӣ ба паст шудани ҷолибияти сармоягузорӣ мусоидат мекунанд, аз ҷониби дигар, - дар натиҷаи вазъи баамаломада ҳамчунин дурнамо ва пешомадҳои истифодаи механизмҳои сарикавтии давлатии идоракуниро барои таъмини рушди бозори фурӯши барқ аз ҳисоби манбаъҳои хурди тавлиди он бояд қайд кард. Бартариҳои асосии тавлиди ғайримарказонаи барқ нисбат ба таъминоти марказонидашудаи барқ, новобаста аз вазъияти макроиқтисодӣ, аз ҷумла инҳо мебошанд:

- имконияти паст кардани сатҳи хароҷоти воҳиди нерӯи барқ барои истеъмолкунандагон;

- паст шудани сарборӣ дар шабака, ки дар навбати худ ба кам шудани талафот, ки аз ҳисоби истеъмолкунанда пардохт мешавад, меоварад;

- озод шудани иқтидорҳо барои таъмини ноҳияҳои аз ҷиҳати барқ камтаъмин, ки ҳамзамон ба баланд шудани эътимоднокӣ дар бозори фурӯши барқ меоварад.

Маҳз аз ҳисоби бартариҳои мазкур татбиқи низомҳои электроэнергетикии худмухтор бо истифода аз манбаъҳи хурди тавлиди барқ «хароҷотро нисбат ба пайвастшавӣ ба шабакаҳои марказӣ камтар мекунад, инчунин имкон медиҳад, ки барқи босифат ба даст ояд ва боэътимодии тамоми низоми истеҳсолӣ таъмин карда шавад» [105].

Ҳоло ҳам мақоми НБОХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комил муайян нагардидааст, гарчанде дар солҳои охир заминаҳои қонунии рушди электроэнергетика, аз ҷумла электроэнергетикаи хурд мукаммал шудаанд. «Қисме аз онҳо таърихан дар тавозун ва моликияти ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор дорад. Қисми дигар дар моликияти ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ тааллуқ дорад. Ғайр аз ин, НБОХ-ҳое ҳастанд, ки моликияти шахсони алоҳида мебошанд» [96, с. 62]. Бояд қайд кард, ки нерӯгоҳҳои ба ҷамоатҳои деҳот ва шахсони алоҳида тааллуқдошта аксаран аз ягон хел расмиёти бақайдгирӣ нагузаштаанд ва аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба танзим ва назорат фаро гирифта нашудаанд, ки ин эътимоднокии кори онҳоро паст мекунад.

Қисми бештари НБОХ-и имрӯз амалкунанда, тавре пештар қайд карда будем, дар тобеияти ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор доранд. Ин ширкати инҳисорӣ буда, иқтидорҳои «анъанавии» он фазои мураккаби рақобатро барои соҳибкории хурд ва миёна дар фаъолияти субъектҳои истифодабарандаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ба миён меоранд. Тавре коршиносон қайд мекунанд, дар бозори фурӯши барқ дар мавриди истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди барқ бархурди манфиатҳои дохилисоҳавӣ вуҷуд дорад. Ин гуна бархурди манфиатҳо дар он зоҳир меёбад, ки шабакаҳои тақсимоти барқ – соҳаи ваколати ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад. Барои рушди фаъолияти субъектҳои истифодабарандаи манбаъҳои хурди тавлид дар бозори фурӯши барқ мавҷудияти бозоре зарур аст, ки аз инҳисор озод бошад, шароите лозим аст, ки дар мавриди он соҳибкорони хусусӣ ба бозор бе монеа ворид шаванд, шароити пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқии марказонидашуда бояд сода ва шаффоф бошад. Ба қавли дигар, - барои рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди барқ аз ҷониби давлат пешниҳод кардани имтиёзҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ зарур аст.

### 3.2. Имконияти татбиқи инноватсияҳо дар бозори миллии фурӯши барқ

Тавре дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, таъмини рушди устувори мамлакат интихоби принсипҳои появии аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди ояндаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаро пешбинӣ менамояд. Ҳамчун асоси равиши бонизом дар таҳияи стратегияи мазкур ва раванди амалисозии ояндаи он аз ҷумла принсипи инноватсионӣ, яъне рушд дар асоси навовариҳои илмӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат муайян гардидааст.

Асоси рушди инноватисониро сармоя ва сарватҳои табиӣ, аз ҷумла иқтидори азими электроэнергетикаи обӣ ташкил медиҳад. Дар ин росто вазифаи муҳими рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи назаррас баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории иқтисодиёти миллӣ мебошад. Инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, саҳми онҳо дар рушди

иқтисодиёти миллӣ акнун муқаррар мешавад. Онҳо чун самти ривоҷи рақобатпазирии субъектҳои бозори фурӯши барқ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ, паст шудани арзиши аслии он, кам кардани талафот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар истеҳсол, тақсимот ва фурӯши барқ мусоидат мекунанд. Инноватсияҳо, «ки дар як минтақа, дар як соҳа пайдо мешаванд, таъсири мусоиди худро дар ҳама ҷо мерасонанд» [124, с. 131].

Имрӯз субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ на танҳо олимон, инчунин мутахассисон, соҳибкорон ва харидорон метавонанд бошанд, вале пешниҳодҳои инноватсионии онҳо бояд мубрам ва дархостшаванда бошанд, пеш аз ҳама, давлат бояд ба онҳо таваҷҷуҳ дошта бошад. Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як мамлакат, ки ба баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти худ дар арсаи байналмилалӣ ҳавасманд аст, ҷаҳд менамояд, ки низоми одилона ва шаффофи ҳавасмандӣ ва дастгирии навоварон ва инноватсияҳоро бунёд ва татбиқ кунад.

Электроэнергетика дар амалкунӣ ва рушди бозории ҳар як мамлакат соҳаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҳамчун самти асосии стратегии рушди энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 омодагӣ ба раванди гузариш аз стратегияи рушди индустриалии ба сармоягузориҳо асосёфта, ба стратегия рушд дар асоси дониш ва инноватсияҳо муқаррар карда шудааст. Самти муҳими рушди инноватсионии бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозии инфрасохтори мавҷуда то дараҷаи инноватсионӣ дар асоси бозсозии технологии соҳаи электроэнергетика ба ҳисоб меравад. Давлат ҷаҳд менамояд, ки лоиҳаҳои инноватсионии электроэнергетикиро, ки ба баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ва сармоягузорӣ, ҳалли масъалаҳои таъминоти барқ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон, ҳифзи муҳит нигаронида мешаванд, татбиқ намояд.

Дар стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати ҳалли мушкилоти асосӣ дар доираи афзалиятҳои стратегӣ иҷрои амалҳо дар самти рушди электроэнергетика дар асоси диверсификатсия ба хотири ба эътидол даровардани тафовутҳои мавсимӣ дар истеҳсоли нерӯи барқ, аз ҷумла бо истифода аз манбаъҳои барқароршаванда, ҳавасмандсозии фаъолнокии

инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии корҳои таҳқиқотӣ пешбинӣ гардидааст. Бо истифода аз инноватсияҳо ва бо ба инобат гирифтани талаботи муосир ва имконияти молиявии рушди бозори фурӯши барқ дар давраи мазкур идома додани барномаи сохтмони НБОХ дар доираи диверсификатсияи манбаъҳои тавлиди барқ ва шаклҳои моликияти онҳо, таъмини беҳгардии молиявии низоми электроэнергетикӣ дар асоси баланд бардоштани интизоми пардохтҳо, таҷдиди сохтори соҳаи электроэнергетика, сиёсати дурусти нархгузорӣ дар бозори фурӯши барқ, роҳандозӣ намудани тадбирҳо оид ба сарфаи барқ ва баланд бардоштани самранокии истифодаи барқ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ зарур аст. Татбиқи инноватсияҳо дар ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи манбаъҳои тавлиди барқ дар асоси сохтмони нерӯгоҳҳои бо қувваи гармӣ (сӯзишворӣ, асосан ангишт) коркунанда ва рушди соҳаи истихроҷи ангишт, инчунин татбиқи лоиҳаҳо доир ба паст кардани талафоти нерӯи барқ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои энергетикии мавҷудбуда аҳамияти муҳим дошта метавонад.

Соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба татбиқи дастовардҳои илм ва техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, технологияҳои нави босамари истеҳсол ва истифодаи нерӯи барқ ниёз дорад. Дар баробари ин, ба андешаи мо, дар соҳаи электроэнергетика як қатор мушкилот ҳастанд, ки ба татбиқи муносиби инноватсияҳо алоқаманд мебошанд, чун:

- вобастагии зиёди корхонаҳои электроэнергетикӣ аз технологияҳо ва таҷҳизоти воридотӣ (хориҷӣ);

- мувофиқат накардани сатҳи техникии корхонаҳои соҳаи электроэнергетика ба талаботи муосири истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ;

- иқтидори илмию таҳқиқотии маҳдуд, мавҷуд набудани инфрасохтори инноватсионӣ (ниҳодҳо ва ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, марказҳои инноватсионию технологӣ, паркҳои техникӣ, марказҳои омодасозии кормандон барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи электроэнергетика).

Ба азнавтаҷҳизонидани техникии соҳаи энергетика «на танҳо набудани маблағгузорӣ ба иқтидорҳои нав, балки набудани коркардҳои инноватсионии

босифати дорои нархҳои дастрас ва қобили қабул, инчунин як қатор омилҳои институтсионалӣ монеъ мешаванд» [60, с. 17].

Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи электроэнергетика нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои муҳими рушди инноватсионии соҳаи электроэнергетика ин низоми тақсимшуда ё ба ибораи дигар – низоми ғайримарказонидашудаи электроэнергетикӣ мебошад. Рушди соҳаи электроэнергетика дар асоси низоми электроэнергетикии тақсимшуда «на танҳо масъалаҳои ночизи бо нерӯи барқ таъмин намудани истеъмолкунандагони дурдастро ҳал мекунад, инчунин яке аз самтҳои мубрами инноватсионӣ ба шумор меравад. Ба туфайли истифодаи технологияҳои нав он метавонад самаранокии амалкунии комплекси электроэнергетикиро ба андозаи назаррас баланд бардорад» [100, с. 55].

Истеҳсоли тақсимшудаи барқ – ин маҷмуи нерӯгоҳҳое мебошад, ки бо макони истеъмоли нерӯи барқ дар масофаҳои наздик ҷойгир шудаанд, ё бевосита бо истеъмолкунанда, ё ба шабакаҳои тақсимоти барқ пайваст мебошанд. Аз ҳисоби ин талафоти шабакавии барқ ҳангоми тақсим кардани он кам мешавад. Истеъмолкунанда метавонад интихоб кунад: «нерӯи барқро аз таъминкунандаи кафолатдиҳанда харид кунад, ё ба шабакаи тақсимшуда пайваст шавад» [126, с. 279]. Нархи барқ дар корхонаи таъминкунандаи кафолатдиҳанда аз тарифи ягонаи «дегӣ» барои интиқоли барқ тавассути шабакаҳо, пардохти ҳаққи хизматрасонии ташкилотҳои инфрасохтор ва болонархи фурӯши таъминкунандаи кафолатдиҳанда ва нархҳои нерӯи барқ дар бозори яклухт ташаккул меёбад. Дар иншооти тақсимшудаи истеҳсолӣ дар нархи нерӯи барқ тарифи ягонаи «дегӣ» барои интиқоли барқ тавассути шабакаҳо, хароҷоти воҳид, ки бозгашти сармояро таъмин мекунанд ва хароҷоти воҳид барои истеҳсоли нерӯи барқ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Самари истифодаи нерӯи барқи дар иншооти тақсимшуда истеҳсолшуда аз хароҷоти воҳиди таъминкунандаи бозгашти сармоя ба сохтмони иншооти тавлиди тақсимшуда ва арзиши хароҷоти воҳид барои истеҳсоли нерӯи барқ вобаста мебошад.

Низоми электроэнергетикии тақсимшуда пеш аз ҳама масъалаҳои истеҳсол ва фурӯши нерӯи баркро фаро мегирад. Таъмини имконияти тавлиди худмухтори нерӯи барқ барои эҳтиёҷи худӣ, имконияти фурӯши барқи барзиёд ба дигар иштирокчиёни бозор – афзалиятҳои асосии низоми электроэнергетикаи тақсимшуда мебошанд.

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи электроэнергетика нишон медиҳад, ки низоми электроэнергетикии тақсимшуда асосан иншооти дар асоси манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ коркунандаро фаро мегирад. Тибқи маълумоти Bloomberg New Energy Finance (яке аз таҳвилкунандагони пешбари иттилооти молиявӣ барои иштирокчиёни бозорҳои молиявӣ), то соли 2040 72%-и сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои тавлиди барқ ба иқтидорҳои истифодабарандаи нерӯи офтоб ва бод рост меояд [140]. Ҳавасманд кардани рушди технологияҳои манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ боиси он гардидааст, ки аз ҷиҳати арзиши барқ чунин иншооти истеҳсолӣ бо манбаъҳои анъанавии тавлиди нерӯи барқ баробар мешаванд, дар баъзе ҳолатҳо ҳатто арзиши барқи дар манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшаванда пасттар аст. Умуман паст шудани арзиши истеҳсоли нерӯи барқ дар панелҳои офтобӣ аз соли 2009 то соли 2017 то ба 67% паст шуд, дар турбинаҳои бодӣ – то 86% [144]. Эҳтимол меравад, ки то соли 2050 низоми электроэнергетикии ҷаҳонӣ ба андозаи 100% дар манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ истеҳсол мешавад ва дар ин маврид арзиши нерӯи барқи истеҳсолшуда нисбатан паст мешавад. Чунин дастовардҳо дар соҳаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ ба туфайли он ба даст омаданд, ки аксари мамлакатҳо сиёсатеро дар соҳаи электроэнергетика роҳандозӣ мекунанд, ки мусоидати молиявии истифодабарии ҳамаҷонибаи технологияҳоро тавассути муқаррар кардани тарифҳои махсус, имтиёзҳои андозӣ ва дигар механизмҳо дар бар мегирад. Ғояи асосӣ дар ин самт дар «истифодаи самари омӯзиш ва сармоягузорӣ ба омӯзиш, инчунин паст кардани арзиши таҷҳизот ва баланд кардани ҳаҷми истеҳсол» [150, с. 198] ифода меёбад. Ҳамчунин пешниҳод кардани мусоидати молиявӣ ба густариши татбиқи инноватсияҳо дар назар аст, то замоне, ки онҳо нисбат ба технологияҳои анъанавӣ рақобатпазиртар нагарданд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 то 10 ГВт зиёд шудани иқтидорҳои лоиҳавии низоми электроэнергетикии мамлакат, то 10% коҳиш додани талафоти техникӣ ва молиявӣ дар шабакаҳои барқӣ, то 10 миллиард кВт-соат зиёд кардани содироти солонаи нерӯи барқ, то 10% диверсификатсияи иқтидорҳои низоми электроэнергетикии мамлакат аз ҳисоби дигар намудҳои ғайрианъанавии манбаъҳои тавлиди барқ ва ба таври илова дар як сол зиёда аз 500 млн. кВт-соат истеҳсол намудани барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, инчунин истифодаи технологияҳои каммасраф дар назар дошта шудааст. Ба ин хотир, пешбинӣ мешавад, ки то соли 2030 дар мамлакат истеҳсоли нерӯи барқ аз ҳисоби нерӯгоҳҳои офтобб ва бодӣ боз ба андозаи 700 МВт зиёд карда шавад. Ҳоло дар ин самт татбиқи се лоиҳа бо иқтидори 260 МВт роҳандозӣ шудааст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори фурӯши барқ, баланд шудани самаранокии соҳаи электроэнергетика ва татбиқи ҳамаҷонибаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ чун шарти аввалии рушди босуръати саноат, кишоварзӣ, дигар бахшҳои иқтисодиёт ва афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат баромад мекунанд. Аммо нарасидани барқ, зуд-зуд қатъ шудани таъмини барқ, маҳдудияти сунъии афзоиши истеъмоли барқ ва қафомонии муҳим аз барномаҳои дарозмуҳлати ҷорӣ намудани иқтидорҳои нави истеҳсоли барқ, мавҷудияти талафот дар сатҳи баланд (15% аз барқи ба шабакаҳо воридшуда) – хусусиятҳои хоси имрӯзаи низоми электроэнергетикии мамлакат мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба татбиқи инноватсияҳо дар бозори фурӯши барқ дар асоси манбаъҳои барқароршаванда аллакай аз давраҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ диққати муҳим дода мешавад. Иқдомҳои аввалини дастгирии сохтмон ва истифодаи иншооти дар асоси манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди нерӯи барқ коркунанда аз он замон оғоз шудаанд. Соли 1993 Қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1350 «Дар бораи аз пардохти андозҳо озод намудани нерӯгоҳҳои барқии обии сохташаванда, иншооти манбаъҳои ғайрианъанавии нерӯи барқ ва корхонаҳои хурди истихроҷ ва коркарди ангишт» қабул гардид, ки мутобиқи он нерӯгоҳҳои барқии обии

сохташаванда, иншооти манбаъҳои ғайрианъанавии нерӯи барқ ва корхонаҳои хурди истихроҷ ва коркарди ангишт ба муҳлати то 3 сол аз санаи ба истифода дода шудан аз андоз аз фоида озод карда мешуданд. Ҳамчунин, дар соли 1993 «Низомнома дар бораи сохтмон ва истифодабарии иншооти истифодабарандаи манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии тавлиди нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва тасдиқ шуд, ки тамоми раванди истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ – об, офтоб, бод, моддаҳои биологӣ ва дигарҳоро ба танзим фаро мегирифт.

Тавре пештар қайд карда будем, бозори фурӯши барқ ва ҳам низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳти идораи давлат аст ва тамоми равандҳои таҳқиқи бозори нерӯи барқ аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ назорат карда мешавад. Тарифҳои нерӯи барқ аз ҷониби ширкати миллии энергетикӣ - ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия шуда, бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа ва бо қарори ҳукумат тасдиқ карда мешаванд. Таҳвили нерӯи барқ бо тарифҳои муқарраршуда дар бозори дохилӣ дар асоси шартномаҳои муқаррарии байни ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» бо истеъмолкунандагон анҷом дода мешавад. Содирот ва воридоти нерӯи барқ аз (ба) беруни мамлакат дар асоси созишнормаҳои байни ШСХК «Барқи Тоҷик» ва ширкатҳои энергетикии мамлакатҳои хориҷӣ пас аз тасдиқи ин созишномаҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар мавсимҳои нарасидани нерӯи барқ барои истеъмолкунандагони дохилӣ маҳдудияти таҳвили барқ ҷорӣ карда мешавад. Ин маҳдудият аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Назорати риояи меъёрҳои техникӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ аз ҷониби Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика ба ҷо оварда мешавад. Ҳамчунин хадамоти мазкур барои иҷрои барномаи сарфаи нерӯи барқ масъул буда, дар якҷоягӣ бо корхонаҳо меъёрҳои воҳидии хароҷоти барқро таҳия ва тасдиқ мекунад.

Тавре аз муҳтавои параграфи пешин бармеояд, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди нерӯи барқ бештар НБОХ татбиқ карда мешаванд. Татбиқи ин гуна нерӯгоҳҳо риояи шароити техникии махсусро талаб мекунад, ки дар доираи имконияти инноватсияҳо ва таҳқиқоти илмӣ анҷом дода мешаванд.

НБОХ дорои хусусиятҳое мебошанд, ки бе ба инобат гирифтани онҳо бартариҳои ин манбаи барқароршавандаи тавлиди нерӯи барқ ба даст омада наметавонанд. Пеш аз ҳама, нерӯгоҳҳои хурд дар дарёҳои кӯҳии маҳалҳои гуногуни мамлакат аз ҷиҳати тартиби истифодабарии ҷараёнҳои об аз нерӯгоҳҳои калон ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар дарёҳои кӯҳӣ дар давоми сол ҷараёни об нобаробар аст. Ҳиссаи бештари маҷрои онҳо ба моҳҳои фаслҳои баҳор ва тобистон рост меояд, дар фасли зимистон ҷараёни об метавонад тамоман қатъ шавад.

Агар лоиҳаи НБОХ барои истифода дар шароити давраи зимистон пешбинӣ шавад, пас ин боиси хеле кам истифода шудани иқтидори энергетикии дарё дар мавсими гармӣ ва серобии он мегардад, вале агар иқтидори агрегатҳои НБОХ барои истифодаи бештарини ҷараёни об пешбинӣ шавад, - он гоҳ дар мавсими сардӣ таҷҳизоти нерӯгоҳ камсамар истифода мешавад. Дар шароити НБО-ҳои калон ин масъала бо роҳи сохтани обанбори танзимкунанда ҳалли худро меёбад. Барои НБОХ ин амал имконнопазир аст, зеро дар ҳар як обанбор ҳамеша ҳаҷми ба истилоҳ «фавтида» мавҷуд аст, ки дар он таҳшинҳои дарё дар давоми тамоми давраи истифода ҷамъ мешаванд. Ҳаҷми «фавтида» аз иқтидори нерӯгоҳ ва ҳаҷми худи обанбор вобаста нест, он танҳо аз хусусиятҳои худи дарё – ҳаҷми маҷрои муқарраршуда муайян карда мешавад. Барои дарёҳои кӯҳии маҳалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми фавтидаи обанбор ниҳоят калон аст – онҳо дар мавсими баланд шудани сатҳи об аз ҳисоби обшавии тарма ва пиряхҳо миқдори зиёди таҳшинҳоро мекашонанд. Дар мавсимҳои алоҳида ҷараёни об дар дарёи кӯҳӣ метавонад ба сел мубаддал гардад, ки дар таркиби худ моддаҳои нисбат ба об сахтро дорад. Аз ин рӯ, сохтани обанбори хурди танзимкунандаи бо иқтидори НБОХ мувофиқ амалан имконнопазир аст, зеро бо назардошти ҳаҷми фавтида барои ин сарбанди калон зарур аст ва ин гуна сарбанд мушкилоти зиёдро ба бор меорад. Ҳамин тариқа,

НБОХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд асосан дар реҷаи ҷараёни табии об кор кунанд ва тавлиди нерӯи барқ дар давоми сол ногузир нобарорбар хоҳад буд, ки ин имконияти онҳоро маҳдуд мекунад.

Ҳамчун тадбири нисбатан босамари муҳофизат аз сел дар дарёҳои кӯҳӣ мо метавонем сохмони сарбандҳои муҳофизатиро дар мавзеъҳои болооби онҳо тавсия диҳем. Аммо тадбири мазкур танҳо дар мавриди сохтани на як, балки силсилаи НБОХ самарабахш буда метавонад.

Барои роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахш дар самти татбиқи инноватсияҳо дар бозори миллии фурӯши барқ ба ҷо овардани таҳлили вазъи имрӯзаи соҳаи электроэнергетика ҳам дар миқёси ҷаҳонӣ ва ҳам дар миқёси миллӣ, инчунин баррасӣ намудани стратегияҳои инноватсионии рушди ояндаи онҳоро дар даҳсолаи наздик зарур мешуморем. Барои таҳқиқоти худ маълумот ва методикаҳои пешкашнамудаи Агентии байналмилалии энергетикии (АБЭ, англисӣ: IEA - International Energy Agency) Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ТҲИР, англисӣ: OECD - Organisation for Economic Co-operation and Development,)-ро истифода мебарем ва кӯшиш мекунем, ки механизми татбиқи онҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод кунем.

АБЭ асосан нақши маркази иттилоотӣ ва ташкилоти машваратиро дар арсаи ҷаҳонӣ иҷро мекунад. Дар қатори вазифаҳои таъмини бехатарии энергетикӣ, рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳит ва мубориза бо тағйирёбии иқлим, АБЭ ҳамчунин ба истифодаи энергетикаи дигар, бахусус манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди нерӯи барқ мусоидат мекунад. Ҳисоботҳои умумиэнергетикӣ ва соҳавии АБЭ – Дурнамои энергетикаи ҷаҳонӣ (WEO - World Energy Outlook), Дурнамои солонаи энергетикӣ (AEO - Annual Energy Outlook) дар ҷаҳон ҳангоми таҳқиқи бозорҳои фурӯши барқ маъмул мебошанд.

Омили появии муайянкунандаи рушди бозори фурӯши барқ дар миқёсҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ талабот ба нерӯи барқ ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ аз маҷмуи дигар омилҳои намудҳои гуногун вобаста аст, чун: иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва ғайра. Дар байни омилҳои мазкур асоситаринашон инҳоанд: шумораи аҳолӣ; бузургии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД); сатҳи нархҳои нерӯи барқ;

даромади аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ; дастрасии захираҳои энергетикии аввалӣ, технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва истифодаи онҳо. Мувофиқан сохтори иқтидорҳои энергетикие, ки қонеъ кардани талабот ба нерӯи баркро таъмин мекунанд, «аз нишондиҳандаҳои иқтисодии технологияҳои энергетикӣ, нархи сӯзишворӣ ва партовҳои $CO_2$, шароити маблағгузории сохтмони нерӯгоҳҳо, инчунин аз амсилаи қабулшудаи бозори энергетикӣ вобаста хоҳад буд» [137, с. 143]. Ҳоло дар ҷаҳон ду амсилаи появии бозори фурӯши барқ қобили истифода аст: бозори комилан озодшуда ва бозори танзимшаванда, аммо дар амал аксари бозорҳои фурӯши барқ дар ҷаҳон хосиятҳои ҳарду амсиларо доранд ва аксаран хосиятҳои амсилаи танзимшаванда бартарӣ доранд, ки аз ҷумла бозори миллии фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамин амсила мансуб аст.

Нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи хусусиятҳои бозори мушаххаси фурӯши барқ амсилаҳои қабулшудаи ташаккули нархи нерӯи барқ, инчунин шароити ҷалби сармоягузорӣ ва сиёсати давлатҳо оид ба пешниҳоди мусоидати молиявӣ барои рушди он мебошанд. Вобаста аз нишондиҳандаҳои мазкур дар солҳои охир дар мамлакатҳои гуногун афзалиятҳо дар рушди бозори фурӯши барқ, пеш аз ҳама афзалиятҳои ба тамоюли талабот ба намудҳои аввалӣ ва ниҳойии барандагони нерӯ ва тамоюлҳои рушди технологияҳои энергетикӣ, ҳамеша иваз мешаванд.

Ҳамин тавр, талабот ба нерӯи барқ дар соли 2021 дар ҷаҳон ба андозаи 6% афзуд, ки ин нишондиҳандаи бузургтарин аз соли 2010 – замони оғози паси сар кардани буҳрони молиявӣ то ин ҷониб мебошад. Дар ин маврид, тавре АБЭ дар маърузаи худ оид ба вазъи бозори электроэнергетика қайд менамояд, агар афзоиши соли 2020-ро бо бузургиҳои мутлақ баррасӣ кунем, он аз 150 ТВт-соат зиёд шудааст, ки ин нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин дар тамоми давра мебошад [139].

Дар пасманзари афзоиши талабот, мувофиқи арзёбии АБЭ барқароркунии босуръати иқтисодиёт ва шароити обу ҳавои шадидтар нисбат ба соли 2020, аз ҷумла зимистони нисбатан сардтар пешбинӣ мешавад. Дар натиҷа, дар бисёр бозорҳо гази табиӣ ва ангишт, ки барои тавлиди нерӯи барқ истифода мешаванд

камёфт гардиданд, нархи барандагони барқ ва неруи барқ якбора боло рафт, ҳолатҳои қатъ шудани интиқоли барқ мушоҳида мешуданд, ки ин ҳам ба истеҳсолкунандагон ва ҳам ба истеъмолкунандагони неруи барқ таъсир расонид. Вазъи махсусан ғайриоддӣ, қайд мекунад АБЭ, дар Хитой, ки он ҷо талабот ба неруи барқ ба андозаи 10% афзуд, инчунин дар Аврупо ва Ҳиндустон ба амал омад.

Боз як паёмади афзоиши талабот ин зиёд шудани партовҳои зараровар аст, зеро бисёре аз мамлакатҳо истифодаи ангиштро, ки нисбатан арзонтар аст, барои тавлиди неруи барқ вусъат доданд. Дар натиҷа, соли 2021 истеҳсоли неруи барқ тавассути ангишт 9% афзуда, ба ҳадди баландтарин расид, дар ҳоле ки партовҳо 7% афзудаанд.

Тибқи арзёбии АБЭ, ҳаҷми партовҳо дар сатҳи имрӯза то соли 2024 боқӣ мемонад, дар ду соли наздик талабот ба неруи барқ ба ҳисоби миёна ба андозаи 2,7% зиёд мешавад, вале нархи неруи барқ баланд намешавад.

Истеъмоли ҷаҳонии барқи тавассути манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшаванда ба ҳолати соли 2040 тақрибан ба 3 млрд. тонна э.н. (эквиваленти нефт) мерасад, ки аз он ба истеҳсоли неруи барқ ва гармӣ 2,7 млрд. тонна э.н., аз ҷумла 0,5 млрд. тонна э.н. ба неруи барқи обӣ равона мегардад.

Талабот ба неруи барқ пеш аз ҳама аз рушди иқтисодии оянда, ки сатҳи умумии он аз сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллӣ, ки истеъмолкунандаи барқ мебошанд, чун саноат, бахши манзилию коммуналӣ (БМК), бахши хизматрасонӣ ва ғайра вобаста мебошад, инчунин аз дараҷаи барқфарогирии иқтисодиёт ва соҳаҳои алоҳидаи он муайян мегардад.

Истеъмолкунандаи асосии неруи барқ бахши саноати иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳаҷми талабот ба неруи барқ дар он то соли 2035 метавонад 41%-и талаботи умумиро ташкил диҳад (ҷадвали 3.4).

Суръати афзоиши миёнаи талабот ба неруи барқ дар бахши саноати иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар давраиояндабинишаванда 2,2% дар як солро ташкил медиҳад, ки ин барои зиёд кардани ҳиссаи неруи барқи он дар тавозуни истеъмоли тамоми неруи ниҳоӣ аз 26% дар соли 2011 то 32% дар соли 2035 расонидан имкон медиҳад.

**Ҷадвали 3.4. – Талабот ба нерӯи барқ дар бахшҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва истеҳсоли он**

| Бахши иқтисодиёт | Нерӯи барқ, млрд. кВт-соат | | | | | | Суръати афзоиши миёна дар солҳои 2011-2035, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1990 | 2011 | 2020 | 2025 | 2030 | 2035 | |
| Талабот ба барқ | 10085 | 19004 | 24249 | 26974 | 29520 | 32150 | 2,2 |
| Истеҳсоли барқ | 11817 | 22114 | 28000 | 31121 | 34059 | 37086 | 2,2 |
| Саноат | 4419 | 7802 | 10288 | 11385 | 12268 | 13187 | 2,2 |
| БМК | 2583 | 5195 | 6507 | 7362 | 8325 | 9336 | 2,5 |
| Хизматрасонӣ | 2086 | 4560 | 5636 | 6214 | 6698 | 7137 | 1,9 |
| Нақлиёт | 245 | 292 | 408 | 486 | 590 | 734 | 3,9 |
| Дигар бахшҳо | 748 | 1151 | 1419 | 1535 | 1648 | 1763 | 1,8 |
| Талафот дар шабака | 1003 | 1816 | 2308 | 2589 | 2862 | 3138 | 2,3 |
| Эҳтиёҷоти худӣ | 733 | 1298 | 1434 | 1550 | 1668 | 1791 | 1,4 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [152]

Талабот ба нерӯи барқ дар бахши манзилию коммуналӣ бо суръати 2,5% дар як сол зиёд мешавад, ки ин ба андозаи зиёда аз 2,5 маротиба аз суръати афзоиши шумораи аҳолии ҷаҳон зиёд аст ва истеҳсоли афзояндаи нерӯи барқро дао хоҷагиҳои хонаводагӣ, инчунин камшавии шумораи аҳолии ба нерӯи барқ дастрасӣ надоштаро аз 1,2 млрд. нафар (18%-и аҳолии ҷаҳон) дар соли 2011 то 970 млн. нафар (12%-и аҳолии ҷаҳон) дар соли 2035 инъикос мекунад [152].

Суръатҳои афзоиши баландтарини талабот ба нерӯи барқ дар бахши нақлиёт пешбинӣ мешавад (3,9% дар як сол), ки ин оқибати электрикунонии роҳҳои оҳан ва талабот ба электромобилҳо дар давраи ояндабинишаванда (суръати афзоиш – наздики 30% дар як сол) мебошад. Вале ҳиссаи бахши нақлиёт дар ҳаҷми умумии талабот ба нерӯи барқ дар соли 2035 аз 2% зиёд намешавад.

Суръатҳои афзоиши нисбатан муътадили талабот ба нерӯи барқ (1,9% дар як сол) дар бахши хизматрасонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад, ки ин аз сабаби тадбирҳои баландбардории самаранокии иқтисодии истифодабарии он аз як ҷониб, аз ҷониби дигар, – дар паёмади зиёд шудани ҳиссаи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ ба амал меояд. Вале дар ҳаҷми умумии талабот ба нерӯи барқ вазни қиёсии он чун пешин назаррас боқӣ мемонад: 24% дар соли 2011 ва 22% дар соли 2035.

Мувофиқи Нақшаи генералии рушди бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [33] ва дурнамои талаботи истеъмолкунандагони асосии нерӯи барқ пешбинӣ мешавад, ки сарбории низоми энергетикии асосӣ дар ҷумҳурӣ аз 24311 ГВт.соат дар соли 2020 то ба 39253 ГВт.соат дар соли 2039 мерасад (ҷадвали 3.5).

Барои рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз имкониятҳои низоми электроэнергетикии тақсимшуда бунёди шабакаҳои зеҳнӣ (smart-grid) муҳим арзёбӣ мешавад. Технологияҳои smart-grid имкон медиҳанд, ки технологияҳои гуногуни истеҳсол ва ғункунии нерӯи барқ якҷоя карда шаванд, ба баланд шудани боэътимодӣ ва бехатарии таъминоти барқ мусоидат мекунанд, ба истеъмолкунандагон – дорандагони воситаҳои худии тавлид ва ғункунии нерӯи барқ имконияти ба фурӯш баровардани нерӯи барқи барзиёди дар манбаъҳои худии тавлиди барқ истеҳсолшуда, идора кардани талабот ба нерӯи барқро пешкаш мекунанд, ки дар натиҷа ин ба беҳгардии сарбориҳои барқӣ оварда, метавонад талабот ба иқтидорҳои нави то ҳол набударо кам кунад.

**Ҷадвали 3.5. – Дурнамои талабот ба нерӯи барқ дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ГВт.соат**

| Гурӯҳи истеъмолкунандагон | 2020 | 2025 | 2030 | 2039 |
|---|---|---|---|---|
| Саноат ва кишоварзӣ | 2473 | 3190 | 3975 | 5732 |
| Хоҷагии коммуналӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ | 765 | 840 | 957 | 1198 |
| Обкашҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ | 3397 | 3718 | 4118 | 4902 |
| Аҳолӣ | 7825 | 9420 | 11417 | 15809 |
| Гармкунии манзил | 42 | 51 | 61 | 85 |
| ТАЛКО | 5850 | 5850 | 5850 | 5850 |
| Истеъмолкунандагони имконпазири нерӯи барқ | 1161 | 1161 | 1161 | 1161 |
| Талафоти нерӯи барқ | 2791 | 3150 | 3580 | 4516 |
| Ҳамагӣ дар низоми энергетикӣ | 24311 | 27380 | 31119 | 39253 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт** [33]

Дурнамои рушди электроэнергетика то соли 2040 аз он шаҳодат медиҳад, ки тамоюли асосӣ дар бозори ҷаҳонии фурӯши барқ маҷмуи чунин дастовардҳои технологӣ хоҳад буд:

- ба андозаи назаррас паст шудани арзиш ва баланд шудани ҳосилнокии технологияҳои энергетикаи барқароршаванда;

- куллан кам кардани арзиш ва ба таври оммавӣ паҳн гардидани технологияҳои статсионарӣ ва мобилии ғункунии нерӯи барқ дар асоси батареяҳои аккумуляторӣ;

- гузариш ба принсипҳои нави идоракунии низомҳои электроэнергетикӣ ва ташкили амалиёти бозорӣ дар асоси технологияҳои нави иттилоотӣ.

Таҳлили шароити татбиқи инноватсияҳо ва низоми электроэнергетикии тақсимшуда дар миқёси ҷаҳонӣ ва заминаҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки як қатор мушкилот ва монеаҳо барои рушди инноватсионии бозори фурӯши барқ мавҷуд мебошанд. Ба андешаи мо, барои бартараф намудани онҳо механизмҳои мавҷударо бояд бо чунин тадбирҳо илова кард:

- таъмини маблағгузории таҳқиқоти илмӣ оид ба бунёди маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ мураккаб (турбинаҳои бодӣ, батареяҳои офтобӣ, технологияҳои smart-grid), ҳавасманд кардани сохтани озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмию таҳқиқотӣ, ки дар онҳо ҳамкории истеҳсолкунандагон ва муассисаҳои илмӣ, санҷиши коркардҳои илмию таҳқиқотӣ таъмин гардад;

- ҳавасманд кардани воридоти таҷҳизоти инноватсионӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли батареяҳои офтобӣ дар мамлакат, пешкаш намудани мусоидатҳои молиявӣ, қарзҳои буҷетӣ ва дастгирии истеҳсоли ватании таҷҳизоти инноватсионӣ барои татбиқи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ;

- ба ҷо овардани рушди мутаносиби тамоми самтҳои инноватсионӣ дар бахши электроэнергетикаи миллӣ (манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ, технологияҳои анъанавии истеҳсоли тақсимшудаи нерӯи барқ, шабакаҳои зеҳнӣ) аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳо бо имкони истифодаи технологияҳои гуногун.

Амалӣ намудани тадбирҳои мазкур имкон медиҳад, ки дар мамлакат сиёсати ҳамаҷонибаи рушди инноватсионии электроэнергетикаи тақсимшуда бо назардошти манфиатҳои ҳамаи истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагони нерӯи барқ роҳандозӣ карда шавад.

## 3.3. Амсилаи рушди бозори миллии фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавӣ

Имрӯз экология ва ҳалли мушкилоти экологӣ чун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Дар номгӯи масъалаҳои мубрами экологии инсоният мушкилоти ҷаҳонии тағйирёбии иқлим мақоми махсусро ишғол мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқон, яке аз ҷиҳатҳои муҳими ба бахши бозори фурӯши барқ ва рушди он алоқаманд, ин мушкилоти ҷаҳонии баландшавии ҳарорат мебошад, ки аз сабаби зиёд шудани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ва стратегияи мубориза бо таҳдидҳои он ба миён омадааст [40, с. 8].

Сабабҳои тағирёбии иқлим ҳам худи падидаҳои табиӣ ва ҳам омилҳои антропогенӣ, ки боиси ихроҷи газҳои гулхонаӣ мешаванд, мебошанд. Паёмадҳои эҳтимолии тағйирёбии иқлим дар баландшавии ҳарорати миёна, болоравии сатҳи баҳр, зиёд шудани шумора ва миқёси офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб зоҳир мешаванд. Тағйирёбии иқлим дар даҳсолаҳои охир бо афзоиши партовҳои газҳои гулхонаӣ, ки бо ҳосил кардани «самари гармхонаӣ» ба гармшавӣ оварда мерасонад, шарҳ дода мешавад. Дар навбати худ, зиёда аз нисфи партовҳои антропогении $CO_2$ бо сӯзиши мустақими сӯзишворӣ дар нерӯгоҳҳои барқӣ ва гармӣ, саноат ва нақлиёт алоқаманд аст.

Ҳоло аз рӯйи партовҳои газҳои гулхонаӣ ва аз рӯйи ҳаҷми партовҳои захролуд ба сари аҳолӣ дар ҷаҳон мамлакатҳои рушдёфта пешсаф мебошанд. Пешрафти иқтисодӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд боиси афзоиши партовҳо гардид ва тақрибан 1/3 ҳиссаи тамоми партовҳои газҳои гулхонаӣ ба онҳо рост меояд. Ҳамин тавр, пешбинӣ мешавад, ки то соли 2030 ҳиссаи партовҳои газҳои гулхонаӣ аз мамлакатҳои Осиё дар ҳаҷми ҷаҳонӣ беш аз 40% афзоиш хоҳад ёфт, ки ҳиссаи бештари он ба Ҳиндустон ва Хитой рост меояд. Олимон муайян кардаанд, ки агар барои кам кардани партовҳои $CO_2$ ва дигар газҳои гулхонаӣ чораҳо андешида нашаванд, пас дар давраи солҳои 1990-2100 ҳарорати сатҳи Замин 1,5-1,8°С ва баландшавии ҳарорат дар материкҳо дар шимоли экватор хеле баланд мешавад.

Эҳтимол меравад, ки ин боиси тақрибан то ба 40 сантиметр боло рафтани сатҳи баҳр, зиёд шудани тӯфонҳо ва дигар ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво, аз қабили борон, боиси зери об мондани минтақаҳои васеъ мегардад. Мавзеъҳои алоҳидаи табиат, чун рифҳои марҷон, ҷангалҳои бореалӣ ва тропикӣ, ботлоқҳои даштӣ ва марғзорҳои табиӣ, метавонад комилан нобуд шаванд [79, с. 180].

Ҳангоми ташаккули бозори фурӯши барқ наметавон интизор шуд, ки ин бозорҳо худ мустақилона қонеъ намудани эҳтиёҷи табақаҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ ва ҳифзи муҳити атрофро таъмин мекунанд. Ба андешаи мо, барои ҳавасманд намудани бозорҳо ба ҳифзи босамари манфиатҳои ҷамъиятӣ сиёсати ҳадафноки давлатӣ зарур аст. Масалан, ҳукуматҳои як қатор мамлакатҳо бозори фурӯши барқро чун хадамоти коммуналӣ меҳисобанд. Аммо, дар ин маврид муҳим аст, ки дар низоми бозории бо рақобати корхонаҳои миллӣ ва байналмилалӣ тавсифшаванда хадамоти коммуналӣ чӣ гуна амал мекунанд. Баъзе мамлакатҳо, ки барои рақобат дар бозори фурӯши барқ иҷозат додаанд, ба қонунгузории худ муқаррароти мушаххасеро оид ба ҳифзи истеъмолкунандагон ворид намудаанд. Ҳамин тавр, дар моддаи 3.2 Директиваи Иттиҳоди Аврупо оид ба электроэнергетика қайд шудааст, ки «... бо назардошти манфиатҳои умумии иқтисодӣ давлатҳои аъзо метавонанд ба корхонаҳои дар бахши электроэнергетикӣ фаъолияткунанда уҳдадориҳоро оид ба таъмини хизматрасониҳои истифодаи умум, ки ба эътимоднокӣ, аз ҷумла эътимоднокии таъмин, мунтазамӣ, сифат ва нархи нерӯи барқ ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошанд, муқаррар кунанд» [58, с. 16].

Яке аз мушкилоти асосие, ки кӯшиши ҳалли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҷорӣ намудани муносибатҳои рақибона дар бозори фурӯши барқ роҳандозӣ мешавад, ба андешаи мо, ин норасоии нерӯи барқ мебошад. Ба ин хотир, ҳукумати мамлакатро лозим аст, ки ҳангоми ба корхонаҳои алоҳида, аз ба ҷумла ширкатҳои хусусӣ додани ваколатҳои таъмини нерӯи барқ, механизми пешниҳод кардани хизматрасониҳои истифодаи умумиро дар асоси қонунгузорӣ таҳия намояд. Вобаста ба ин, уҳдадориҳо ҷиҳати дастрасӣ ба бозорро метавон бо санадҳои танзимкунандаи соҳаи электроэнергетика илова кард. Ин иловаҳо ба

тадбирҳо оид ба таъмин намудани имконияти баробар ба ҳамаи истеъмолкунандагон, масалан, оид ба муқаррар кардани сатҳи баландтарини нарх ва тарифҳои ягона барои истеъмолкунандагон, новобаста аз ҷойгиршавии минтақавӣ ва масрафҳои истеҳсоли барқ, инчунин тадбирҳо оид ба таҳвили нерӯи барқ ба ноҳияҳои алоҳидаи деҳоти дурдаст, ҳатто ҳангоми фоидаовар набудани чунин таҳвилҳо дахл мекунанд. Бо вуҷуди ин, агар рақобати танзимнашаванда барои сармоягузории хусусӣ дар бозори фурӯши барқ вуҷуд дошта бошад, ин ба қобилияти ба қарордодҳо ва барномаҳои таҳияшавандаи сармоягузорӣ ворид намудани муқаррароти ба ухдадориҳо ҷиҳати пешниҳод кардани хизматрасониҳои таъиноти умумӣ ва аз ин рӯ, ба омодагии корхонаҳо барои қабул ва иҷрои чунин ухдадориҳо таъсир мерасонад.

Сарфи назар аз он, ки дигаргуниҳои сохторӣ дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввал дар доираи раванди гузариши иқтисодиёти мамлакат ба принсипҳои бозорӣ ва мутобиқсозии соҳаи электроэнергетика (дар қатори дигар бахшҳои иқтисодиёт) ба шароити бозор оғоз гардидаанд, онҳо аз ибтидоиислоҳоти мазкур ҳамчунин ба бунёди механизм ва шароити рақибонаи бозорӣ барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи электроэнергетикаи миллӣ нигаронида шуда буданд.

Дар давраи ислоҳоти соҳаи электроэнергетикаи миллӣ, ки аз соли 1992 оғоз гардида, то имрӯз идома дорад, дар бозори фурӯши барқ як қатор амалҳо ва механизмҳои барои бозорҳои муосири рақибона хос роҳандозӣ карда шудаанд, аз ҷумла:

- ҳамкориҳои таҳвилкунандагон ва истеъмолкунандагони нерӯи барқ ба пояҳои тиҷоратӣ гузаронида шуданд, дар мамлакат падидаҳои бозорҳои яклухт ва чаканаи нерӯи барқ зоҳир шуданд;

- низоми ягонаи электроэнергетикӣ, ки дар он танҳо ширкати ягонаи ШСХК «Барқи Тоҷик» фаъолият мекард, тақсим шуд: дар аввал, соли 2002 ширкати хусусии ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» («Помир Энерҷӣ») ҷудо гардид, сипас, соли 2018 ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ҳамчун субъектҳои бозори фурӯши барқ арзи ҳастӣ карданд;

- дар бозор намудҳои нави фаъолияти рақибона ва инҳисорӣ тақсим шуданд, як ҳиссаи тавлиди нерӯи барқ аз сохторҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда ба сохторҳои «озод» ҷудо гардид, баъзе НБОХ на ба ШСХК «Барқи Тоҷик» ва на ба ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» тобеъ нестанд;

- дар мамлакат маҷмуи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муносибатҳои байни субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳия ва қабул карда шуданд;

- низоми танзимкунии давлатии бозори фурӯши барқ, пеш аз ҳама танзими тарифӣ ва зидиинҳисорӣ рушд ёфт. Бо дастгирии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд шуъбаи нави танзим ва муқарраркунии тарифҳо таъсис дода шуда, барои рушди боз ҳам шаффоф ва устувори бозори фурӯши барқ шароит фароҳам оварда шуд;

- шароит барои ба берун аз мамлакат фурӯхтани нерӯи барқи барзиёд истеҳсолшуда (асосан дар мавсими тобистон) фароҳам оварда шуда, санадҳои меъёрии танзимкунандаи содироти барқ таҳия ва қабул карда шуданд.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҳамсоя ва хориҷи дур ба роҳ мондани фурӯши барқ ба мамлакатҳои ҳамсоя яке аз амалҳои ба рушди бозори фурӯши барқ таъсиррасон мебошад. Барои ба содирот баровардани нерӯи барқ (асосан дар мавсими тобистон) амалисозии лоиҳаи байниминтақавии CASA-1000 аҳамияти муҳим дорад. Ташкилоти SNC Lavalin (Канада) асоснокунии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи CASA-1000-ро анҷом дод ва он дар моҳи сентябри соли 2011 аз ҷониби Шурои байниҳукуматии давлатҳои иштирокчӣ - Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон тасдиқ гардид.

Анҷоми лоиҳаи CASA-1000 ба давлатҳои иштирокчӣ имкон медиҳад, ки бозори комили минтақавии фурӯши барқ дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ (CASAREM)-ро таъсис дода, барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлатҳои худ шароити бештар фароҳам оваранд. Дар ин маврид ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон метавонанд барзиёдии нерӯи барқи дар мавсими тобистон истеҳсолнамудаи худро дар ҳаҷми наздики 1300 МВт ба ҷумҳуриҳои Афғонистон ва Покистон таҳвил кунанд. Бозори минтақавии CASAREM на фақат барои

мамлакатҳои иштирокчӣ аҳамият дорад. Бо амалисозии он барои мукаммалсозии низоми интиқоли барқ ва ҳавасмандсозии мамлакатҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ҷиҳати пойдорсозии робитаҳои иқтисодии минтақавӣ шароити мусоид фароҳам меояд.

Дар доираи лоиҳаи CASA-1000 бунёд намудани чунин иншоот дар назар аст:

- хати интиқоли барқи тағйирёбандаи 500 КВт бо дарозии 477 км аз зеристгоҳи Датка (Қирғизистон) то зеристгоҳи Суғд-500 (Тоҷикистон);

- зеристгоҳи конвертории Сангтӯда (Тоҷикистон) бо иқтидори интиқолдиҳии1300 МВт;

- хатти интиқоли барқи доимии баландшиддат бо дарозии 750 км аз Сангтӯда (Тоҷикистон) то Норшева (Покистон);

- зеристгоҳи конверторӣ бо иқтидори интиқолдиҳии 1300 МВт дар Норшева (Покистон).

Барои татбиқи лоиҳаи CASA-1000 амалиёти стратегӣ ва банақшагирии дарозмуддат, иштироки намояндагони давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчунин дастгирии шарикони рушд лозим аст. Дар баробари давлатҳои иштирокчӣ татбиқи лоиҳаро Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Исломии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки сармоягузории Аврупо, Агентии ИМА оид ба Рушди Байналмилалӣ (USAID), Департаменти Давлатии ИМА, Вазорати ҳамкориҳои байналмилалии Британиёи Кабир (DFID) ва дигар шарикони рушд дастгирӣ менамоянд.

Оғози расмии корҳои сохтмонӣ дар доираи лоиҳаи CASA-1000 12 майи соли 2016  дар шаҳри Турсунзода бо иштироки роҳбарияти мамлакатҳои иштирокчӣ Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон баргузор гардид. Моҳи сентябри соли 2018 баъди ба имзо расидани як қатор созишномаҳо байни ширкатҳои энергетикӣ ва паймонкорҳо дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Казоқистон марҳилаи сохтмонии лоиҳа оғоз гардид.

16 майи соли 2017 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар вохурии роҳбарони идораҳои энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ масъалаи барқарор намудани ҳалқаи энергетикии минтақавӣ, ки барои бунёди бозори минтақавии электроэнергетикии Осиёи Марказӣ ҳамчун асос ҳисобида мешавад, баррасӣ

гардид. Барои барқарор намудани ҳалқаи энергетикии мазкур беш аз ҳама ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳавасманд мебошанд. Лоиҳаҳои азими иҷрошудаи сохтмони хатҳои интиқоли барқи 500 кВт «Ҷануб-Шимол» ва «Роғун-Душанбе», 220 кВт «Лолазор-Хатлон», «Тоҷикистон-Афғонистон», «Хуҷанд-Айнӣ», «Қайроққум-Ашт», «Геран-Румӣ», «Қайроққум-Суғд», «Айнӣ-Рӯдакӣ» ва дигарҳо заминаи асосии бунёди ҳалқаи энергетикии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд.

Ба андешаи мо, имрӯз яке аз самтҳои мубрами сиёсати давлатӣ дар соҳаи электроэнергетика ва рушди бозори фурӯши барқ – ин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқии худмухтор бо истифодаи технологияҳои муосир ва манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ ба ҳисоб меравад. Ин ба субъектҳои бозори фурӯши барқ имкон медиҳад, ки худ рушд карда, дар таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, саҳми арзанда гузоранд.

Зарурати сохтмони нерӯгоҳҳои бо технологияҳои муосир ва истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи барқ коркунанда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» [69] инъикос гардидааст. Дар ин маврид, давлат истифодаи манбаъҳои барқароршавандаро барои истеҳсоли нерӯи барқ дастгирӣ менамояд. Ин гуна дастгирӣ ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид ба истеҳсолкунандагони барқ, коҳиш додани сатҳи талаботи иқтисодиёти миллӣ ба нерӯи барқ, инчунин коҳиш додани таъсири бахши истеҳсоли нерӯи барқ ба муҳит ва зиёд шудани ҳиссаи манбаъҳои барқароршаванда дар тавлиди нерӯи барқ роҳандозӣ карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия», дастгирии давлатии истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегирад:

- муайян кардани сиёсати оқилонаи нархгузории нерӯи барқи дар манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшуда, ки ҳавасмандсозии истеҳсол ва хариди онро таъмин менамояд;

- ҳимояи истеҳсолкунандагони барқ дар манбаъҳои барқароршаванда аз рақобати ноодилонаи корхонаҳои инҳисории дар бозори фурӯши барқ амалкунанда;

- ба субъектҳои бозори фурӯши барқ, ки манбаъҳои барқароршавандаро истифода мебаранд, пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ вобаста аз ҳаҷми сармоягузорӣ ва иқтидори истеҳсолии онҳо;

- танзими тарифҳои нерӯи барқи дар нерӯгоҳҳои истифодбарандаи манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшаванда барои истеъмолкунандагон;

- муқаррар намудани муҳлати тезонидани истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар нерӯгоҳҳои истифодбарандаи манбаъҳои барқароршаванда;

- кафолати ба шабакаҳои барқӣ пайваст шудани истеҳсолкунандагони нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда;

- ҳавасмандсозии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нав барои истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди нерӯи барқ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорон;

- дастгирии илмию техникии сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳое, ки баркро бо истифода аз манбаъҳои барқароршаванда истеҳсол мекунанд.

Бо ба истифода додани нерӯгоҳҳои барқии мустақил дар бозори фурӯши барқ рақобати воқеӣ ба миён меояд, инҳисор дар истеҳсоли нерӯи барқ бартараф карда мешавад, эътимоднокии кори нерӯгоҳҳои барқӣ баланд, инчунин дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти онҳо беҳтар мегарданд. Дар натиҷа мустақилияти энергетикии мамлакат таҳким ёфта, раванди ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ суръат мегирад.

Бешубҳа, сохтмони босуръати нерӯгоҳҳои барқии муосир, рушди шабакаҳо ва хатҳои интиқоли баландшиддат, корбурди низомҳои дақиқ ва боэътимоди ченкунӣ ва метрологӣ, ташаккули низоми танзимгарии миллии ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи электроэнергетика ҷавобгӯ ба он оварда расониданд, ки талафоти барқ дар шабакаҳои интиқол ва тақсимот ба андозаи назаррас кам шуд, норасоии барқ коҳиш ёфт, номутаносибиҳо дар байни истеҳсол ва истеъмоли барқ, ки солҳои зиёд мавҷуд буданд, ба сатҳи паст расонида шуданд.

Дар қатори рушди босуръати иқтидорҳои истеҳсолию техникӣ ва зиёд шудани имкониятҳои дигари электроэнергетикӣ, инчунин омилҳои муҳими самаранокии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ин паст кардани арзиши аслии нерӯи барқ, роҳандозӣ намудани тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ ва эътимоднокии низоми таъмини барқ, роҳ надодан ба исрофкории дар равандҳои таъминоти барқ ҷойдошта ва баҳисобгирии вазъи иҷтимоии аҳолӣ ҳангоми ҷамъоварӣ намудани ҳаққи барқи истифодашуда мебошанд. Барои анҷом додани тадбирҳои мазкур бунёд намудани бозори комили фурӯши барқ зарур аст, дар акси ҳол танҳо рушди техникии соҳа бе роҳандозӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ ба натиҷаҳои интизорӣ оварда наметавонад. Вале, тавре мо дар натиҷаи таҳқиқоти худ муайян кардем, дар мамлакат бозори комили фурӯши барқ ташаккул наёфтааст. Ҳама корҳои дар давоми ислоҳоти низоми электроэнергетикии миллӣ иҷрошударо метавон чун иқдоми аввалӣ дар ин самт эътироф кард.

Ҳамин тавр, амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти сохтори амалкунандаи соҳаи электроэнергетика шакли дар расми 3.1. тасвиршударо мегирад.

Дар амсилаи таҳиянамудаи мо сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо нишон дода шудаанд. Бо хатҳои яклухт унсурҳои сохтории мавҷудбуда (нерӯгоҳҳо, шабакаҳои интиқол ва шабакаҳои тақсимоти барқ, истеъмолкунандагон) ва робитаҳои онҳо, бо хатҳои канда-канда – унсурҳои сохтории тавсияшаванда (маркази миллии танзими барқ, маркази ҳисобикуниҳо), ки ба унсурҳои бозорҳои яклухт ва чаканаи фурӯши барқ хизматрасонӣ мекунанд, инчунин робитаҳои онҳо тасвир шудаанд.

Тавре аз амсила ба назар мерасад, сарфи назар аз он ки дар бозори фурӯши барқ якчанд субъектҳо фаъолият мекунанд ва баъзеи онҳо мустақил ҳам ҳастанд, то ҳол стандартҳо ё қоидаҳои умумии барои ҳар кадоми онҳо мақбул таҳия нашудаанд. Ғайр аз ин, мақоми танзимкунанда, ки амалкунии муносибатҳои бозориро дар дохили субъектҳои асосии бозори фурӯши барқ ва байни онҳо (истеҳсолкунандагон, интиқолкунандагон, фурӯшандагон ва истеъмолкунандагони

барқ) таъмин кунад, муайян карда нашудааст. Мақоми танзимкунанда, ки имрӯз дар низоми электроэнергетикии мамлакат амал мекунад, - ШСХК «Барқи Тоҷик» бо вазъи ҳуқуқӣ ва бозории худ қодир нест, ки дар бозори фурӯши барқ механизми рақобати комилро ҷорӣ кунад.




**Расми 3.1. – Амсилаи сохтории рушди бозори фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ҳамзамон рушди босуръати соҳаи электроэнергетикаро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рӯзафзуни аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба нерӯи барқ талаб менамояд. Ба ин хотир, бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ таъмини роҳандозӣ намудани ислоҳот ба хотири ташаккули бозори фурӯши барқ дар асоси барномаи махсуси давлатӣ зарур аст. Ин барнома, ки бо назардошти хусусиятҳои мамлакат таҳия карда мешавад, бояд самтҳои

ислоҳот, амсилаи рушди бозори фурӯши барқ, принсипҳои таъсиси мақомоти танзимкунанда ва таҳияи стандартҳои дахлдорро муайян кунад.

Ба андешаи мо, муҳтавои амсилаи таҳияшавандаи рушди бозори фурӯши барқ бояд принсипҳои дар расми 3.2 тасвиршударо дар бар гирад.




**Расми 3.2. – Муҳтавои амсилаи рушди бозори фурӯши барқ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Раванди татбиқи принсипҳои мазкур ногузир бо душвориҳо дучор мегардад ва қабули қарорҳои сиёсии дахлдор, гузаронидани таҷдиди сохтории куллии соҳа ва таъсиси қисматҳои сохтории нав, инчунин баҳисобгирии хусусиятҳои мамлакат ва дастгириро аз ҷониби аҳли ҷомеа талаб мекунад.

Гузариш ба бозори рақибонаи фурӯши барқ бояд дар асоси амсилае анҷом дода шавад, ки истифодаи он дар амалияи байналмилалӣ тасдиқ шуда бошад. Дар ин маврид муайян кардани нақш ва хосагиҳои фаъолияти ҳар як иштирокчии бозор

муҳим мебошад. Бояд аниқ карда шавад, ки ҳар як иштирокчии бозор ба субъектҳои инҳисорӣ мансуб аст ё ба субъектҳои рақибонаи бозор.

Барои бунёди бозори рақобатпазири фурӯши барқ, мо пеш аз ҳама дигар кардани сохтори соҳа, таъсис додани чунин мақомот ва субъектҳои мустақили бозорро зарур мешуморем: мақомоти мустақили танзимкунанда (берун аз тобеияти ШСХК «Барқи Тоҷик»), маркази бозори фурӯши барқ, ки аз ду унсур – маркази миллии танзими барқ ва маркази ҳисобикуниҳои молиявӣ иборат аст. Хотиррасон мекунем, ки ин ду субъекти бозор дар амсилаи таҳиянамудаи мо, ки барои рушди бозори фурӯши барқ пешниҳод шудааст, оварда шудаанд. Инчунин таъсис додани корхонаҳои мустақили истеҳсол, таҳвил ва таъминкунандаи нерӯи барқ пешниҳод карда мешавад.

Мақоми танзимкунанда бевосита тарифҳои барқ ва нархномаҳои интиқол ва тақсимоти онро муайян ва тасдиқ мекунад, барои таҳияи методикаи ҳисобкунии тарифҳо, нархномаҳо, дастрасӣ ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ масъулият мебарад. Дар шароити нави бозор ҳукумат ё ҳамагуна хадамот ё агентии давлатӣ барои дахолат ба равандҳои фаъолияти бозор, ба хусус ба равандҳои нархгузорӣ дар бозорҳои яклухт ва чакана ҳуқуқ надорад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии бо иштирок ва дастгирии мақоми танзимкунанда таҳияшуда шароити комилро барои фаъолияти бозори ҳамгиро ва рақобатноки фурӯши барқ муҳайё месозанд. Ин санадҳо муқаррароти умумиро оид ба истеҳсол, интиқол ва фурӯши барқ муайян мекунанд. Бо ҳамин қоидаҳои ташкил ва пешбурди фаъолияти субъектҳо дар бозори фурӯши барқ мувофиқи талаботи муосир – дастрасӣ ба бозор, маҳакҳои озмунӣ барои сохтмони иншооти барқӣ ва иҷозатномадиҳӣ барои фаъолият дар соҳаи истеҳсол, интиқол ва фурӯши барқ муқаррар карда мешаванд.

Марказҳои бозори фурӯши барқ (маркази миллии танзими барқ, маркази ҳисобикуниҳои молиявӣ), ки маркази ягонаи низоми электроэнергетикӣ дар мамлакат ба ҳисоб мераванд, вазифаҳои танзимгар (оператор)-они техникӣ ва молиявиро иҷро мекунанд. Мувофиқи қоидаҳои нави пешниҳодшаванда интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ба намуди фаъолияти инҳисорӣ мансуб буда, истеҳсол ва

фурӯши барқ намудҳои фаъолияти рақибона мебошанд. Операторҳои шабакаҳои интиқол ва тақсимот набояд ба табъиз нисбат ба истеҳсолкунандагон, таъминкунандагон ва фурӯшандагон, инчунин истеъмолкунандагони ниҳойии нерӯи барқ роҳ диҳанд, хусусан ҳангоми пайваст кардан ба шабакаҳо ва муқаррар кардани меъёрҳои тарифӣ ва нархҳо.

Бозори фурӯши барқ, тибқи пешниҳоди мо, бояд бо иштироки давлат ва дар асоси принсипҳои рақобат ташаккул ёфта, асосҳои амалкунии он бо қонунгузорӣ муайян карда шаванд. Дар натиҷаи амалисозии пешниҳоди мо инҳисор дар ширкатҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда ва зарурати иштироки бевоситаи давлат дар бозори фурӯши барқ барҳам дода мешавад. Минбаъд бозори дохилии фурӯши барқ то ба сатҳи кушоди ба бозорҳои хориҷии минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайвастгардида рушд мекунад. Бо ҳамин ба вазифаҳои операторҳои шабакавӣ ҳуқуқи пайваст кардан ба шабакаҳои тамоми истеҳсолкунандагон ва таъминкунадагони барқ, интихоби ҳама гуна таъминкунандагон ва аз онҳо гирифтани нерӯи барқ барои истеъмолкунандагон (харидорон) илова мегардад. Принсипи интихоби озодонаи таҳвилкунанда аз ҷониби истеъмолкунанда метавонад ба кор бурда шавад, агар ҳама гурӯҳҳои саноатӣ ва коммуналии истеъмолкунандагон ба сатҳи истифодабарандаи баландмартаба расанд.

Яке аз талаботи асосии бозори дохилии фурӯши барқ ин ҷудо кардани интиқол ва тақсимоти барқ аз истеҳсол, таъминот ва фурӯши он мебошад. Мувофиқи талаботи пешниҳодшаванда, операторҳои шабакаҳои интиқол ва тақсимот бояд аз нигоҳи ҳуқуқӣ, идоракунӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ алоҳида фаъолият кунанд. Операторҳои маркази миллии танзими барқ ва маркази ҳисобикуниҳо чун субъектҳои мустақил таъсис дода мешаванд. Агар онҳо ҳамчун корхонаҳои фаръии ширкатҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда фаъолият кунанд, пас ҳуқуқи мустақилона қабул кардани қарорҳоро пайдо мекунанд.

Азбаски тибқи амсилаи пешниҳодшуда корхонаҳои истеҳсолкунандаи барқ ҳуқуқи инҳисорӣ надоранд, барои таъмини истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ онҳо дар шароити рақобат кор мекунанд ва моли худ – нерӯи баркро бо нархҳои дар бозор муқарраршуда мефурӯшанд. Ин корхонаҳо аз шабакаҳои интиқол ва

тақсимоти барқ, ки субъектҳои инҳисорӣ мебошанд, вобаста нестанд. Мақоми танзимкунанда ва дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ, ки бо танзими бозор муносибат доранд, барои қабули қоидаҳои таъминкунандаи воқеъбинона будани рақобат дар бозори фурӯши барқ масъулият мебаранд.

Дар баробари мақомот ва субъектҳои зикргардида, дар амалияи ҷаҳонии бозорҳои фурӯши барқ намудҳои махсуси фаъолияти хизматрасонӣ (сервис) дар асоси қарордодҳо ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд, чун: иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию созандагӣ, лоиҳавию сохтмонӣ дар соҳаи электроэнергетика, додани иҷозатномаҳо барои сармоягузориҳо, хизматрасониҳои техникӣ, алоқа, иртибот ва дигарҳо. Истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мақбул ҳисобида мешавад.

## ХУЛОСА

### *Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон дод, ки як қатор нуктаҳои назариявӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ таҳия карда шаванд. Ба шумори хулосаҳои муҳимтарини аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда инҳо мансуб мебошанд:

1. Дар натиҷаи таҳлили давраҳои таҳаввули бозорҳои фурӯши барқ, таҳқиқи адабиёт ва омӯзиши амалияи фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ тасдиқ менамоем, ки барои дуруст ташкил намудани фаъолияти субъектҳо дар бозори фурӯши барқ, пеш аз ҳама бояд ба моҳияти мафҳумҳои ба бозори мазкур алоқаманд сарфаҳм рафт. Бинобар ин, бозори фурӯши барқ ҳамчун яке аз намудҳои бозори мол, ки ба қонунҳои умумии иқтисоди бозорӣ тобеъ аст, баррасӣ мешавад. Дар ин маврид як қатор хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол муайян ва таҳқиқ карда шудаанд, ки бояд дар мавриди ташкили бозори фурӯши барқ ба ҳисоб гирифта шаванд [2-М; 13-М; 14-М].

2. Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳо дар бозор, дарк намудани хусусиятҳо, афзалиятҳо, сохтор ва вазифаҳои бозор, инчунин барои арзёбии самаранокии бозори фурӯши барқ муайян кардани асосҳои консептуалии фаъолият дар бозори мазкур муҳим мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқоти худ мо муайян кардем, ки вобаста ба хусусиятҳои нерӯи барқ ва бо баҳисобгирии аҳамияти иҷтимоию иқтисодии нерӯи барқ раванди ташаккули бозори фурӯши барқ аз равандҳои ташаккули бозорҳои дигар тафовут дорад. Бозори фурӯши барқ дар бештари мамлакатҳо дар таҳти назорати давлат қарор дошта, тавассути роҳандозӣ намудани ислоҳот дар соҳа рушд меёбад. Маҳз бо ташаббус ва иштироки бевоситаи давлат дар бозори фурӯши барқ муносибатҳои рақибона ҷорӣ карда мешаванд [2-М; 3-М; 14-М; 19-М].

3. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозорҳои фурӯши барқ нишон дод, ки имрӯз дигаргунсозиҳои сохтории соҳаи электроэнергетика на танҳо дар кишварҳои пешрафта, инчунин дар як қатор мамлакатҳои рушдкунанда низ ба як тамоюли ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Усулҳои танзими мустақим барои рушди бозори

фурӯши барқ ҳавасмандии басанда ба вуҷуд намеоранд. Бар асари ин дар мамлакатҳои хориҷӣ тамоюли маҳдудшавии танзими давлатии бевоситаи бозори фурӯши барқ ба назар расида, ба истифодаи усулҳои бозории танзими ғайримустақими тарифҳо диққати муҳим дода мешавад. Тасдиқ карда мешавад, ки барои роҳандозии ислоҳоти куллӣ ва самарабахш дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад [4-М; 6-М; 18-М].

4. Ба хотири таъмини ҳадафҳои миллии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шароити бозор, ҳимояи истеъмолкунандагон аз инҳисори корхонаҳои дар бозори фурӯши барқ хукмрон ва татбиқи тадбирҳои стратегӣ дар самти амнияти энергетикии мамлакат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва назоратро дар бозори фурӯши барқ ба уҳдаи худ гирифтааст. Тавассути вазифаҳои танзими давлатӣ назорати риояи қоидаҳои умумии фаъолияти тамоми иштирокчиён дар бозори фурӯши барқ анҷом дода мешавад. Таҳқиқи шароити табиӣ шаҳодат медиҳад, ки самти асосии рушди электроэнергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи энергетикаи обӣ мебошад. Бо тақсим кардани ширкатҳои инҳисории соҳаи электроэнергетика ва дар низоми идоракунии онҳо ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии корпоративӣ аксари мушкилоти дар низоми электроэнергетикии миллӣ ҷойдошта ҳалли худро меёбанд. Дар ин самт таҷрибаи ҷудо намудани низоми электроэнергетикии минтақаи Кӯҳистони Бадахшон аз низоми ягонаи электроэнергетикии мамлакат самари хуб додааст [1-М; 9-М; 17-М; 20-М].

5. Имрӯз дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мураккаби ташкилӣ-сохторӣ мушоҳида мешавад. Гарчанде ислоҳоти низоми электроэнергетикӣ дар тамоми солҳои истиқлолият идома дошта бошад ҳам, то ҳол бозори фурӯши барқ, ки ба талаботи муносибатҳои нави иқтисодӣ мувофиқ бошад ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат мусоидат кунад, ташаккул наёфтааст. Тавре дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ният дорад, ки то соли 2030 ислоҳоти соҳаи электроэнергетикаро

анҷом дода, амалкунии механизмҳои рақобатро дар бозори фурӯши барқ таъмин намояд [5-М; 17-М; 18-М].

6. Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ, ки бо густариши робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт алоқаманд аст, раванди ҳамгирошавии низомҳои электроэнергетикии миллӣ ва минтақавӣ хосияти объективӣ дошта, аз тамоюли ҷаҳонишавии бозорҳои фурӯши барқ гувоҳӣ медиҳад. Афзалияти асосии ҳамгирошавии низомҳои электроэнергетикии минтақавӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки маҳз сатҳи рушди субъектҳои бозори фурӯши барқ ва рушди технологии онҳо иқтидори рушди саноатии мамлакатҳои алоҳидаи минтақаҳоро муайян мекунад. Ҳоло дар раванди таъсиси бозорҳои минтақавии фурӯши барқ мушкилоти муайяне дучор мешаванд, ки аз ҷумла барои минтақаи Осиёи Марказӣ хос мебошанд. Вазъи сиёсии шиддатноки байни мамлакатҳои алоҳида, аз ҷумла муносибати тезутунди Ҷумҳурии Қирғизистон бо давлатҳои ҳамсояи худ дар солҳои охир яке аз чунин мушкилот ба ҳисоб меравад. Аммо, ин монеаҳо бо талошҳои байниҳамдигарии роҳбарияти ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ботадриҷ бартараф карда мешаванд [4-М; 6-М; 10-М; 21-М].

7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешомадҳои рушди соҳаи энергетика ва бозори фурӯши барқ дар асоси истифодаи захираҳои обии нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ бехавф умедбахш мебошанд. Ин аз нигоҳи саҳми минтақавӣ ва ҷаҳонии мамлакат дар паст намудани фишори экологӣ ба муҳити табиӣ, коҳиш додани ҳаҷми партовҳои гази карбон ва паёмадҳои бо таъсири манфии тағйирёбии иқлим дар табиат баамаломада ниҳоят муҳим аст. Сохтмон ва истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди барқ, аз ҷумла НБОХ метавонад дар ростои расидан ба ҳадафи якуми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – истиқлолияти энергетикӣ саҳми муҳим гузорад [1-М; 7-М; 10-М; 20-М; 21-М].

8. Инноватсияҳо ба рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла ба бозори фурӯши барқ таъсири мусбат мерасонанд. Онҳо чун самти густариши рақобатпазирии субъектҳои бозор ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ, паст шудани арзиши аслии он, кам кардани талафот ва баланд бардоштани самаранокии

фаъолият дар истеҳсол, тақсимот ва фурӯши барқ мусоидат мекунанд. Соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба татбиқи дастовардҳои илм ва техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, технологияҳои нави босамари истеҳсол ва истифодаи нерӯи барқ ниёз дорад. Яке аз самтҳои муҳими рушди инноватсионии бозори фурӯши барқ ин низоми электроэнергетикии тақсимшуда (ғайримарказонидашуда) мебошад. Низоми электроэнергетикии тақсимшуда пеш аз ҳама масъалаҳои истеҳсол ва таҳвили нерӯи барқро фаро мегирад [8-М; 17-М; 19-М; 22-М].

